**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 347.9 (575.3)
**ТКБ:** 67.404 (2Т)
**П** – 88

**ПӮЛОДЗОДА ШАҲНОЗАБОНУ ПӮЛОД**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАҲДУД НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛ (КОРУ ХИЗМАТРАСОНӢ) ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон **РАҲИМЗОДА М.З.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........................................................................................ 3

**МУҚАДДИМА**.......................................................................... 4-18

**БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ**............................................................. 19-78

1.1. Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ, ҳамчун омили маҳдудсозии рақобат ............................................................ 19 -50

1.2. Субъект ва объектҳои фаъолияти инҳисорӣ........................ 50-64

1.3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ ................................................. 65-78

**БОБИ 2. НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ**................ 79-146

2.1. Суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор ........................................................... 79-102

2.2. Созишнома (амалҳои мувофиқашуда)-и маҳдукунандаи рақобати субъектҳои хоҷагидор ................................................ 102-130

2.3. Рақобати бевиҷдонона ҳамчун натиҷаи фаъолияти инҳисорӣ.......................................................................................... 130-146

**БОБИ 3. ЧОРАҲОИ МАҲДУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ**........................................................................... 147-179

3.1. Азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагӣ.............................. 147-158

3.2. Танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз.................. 158-169

**ХУЛОСА**.......................................................................................... 170-179

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ** ..................................................... 180-181

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**...................................... 182-199

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ** ................................................................ 200-202

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО В (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси Ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ММИҲ** – Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқӣ

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ФР** – Федератсияи Россия

**КМ** – Кодекси маданӣ

**КҲМ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

**м.и.** – монанди инҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳои

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ш.** – шаҳр

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон модели иқтисоди бозориро интихоб намуд. Бояд қайд кард, ки ин гузариш на аз шакли иқтисоди анъанавӣ, балки аз низоми фармонфармоию маъмурӣ бо моликияти комили давлатӣ бар молу мулк ва иқтисодиёте, ки пурра таҳти назорати давлат қарор дошт, сурат гирифт. Дар ин раванд, гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққии ҷаҳон амалӣ гардид.

Пас аз расидан ба истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми иқтисоди бозориро қабул кард. Заминаи ҳуқуқии низоми нави иқтисодӣ дар моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [1]. Барои пешрафти иқтисодиёт рақобат ҳамчун асос дониста мешавад. Бинобар ин, таъмини рақобат бояд кафолати давлатӣ дошта бошад. Яке аз монеаҳои таъмини рақобат фаъолияти инҳисорӣ мебошад.

Низоми нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар давраи истиқлолият инкишоф ёфт. Ҳамрадиф бо расидан ба истиқлолияти миллӣ, ҷомеаи мо шоҳиди дигаргуниҳои амиқи сиёсӣ ва иқтисодӣ гардид, ки бевосита ба рушди иқтисодиёт таъсир расонд. Дар ин замина, сохторҳои нави ҳуқуқӣ ташаккул ёфтанд, ки ба талаботи замони нав мутобиқ буда, барои рушди устувори давлат заминаи мустаҳкам фароҳам оварданд.

Мубрамияти таҳқиқи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ аз нақши калидии он дар таъмини рушди иқтисодӣ ва пешрафти устувор сарчашма мегирад. Ин самт бевосита ба динамикаи равандҳои иқтисодӣ, сатҳи рақобатпазирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъсир мерасонад. Вақте ки

ширкатҳои алоҳида ё гурӯҳи субъектҳои хоҷагӣ дар бозор мавқеи ҳукумфармоӣ ба даст меоранд, онҳо қобилияти дасткорӣ ба нархҳо, назорати ҳаҷми истеҳсолот ва таъсир ба вазъи умумии иқтисодиро пайдо мекунанд, ки ин ба истеъмолкунандагон оқибатҳои манфӣ расонида, пешрафти иқтисодиётро бозмедорад. Бояд таъкид кард, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, фаъолияти инҳисорӣ натиҷаи амалҳои мақсадноки субъектҳои хоҷагӣ дар бозори мол, кор ё хизматрасонӣ буда, принсипҳои рақобатро дар доираи ин бозор халалдор мекунанд.

Дар бозор ҳамчун объект мол, хизматрасонӣ ва корҳо арзёбӣ мегарданд. Ба ғайр аз маҳсулоти истеҳсолшуда, омилҳои муҳими истеҳсолот, аз қабили нерӯи корӣ ва сармоя низ ҳамчун унсурҳои мустақили бозорӣ мавқеи хос доранд [5, с. 88].

Субъектҳои хоҷагие, ки мавқеи инҳисорӣ доранд, ба воридшавии соҳибкорони хурд ва миёна ба бозор монеъ мешаванд, ки ин боиси паст шудани сифати мол ва болоравии нархҳо мегардад.

Илова бар ин, маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон муҳим аст.

Ҷиҳати дигари зарари фаъолияти инҳисорӣ дар он аст, ки он таваҷҷуҳи сармоягузорони дохилӣ ва хориҷиро ба иқтисоди кишвар коҳиш медиҳад.

Танзими меъёрии пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар соҳаи тиҷорати мол, иҷрои корҳо ва пешниҳоди хизматрасонӣ нақши калидиро дар нигоҳдории рақобати одилонаи бозорӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон иҷро мекунад. Аммо воситаҳои ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон ба муқобили зуҳуроти инҳисорӣ истифода мешаванд, то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурати таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи онҳоро таъкид мекунад.

Аҳамияти омӯзиши масъалаҳои марбут ба маҳдуд кардани таъсири фаъолияти инҳисорӣ ва пешгирӣ аз амалияҳои рақобати бевиҷдонона аз эҳтиёҷ ба дарки хусусиятҳои низоми қонунгузории зиддиинҳисории

Тоҷикистон, ошкор кардани камбудиҳои мушаххас, ки дар ҷараёни татбиқи он зоҳир мегарданд ва таҳияи пешниҳодҳо барои такмили он вобаста аст. Чунин равиш имкон медиҳад ки самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ баланд бардошта шуда, заминаи устувортар барои рушди муҳити рақобатпазир фароҳам оварда шавад.

Мубрамияти таҳқиқ инчунин дар он ифода меёбад, ки маҳз дар натиҷаи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ рушди рақобат таъмин мегардад. Агар фаъолияти инҳисорӣ набошад, зарурат ба рақобат вуҷуд надорад ва иқтисодиёт низ рушд намекунад.

Омӯзиши илмӣ ва амалии танзими фаъолияти инҳисорӣ заминаи муҳимро барои пешбурди рушди иқтисодии кишвар фароҳам оварда, дар такмили низоми қонунгузории миллӣ нақши муассир ва муайянкунандаро иҷро мекунад. Шумораи зиёди ҷанбаҳои илмию амалии ин проблематика таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Сухан дар бораи масъалаҳои марбут ба истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ дар бозор, танзими меъёрии фаъолияти ташкилотҳои дорои нуфузи назаррас, муқобилаят бо амалҳои рақобати бевиҷдонона, назорат бар равандҳои таъсис ва муттаҳидшавии субъектҳои хоҷагӣ, тақсим ё ҷудокунии маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ, инчунин созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро байни иштирокчиёни бозор маҳдуд мекунанд ва дигар ҷанбаҳои марбут ба он меравад. Ин масъалаҳо таҳлили ҷиддиро талаб мекунанд, зеро ҳалли онҳо бевосита ба ташаккули муҳити бозории одилона ва рушдёбанда, ки ба инкишофи иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мусоидат мекунад, таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, омӯзиши маҷмуии масъалаи баррасишаванда аз аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ бархурдор аст. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар адабиёти илмии ватанӣ ба таври амиқ таҳлил нашудаанд.

Айни замон, танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ яке аз мушкилоти зарурӣ ва таҳқиқталаб дониста мешавад, зеро ҷанбаҳои норавшан ва масъалаҳои аз доираи таҳлил берунмонда дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба чашм мерасанд. Илова бар ин, тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар доираи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба таври пурра омӯхта нашудаанд. Ҳамчунин, консепсия ва нуқтаҳои назари ягонаи илмӣ вобаста ба ин масъала таҳия ва пешниҳод нагардидаанд.

Дар ин робита, омӯзиши низоми ҳуқуқии коҳиши фаъолиятҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, хизматрасонӣ ва корҳо аз аҳамияти хоса бархурдор буда, таҳлили назариявӣ ва амалии ин мавзуъ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар соҳаи илми ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ таҳлил ва таҳқиқ нашудааст. Ин мавзуъ паҳлуҳои зиёдро дар бар мегирад, ки қисматҳои алоҳидаи он аз ҷониби иддае аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ омӯхта шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили алоҳида оид ба ин масъала мавҷуд нест. Ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур вобаста ба танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) аз корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ: Д.А. Алешин [2, с. 496], А.И. Варламова [3, с. 170], К.Ш. Ғаюрзода [4, с. 170], А.В. Золотухин [17, с. 34], А.Қ. Каримов [18, с. 137], А.С. Пулотов [6, с. 206], М.З. Раҳимзода [7, с. 294], [8, с. 94], [9, с. 557], [10, с. 400], [11, с. 392], [12],

[13.], Д.Ш. Сангинзода [14, с. 424], Т.И. Султанова [15, с. 193], К.Ю. Тотев [16, с. 325], И.М. Шарипов [19, с. 176] истифода гардидааст.

Аммо мушкилоти танзими ҳуқуқии маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори молҳо (кор, хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати таҳқиқоти комплексии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт ба воситаи таҳлили ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот ба анҷом расонида шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи мавзуъҳои таҳқиқоти илмии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: «Такмили асосҳои ҳуқуқи хусусии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2019» ва «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021–2025» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳаввули низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баррасии назариявӣ ва амалии мушкилоти марбут ба маҳдуд намудани амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, хизматрасонӣ ва корҳо, ҳамроҳ бо таҳқиқи хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар амал ифода меёбад. Ин таҳқиқот на танҳо ба ошкор кардани камбудиҳои низоми мавҷуда, балки ба пешниҳоди роҳҳои такмили он нигаронида шудааст, то рақобати одилона таъмин гардад ва манфиатҳои иштирокчиёни бозор ҳифз карда шаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ.** Барои амалӣ намудани мақсадҳои гузошташуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- омӯзиш ва мушаххас намудани моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили асосии монеъи рушди рақобати солим дар бозор;

- таҳқиқи таркиби иштирокчиёни дар амалияҳои инҳисорӣ ҷалбшуда ва нақши онҳо дар маҳдуд кардани рақобати бозорӣ;

- баррасии амалҳое, ки дар доираи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун амалияҳои инҳисорӣ тасниф мешаванд, бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо;

- ошкор ва таҳлили ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукмфармоӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ;

- омӯзиш ва муайян намудани хусусияти амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро байни иштирокчиёни бозор маҳдуд мекунанд;

- таҳқиқи равандҳои таъсис, якҷояшавӣ ё ҳамроҳшавии субъектҳои соҳибкорӣ ва таъсири онҳо ба муҳити рақобатпазир;

- таҳлили тартиби тақсим ё ҷудокунии маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун воситаи танзими зиддиинҳисорӣ;

- таҳия ва асоснок намудани тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ, ки ба танзими фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, кор ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва таҳкими муҳити рақобатпазир.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳангоми маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор, хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд, ташкил медиҳанд. Илова бар ин, предмети таҳқиқот дастовардҳои илмӣ,

андешаҳо ва нуқтаи назарҳои олимонро вобаста ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ ва таъмини рақобат дар бар мегирад.

**Марҳилаҳо, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистонро дар соҳаи маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ фаро мегирад.

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2021–2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаҳои маҳдуд намудани фаъолияти инҳисориро таҳлил кардаанд, ташкил медиҳанд. Барои омода намудани диссертатсия аз корҳои олимони ватанӣ, аз қабили Д.А. Алешин, И.Ю. Артемев, Е.Н. Белкин, В.А. Белов, В.С. Белых, М.А. Ҷова, Ш.К. Ғаюрзода, Т.М. Звездина, А.В. Золотухин, А.Қ. Каримов, А.Ю. Кинев, Ҷ.С. Муртазозода, Н.А. Машкин, А.С. Пулодов, Д.А. Петров, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, Т.И. Султанова, А.С. Сталская, А.В. Спиридонова, К.Ю. Тотев, Н.Е. Фонарева, И.В. Ҷабуа, И.М. Шарипов, Ю.В. Шмелева ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумифалсафавии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, низомнок ва ҷамъбасткунанда истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ, барои таҳлил ва баррасии мафҳуми фаъолияти инҳисорӣ татбиқ гардидаанд.

Усули таҳлили мантиқӣ-лингвистӣ ба таҳлили дурусти истилоҳот, мафҳумҳо ва иборaҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуд. Бар асоси ин усул, истилоҳот, мафҳумҳо ва иборaҳои ҳуқуқӣ ба таври якхела ва аз ҷиҳати мантиқӣ ва забонӣ дуруст пешниҳод шудаанд.

Истифодаи усули диалектикӣ имкон дод, ки марҳилаҳои рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнок ва ҷамъбасти маводи меъёрӣ, илмӣ ва амалӣ, инчунин усулҳои муқоисавии ҳуқуқшиносӣ аз усулҳои махсуси илмӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор мераванд. Дар рафти таҳқиқот усулҳои мушаххаси илми ҳуқуқ, аз қабили расмӣ-ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқ, проблемавӣ-назариявӣ, низомӣ-сохторӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ ва ғайра фаъолона истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи омӯхташуда аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии мақомоти зиддиинҳисорӣ, дигар ҳуҷҷатҳои дохилӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқи ин мақомот барои ошкор ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ истифода шудааст.

Илова бар ин, асоси меъёрию ҳуқуқии таҳқиқотро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, санадҳои вазорату идораҳо, инчунин амалияи татбиқи қонунгузорӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Зарурати воқеии анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ аз эҳтиёҷ ба таҳлили дақиқ ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гуногуни муқобилият бо амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, кор ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки бо таваҷҷуҳ ба омӯзиши механизмҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии онҳо нигаронида шудааст, то камбудиҳо ошкор ва роҳҳои такмили низоме, ки ба эҷоди муҳити рақобати бовиҷдонона ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунанд, пешниҳод гарданд. Бар асоси баррасии дақиқ ва муқоисаи нуқтаи назарҳои гуногуни олимон, инчунин санадҳои меъёрӣ ва маълумоти амалӣ, пешниҳодҳо оид ба такмили муқаррароти қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

**I. Нуктаҳои хусусияти назариявӣ дошта:**

1. Асоснок карда мешавад, ки инҳисор фаъолияти субъектҳои хоҷагиест, ки дар бозори муайяни мол ё хизматрасонӣ мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ба ворид шудани дигар субъектҳо ба бозор монеъ мешаванд. Фаъолияти инҳисорӣ метавонад дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ, бастани созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро маҳдуд мекунанд, зоҳир гардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ мавҷуд нест. Мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор ба ҳолате дахл дорад, ки як субъекти хоҷагидор дар бозори маҳсулоти мушаххас мавқеи бартарӣ дошта, ба иштирокчиёни нави хоҷагидор имкони вуруд ба ин бозорро маҳдуд мекунад ё комилан пешгирӣ менамояд. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки ин холигӣ бояд бо роҳи ворид кардани таърифи дақиқи мавқеи ҳукумфармоӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бартараф карда шавад, ки ин имкон медиҳад заминаи ҳуқуқӣ мустаҳкам, шаффофияти танзим баланд ва муқобилаи босамар бо амалияҳои инҳисорӣ таъмин гардад, бо ин роҳ манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳифз ва ба рушди муҳити одилонаи бозорӣ мусоидат карда шавад.

2. Таъкид мегардад, ки гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагиро ташкил медиҳанд, ки аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бо робитаҳои молумулкӣ, ташкилӣ ё хешовандӣ пайвастанд. Чунин вазъият заминаи ҳуқуқии фаъолиятро фароҳам оварда, робитаҳои мутақобила байни иштирокчиёнро муқаррар мекунад ва имкон медиҳад, ки амалҳои баъзе аз ин шахсон нисбат ба дигарон пешакӣ муайян ё замина барои чунин муайянсозӣ таъмин гардад.

3. Таҳаввули заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи муҳити рақобатпазир ва пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудааст, ба якчанд марҳилаи муҳими таърихӣ тақсим карда мешавад, ки ҳар яке саҳми назаррас дар ташаккули низоми муосири танзим дорад:

а. Марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқие, ки рақобат ва муқобила бо тамоюлҳои инҳисориро танзим мекунанд, аз соли 1991 то соли 1994-ро дар бар мегирад. Дар ин давра, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз соли 1993 заминаи асосиро барои сиёсати зиддиинҳисорӣ гузошт ва қадами аввал ба сӯи эҷоди шароит барои рақобати одилонаи бозорӣ буд.

б. Марҳилаи дуюм, ки бо таҳияи чаҳорчӯбаи асосии қонунгузории ҳифзи рақобат ва маҳдудкунии амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, аз замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007 идома ёфт. Дар ин давра, якчанд санадҳои муҳими меъёрӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 9 ноябри соли 2000 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 28 июли соли 2006 қабул шуданд, ки дар маҷмуъ заминаи ҳуқуқии бештар сохторбандшударо барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва соҳибкорон ташкил доданд.

в. Марҳилаи сеюм, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад, талош барои муосирсозии танзими зиддиинҳисорӣ, баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти муосири иқтисодиро инъикос мекунад, ки ба эҷоди муҳити устувор ва одилонаи бозорӣ мусоидат намуда, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни бозорро дастгирӣ мекунад.

4. Мавқеи ҳукумфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорро аз ду дидгоҳи мухталиф – маҳдуд ва васеъ – баррасӣ кардан мумкин аст. Дар маънои маҳдуд, ин ҳиссаи мавҷудияти субъекти хоҷагидор дар бозор аст, ки аз сатҳи муқарраршудаи қонунгузорӣ зиёд мебошад. Дар маънои васеъ, мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои беназири субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад.

Нишонаи асосии мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозори маҳсулоти мушаххас, хизматрасонӣ ё корҳо ҳолате аст, ки субъекти хоҷагидор ҳиссаи назарраси бозорро ишғол карда, ин мавқеъ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ расман ҳамчун ҳукумфармоӣ эътироф шудааст, ки ин ба ӯ имкон медиҳад ба муҳити рақобатпазир таъсири ҷиддӣ расонад. Ин зарурати назорати қатъии мақомоти танзимкунандаро барои ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва нигоҳдории рушди одилонаи бозор таъкид мекунад.

5. Ҳадафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъи ҳама гуна созишномаҳо нест, балки танҳо онҳое мебошанд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд. Шакли хатарноктарини созишномаи зиддирақобатӣ картел мебошад. Таҳлили ин меъёр имкон медиҳад, то хулоса карда шавад, ки иштирокчиёни картел танҳо субъектҳое буда метавонанд, ки бо ҳам рақобат мекунанд. Мушаххас карда мешавад, ки таърифи мафҳумҳои “картел” ва созишномаҳои уфуқӣ, ки дар банди 22-юми м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» оварда шудаанд, аз лиҳози мундариҷа хеле фарох буда, имкони бастани созишномаҳои уфуқӣ байни субъектҳое, ки рақиби якдигар нестанд, фароҳам меорад. Дар ин робита, зарур аст, ки ин таъриф бознигарӣ ва мушаххас карда шавад, то бо консепсияи картел, ки дар моддаи 7-и қонуни мазкур оварда шудааст, мутобиқ гардад ва шаффофият ва якхелагии танзими ҳуқуқӣ таъмин шавад. Ба андешаи муҳаққиқ, картел бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб, яъне байни онҳое, ки дар як бозори маҳсулот фурӯшандаанд ё дар ҳамон бозор харидор мебошанд, баррасӣ шавад, ки ин зарурати назорати қатъии чунин созишномаҳоро барои ҳифзи рақобати одилона ва пешгирӣ аз зарар ба истеъмолкунандагон ва иқтисодиёт таъкид мекунад.

6. Асоснок карда мешавад, ки барои рушди рақобат ва пешгирӣ аз маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ азнавташкилдиҳии маҷбурии субъекти дорои мавқеи ҳукумфармоӣ зарур аст. Чунин азнавташкилдиҳӣ бояд

тариқи тартиби судӣ анҷом дода шавад. Омили асосии тақсимоти маҷбурӣ, ба ақидаи муаллиф, набудани вобастагии молумулкии субъектҳои тақсимшаванда, набудани робитаҳои технологӣ байни воҳидҳои сохтории субъектҳои хоҷагидор ва имконияти фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори моли муайян дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

**II. Пешниҳодҳои хусусияти амалӣ дошта:**

Бо мақсади такмили низоми танзими зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) нигаронида шудааст, пешниҳод мегардад, ки моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо таърифи дақиқи мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ» дар шакли зерин пурра карда шавад: «Азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ тартиби ҳуқуқиест, ки бо ҳадафи мусоидат ба рушди рақобати солим ва шаффоф дар асоси қарори суд оид ба тақсим ё ҷудо кардани шахси ҳуқуқие, ки мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор дорад, дар ҳолати такроран анҷом додани амалҳои инҳисорӣ амалӣ мегардад, ки ба барқарорсозии муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад».

Илова бар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар банди 18-уми м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», ки ба таърифи ҳуқуқии мафҳуми «рақобати бевиҷдонона» бахшида шудааст, пас аз ибораи «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибораҳои «мухолиф ба принсипҳои ахлоқ ва баробарӣ» илова карда шавад, то дақиқтар, пурра ва аз ҷиҳати ахлоқӣ асоснок гардад. Бо ин роҳ заминаи ҳуқуқии муқобила бо амалияҳои бевиҷдонона мустаҳкам ва ҳифзи боэътимоди манфиатҳои иштирокчиёни бозор таъмин карда шавад.

Пешниҳод мегардад, ки ба м. 2-и Қонуни ҶТ«Дар бораи ҳимояи рақобат» иловаи зерин ворид карда шавад: «Мавқеи ҳукумфармоӣ – ин суиистифода аз рафтори яктарафаест, ки бо истифода аз имкониятҳои афзалиятнок дар бозор муҳити рақобатиро маҳдуд месозад ва ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонад».

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун тавсияҳо барои такмили қонунгузории амалкунандаи зиддиинҳисорӣ ва амалияи татбиқи он, дар раванди таълим, инчунин ҳангоми таҳия ва таълими курси махсуси «Ҳуқуқи рақобатӣ» истифода шаванд. Илова бар ин, нуктаҳои баррасишуда ва хулосаҳои дар асоси онҳо пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби нафароне, ки дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ таҳқиқот мебаранд, мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофшудаи Тоҷикистон, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаҳо ва дигар дастовардҳои дар муҳити илмӣ пазируфташуда, инчунин омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ-

назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки метавонанд ба такмили қонунгузорӣ дар самти маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии шуъба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо пешниҳод ва муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, маърӯзаҳо дар конфронсҳои зерин пешкаш гардидаанд:

– Маводи маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ ENGLLESS LIGHT in SCIENCE – маърӯза дар мавзуи «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ» (25 июли 2023). – Алматы, Қазоқистон, – С. 38–47;

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115-солагии Академики АИ СССР Б. Гафуров» – маърӯза дар мавзуи «Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» – 27.10.2023. Қисми 1. Ҳуқуқ, Иқтисодиёт – С. 153–158;

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Рушд ва дастгирии рақобат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5-уми декабри соли 2023);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замин дар даврони муосир» – маърӯза дар мавзуи

«Фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун шакли маҳдудсозии рақобат» (13-уми октябри соли 2023);

– Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд» – маърӯза дар мавзуи «Тақсим ва ҷудо кардани маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ» (3-юми сентябри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 5 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили маҳдудсозии рақобат

Машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва муҳими инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Тавре ки дар манбаъҳои ҳуқуқии ватанӣ таъкид гардидааст, дар низоми ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳо ва озодиҳои иқтисодӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ мавқеи хос ва мустақилро ишғол мекунад. Машғул шудан ба ин фаъолият ифодаи озодии амалӣ кардани соҳибкорӣ буда, ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдӣ ва озодиҳои муҳими инсон ва шаҳрванд арзёбӣ мегардад. Гарчанде ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба таври мустақим ҳамчун яке аз шаклҳои ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам нагардида бошад, аммо он аз муҳтавои қисми дуюми ҳамин модда бармеояд, ки тибқи он давлат озодии фаъолиятҳои иқтисодӣ ва соҳибкориро ҳимоя ва кафолат медиҳад. Мувофиқи моддаи 19-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ҳуқуқ ҳамчун ҷузъи муҳими салоҳияти ҳуқуқии шаҳрвандон эътироф гардидааст [64, с. 9-10].

Асоси ташаккули фаъолияти соҳибкориро рақобат ташкил дода, вай барои баланд гардидани касбияти соҳибкорон, баланд шудани сифати мол, кор ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд. Бояд қайд намуд, ки рақобати озод дар бозор барои рушди соҳибкорӣ ва дар умум барои пешрафти иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Лозим аст таъкид кард, ки динамикаи бозор ҳамеша ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири фаъолиятҳои соҳибкорӣ арзёбӣ мегардад ва тасаввур кардани амалиёти соҳибкорӣ бидуни вуҷуди рақобати солим дар он амрест ғайривоқеӣ [106, с. 106]. Маҳз рақобат тағйиротро дар низоми тақсимоти эҳтиёҷот муайян месозад [87, с. 8]. Ҳамчунин, рақобат соҳибкоронро водор менамояд, ки сифати маҳсулотро беҳтар намуда,

арзиши хароҷоти истеҳсолотро кам намоянд [124, с. 20] ва он аз ҷумлаи муҳимтарин омили баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ мансуб дониста мешавад [140, с. 5].

Дар шароити мавҷудаи иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ унсури асосии муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Лозим аст таъкид намуд, ки бозор ҳамчун танзимгари муҳими маҷмуи иқтисодӣ як низоми муносибатҳои молию молиявӣ дар ҷараёни хариду фурӯш арзёбӣ мегардад, ки дар асоси қонунҳои иқтисодии талабот, пешниҳод ва арзиш ташаккул ёфта, фаъолияти иқтисодиро ба таври муназзам пеш мебарад [29, с. 7].

Аз ин нигоҳ, амалисозии пурраи фаъолиятҳои соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад, ки пешрафти иқтисодии кишвар таъмин гардад ва замина барои рушди устувор гузошта шавад. Дар баробари ин, яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол ин гузариш аз иқтисоди дастурӣ ба иқтисоди бозорӣ буда, ин таҳаввул як марҳилаи муҳими тағйироти низоми иқтисодии ҷумҳурӣ ба шумор меравад [75, с. 4].

Тасаввур кардани низоми бозорӣ бидуни нақши фаъоли давлат амри муҳол аст, зеро давлат тавассути тасвиби санадҳои ҳуқуқии дахлдор ин низомро танзим намуда, барои фаъолияти мӯътадили он шароит муҳайё месозад [91, с. 184].

Бо мақсади таъмини рақобати озод дар доираи фаъолиятҳои соҳибкорӣ, санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, мақомоти махсуси давлатӣ барои назорат ва иҷрои ин санадҳо таъсис ёфтаанд, ки ин аз аҳамияти бузурги ин падида дар иқтисоди муосир шаҳодат медиҳад. Дар айни замон, дар баробари рақобат, фаъолияти инҳисорӣ низ яке аз унсурҳои калидӣ ва муҳими иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Омили муҳимтарини пешрафти иқтисодиёт ва тараққиёти кишвар, пеш аз ҳама, дар ривоҷу равнақи фаъолияти озоди иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, зоҳир мегардад, ки ин ба рушди ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 тасвиб шудааст, ин нукта ба таври возеҳ баён гардидааст: «Дар сатҳи конститутсия интихоби шакли иқтисоди бозорӣ, кафолат додани фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳои бо қонун манънашуда, инчунин, озодии рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, муҳайё намудани фазои ягонаи иқтисодӣ, шомилшавии кишвар ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, ташкил намудани заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ ва додани кафолати шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, воситаи асосии пешрафти соҳибкорӣ дар мамлакат мегардад» [7, с. 21].

Амалӣ намудани фаъолиятҳои соҳибкорӣ яке аз шаклҳои муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор рафта, ҳадафи асосии он дарёфти даромад ва таъмини рушди иқтисодӣ мебошад. Ҳуқуқи пайвастан ба фаъолияти соҳибкорӣ дорои ҷанбаҳои гуногун буда, аз ҷумла имкони интихоби самт, навъ ва сохтори фаъолияти соҳибкориро дар бар мегирад, ки ба соҳибкор озодии амалӣ кардани нақшаҳои худро медиҳад. Ин фаъолият метавонад дар соҳаҳои истеҳсолот, тиҷорат ё пешниҳоди хизматрасониҳо ба таври муассир ҷараён ёбад [78, с. 34].

Бояд қайд намоем, ки иштирокчиёни муносибатҳои соҳибкорӣ барои ба даст овардани фоида аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мебаранд. Вобаста ба ин, Ф.М. Нодиров қайд менамояд, ки барои ба даст овардани фоида соҳибкор аз усулу воситаҳое истифода менамояд, ки на танҳо ба инкишофи истеҳсолот ва қонеъ намудани талаботи ҷомеа мусоидат менамоянд, балки боиси монеъ шудани инкишофи иқтисодиёт низ мегарданд. Аз ҷумла, истифодаи исрофкоронаи захираҳои табиӣ,

харидорӣ намудани патенти ихтироъ, моделҳои судманд ва намунаҳои саноатӣ бидуни истифодаи онҳо, рекламаи муқоисавие, ки боиси табъизи рақибон мегардад, паҳн намудани маълумоти бардурӯғ дар бораи мол, гумроҳ намудани истеъмолкунандагон ва ҳоказо. Ҳолатҳои ишорашуда зарурати танзими давлатии муносибатҳои рақобатнок ва дар маҷмуъ, муқаррар намудани қоидаи рафтори субъектҳои рақобатро дар бозор тақозо менамоянд [53, с. 43].

Чи тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд: «қонунгузории зиддинҳисорӣ ҷараёни инҳисоркунонӣ ва ҷамъкунии сармояро маҳдуд намекунад, балки танҳо баъзе шаклҳои ба бозор зарароварро маҳдуд менамояд» [65, с. 54].

Асоси рушди соҳибкорӣ ва ташаккул ёфтани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи б. 44 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 иқтисоди бозорӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ, озодии соҳибкорӣ ва озодии рақобат мебошад [7, с. 21].

Вобаста ба моҳияти рақобат А.Қ. Каримов чунин қайд менамояд: «Рақобат дар раванди муносибатҳои иқтисодии ҷомеа нақши хеле калон дошта, дорои функсияҳои танзимнамоӣ, тақсимкунӣ ва назорат мебошад» [121, с. 24].

Ба андешаи Тоҷиддинова С., «шарти ҳатмии рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мавҷудияти субъектони рақобаткунанда ва фазои мусоиди рақобат мебошад. Маҳз ҳамин ду шарти муҳим ба ташаккули босамари бозор мусоидат мекунанд ва имкон медиҳанд, ки нобаробарии бар асари сабабу ҳолатҳои мухталиф рӯйдодаи иқтисодиёт бартараф карда шавад» [82, с. 66].

Рақобат намудҳои хосро дорад, ба монанди рақобати фурӯшандагон ва харидорон, инфиродӣ ва гурӯҳӣ, дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ, нархӣ ва ғайринархӣ, бовиҷдонона ва бевиҷдонона [104, с. 189]. Ба андешаи Д.Ш. Сангинов ва Б.Ш. Ғаюрзода, барои фаҳмиши рақобат ва дастрасӣ ба бозор таснифоти рақобати байни иштирокдорони касбии бозори молӣ

зарур аст. Мувофиқи он рақобатро ба ду намуд ҷудо мекунанд: рақобати нархӣ ва ғайринархӣ. Сухан дар бораи вазъе меравад, ки моли як иштирокдори бозор аз рӯйи навъ ва сифат ба худ ҳамто надорад. Дар ин маврид дар фурӯши моли муайян, иҷрои кор ва ё хизматрасонии музднок ҳолати инҳисорӣ ҷой дорад. Субъекте, ки чунин вазъ дорад, ҳатман бояд аз ҷониби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба қайд гирифта шавад ва ба феҳристи махсус ворид гардад. Баъди аз чунин расмиёт субъекти мазкур наметавонад озодона нархи моли худро баланд ё паст намояд. Дар мавриди дуюм иштирокдори бозори мол ба воситаи паҳн намудани реклама, сарпарастии лоиҳаҳои иҷтимоӣ, варзишӣ, таълимӣ, баъди аз фурӯш ройгон ба ҷойи муайян ҳамлу нақли моли харидор, оид ба навъи молҳо гузаронидани бозиҳои бурднок, дар асоси қарзи молӣ, тиҷоратӣ ва дигар имтиёзҳо фурӯхтани мол ва ғайра харидорро ба фаъолияти худ ҷалб менамояд [131, с. 111].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода: “Ҳадафи сиёсати зиддиинҳисории давлат пурра аз байн бурдани фаъолиятҳои инҳисорӣ набуда, балки аз байн бурдани сохторҳои инҳисории ба механизми бозорӣ таъсири харобиовар расонанда ва онро ба манфиати худ истифодабаранда мебошад” [63, с. 52].

Лозим аст зикр кард, ки вожаи “инҳисор” решаи истилоҳоти “монополистӣ” ва “зиддиинҳисорӣ” буда, маънои мафҳумҳои аз он бароmадаро муайян месозад ва ба фаҳмиши дақиқи онҳо мусоидат мекунад. Дар низоми қонунгузории феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти “инҳисор” ва “инҳисорӣ” ба таври фаъол истифода бурда мешаванд. Ин истилоҳ аз калимаи лотинии “mono”, ки ба маънои “як” ё “танҳо” аст ва калимаи юнонӣ “polein”, ки маънои “фурӯхтан” дорад, сарчашма мегирад. Инҳисор як иттиҳодияи сармоягузорон аст, ки ба ҷамъоварии сармояи аз ҳад зиёд нигаронида шуда, дар як бахши муайяни иқтисодиёт мавқеи бартарӣ дошта, даромади бузург ба даст

меорад [83, с. 68]. Аз ин рӯ, аз нигоҳи этимологӣ, калимаи “инҳисор” ба маънои “фурӯшандаи ягона” тафсир карда мешавад.

Дар чаҳорчӯби қонунгузории ҷорӣ, яке аз масъалаҳои муҳими мавриди таваҷҷуҳ ин муайян кардани хусусияти ҳуқуқии инҳисор ба ҳисоб меравад, зеро он барои танзими муносибатҳои бозорӣ нақши муҳим дорад.

Таърифи фаъолияти инҳисорӣ дар моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимои рақобат” ба таври зерин оварда шудааст: «Фаъолияти инҳисорӣ ин суиистифодаи субъекти хоҷагидор (иштирокчии бозор) ё гурӯҳи шахсон аз мавқеи бартарӣ, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амалҳои ҳамоҳангшуда мебошад, ки тибқи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ гардидаанд» [13].

Мувофиқи қонун, амалҳои зерин ҳамчун фаъолияти инҳисорӣ шинохта мешаванд:

– созишномаҳои байни иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ, ки ба маҳдуд кардани рақобати солим нигаронида шудаанд;

– рафтори зиддирақобатии иштирокчиёни бозор, ки ба муҳити рақобатӣ зарар мерасонад;

– истифодаи нодуруст аз мавқеи бартарӣ аз ҷониби иштирокчиёни бозор, ки ба маҳдудияти озодии рақобат оварда мерасонад.

Маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар ҶТ аз ҷониби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо роҳи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкорӣ барои бастани аҳдҳои пешбининамудаи қонун ё анҷом додани амалҳои муайян бояд розигии пешакии онро гиранд.

Таъкид кардан зарур аст, ки мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ масъулияти амалисозии сиёсати зиддиинҳисориро дар самти пешрафти бозорҳо ва таъмини рақобати фаъол дар фаъолиятҳои соҳибкорӣ бар дӯш доранд, то муҳити иқтисодии солим фароҳам оварда шавад.

Вазифаҳои калидии ин мақомот аз мусоидат ба рушди рақобати одилона, огоҳсозӣ, ҷилавгирӣ, маҳдудсозӣ ва қатъ кардани амалҳои инҳисорӣ ва рақобати ноодилона, ҳавасмандсозии ташаккули муносибатҳои бозорӣ тавассути пешбурди рақобат ва соҳибкорӣ, амалӣ намудани назорати давлатӣ барои риояи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешидани тадбирҳо барои ғайриинҳисорӣ кардани равандҳои истеҳсол ва муомилоти маҳсулот, назорат бар риояи меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таъсис, азнавсозӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо, санҷиши хариди саҳмияҳо ва ҳиссаҳои дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ дар сармояи оинномавии (шариконаи) субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо, ки метавонад ба бартарӣ ёфтани мавқеи субъектҳои хоҷагидор дар бозорҳои маҳсулот оварда расонад ё ба маҳдудшавии рақобат сабаб гардад, пешниҳоди тавсияҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмили низоми қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи хулосаҳо дар бораи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти бозор ва пешрафти рақобат дахл доранд, пешниҳоди роҳнамоҳо ба мақомоти давлатӣ барои гузаронидани чорабиниҳо, ки ба рушди бозорҳои маҳсулот ва рақобати солим мусоидат мекунанд ва ғайра иборат мебошад [13].

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор на ҳама гуна шакли ҳукмфармоӣ, балки мавқеи ҳукмфармоии ғайриҳуқуқӣ, аз ҷумла муқаррар кардан, нигоҳ доштани нархи паст ё баланди инҳисории мол, гирифтани мол аз муомилот, ба шарикон пешниҳод намудани шартҳои беманфиат барои он ё ба мавзуи шартнома мансубнабуда, бе асос кам кардан ё қатъ намудани истеҳсоли мол ва ғайра ҳамчун инҳисор эътироф карда намешавад.

Ба ин тартиб, зери мафҳуми инҳисор на танҳо бартарӣ доштан дар бозор, балки комилан аз байн рафтани рақобати солим дарк карда

мешавад, ки дар ин ҳолат ҳар гуна хусусияти ғайриқонунии он пурра рад карда шуда, инҳисоротҳои табиӣ ҳамчун як таҷрибаи қонунӣ мавриди танзим ва санҷиши давлатӣ қарор мегирад, то муносибатҳои бозорӣ ба таври мӯътадил идома ёбанд.

Ба ақидаи Д.П. Бойматова инҳисор ҳукмронӣ дар бозор аз тарафи як ҷамъият ва ширкат аст. Рақобат дар ин ҷо комилан хориҷ карда шудааст, механизмҳои бозорӣ амал намекунанд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо маҳз инҳисор шакли муассири ташкили бозор аст, масалан, вақте сухан дар бораи инҳисороти табиӣ меравад [145, с. 53]. Дар қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ мафҳуми "зиддиинҳисорӣ" вуҷуд надорад ва дар он на вазифаи амалҳои зиддиинҳисорӣ, баръакс масъалаҳои банизомдарорӣ, дастгирии давлатӣ ва ғайра танзим гардидаанд.

Бинобар ин, моҳиятан қонунгузор имкони мустаҳкам намудани ягон аломати объективӣ барои фарқ намудани ҳадди "инҳисороти табиӣ" ва соҳаи амалҳои речаи зиддиинҳисориро пайдо накардааст ва ин вазифа тавассути нишон додани соҳаҳое, ки таҳти инҳисороти табиӣ қарор доранд, имкон дорад.

Тавсифи дигари инҳисорро чунин мешуморанд: «Рақобат вазифаи асосии иқтисоди бозорӣ аст, зеро механизмеро ташкил менамояд, ки дар бозор баробарии арзиши кор ва хизматрасониро вобаста ба таносуби талабот ва пешниҳод ба онҳо муқаррар менамояд. Аз ин ҷо, инҳисор ба рақобат муқобил мебошад, вақте теъдоди фурӯшандагон он қадар кам мешавад, ки ҳар як фурӯшанда метавонад тавассути танзими пешниҳоди мол ба нархи онҳо таъсир расонад, ки ин дар ниҳоят ба тақсимоти нодурусти захираҳо оварда мерасонад» [39, с. 32].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода ва А.Қ. Каримов: «Фаъолияти инҳисорӣ дорои нишонаҳои зерин мебошад: а) на танҳо дар шакли амал, балки беамалӣ ифода меёбад, б) ин ё он амал (беамалӣ) ҳамон вақт фаъолияти инҳисорӣ эътироф карда мешавад, ки қонунгузории инҳисориро вайрон

намояд, в) мақсади амал (беамалӣ) роҳ надодан, маҳдуд кардан ё бартараф намудани рақобат дониста мешавад» [66, с. 54].

Ба андешаи Ф.М. Нодиров: «новобаста аз тавсифҳои гуногуни инҳисор – моҳияти он дар ҳолати истисноии фаъолияти соҳибкорӣ ифода шуда, ба ӯ имконият медиҳад, ки ба шартҳои умумии муомилоти мол (кор, хизмат) дар бозори муайян таъсири ҳалкунанда расонад» [53, с. 43].

Дар бозор иштирокчиёни он, ки ба фаъолияти инҳисорӣ машғул буда, «мавқеи инҳисорӣ» доранд, дар натиҷа барои воридшавии дигар иштирокчиёни ба бозор монеа месозанд. Инҳисор як навъи рафтори иқтисодист, ки дар он як иштирокчии муносибатҳои бозорӣ нисбат ба рақибони худ мавқеи бартарӣ дошта, маҳсулот, хизматрасониҳо ва корҳоро ба муштариён бо ҳаҷми бештар ва таъсири қавитар пешниҳод мекунад, ки ин ба маҳдудияти имкониятҳои дигарон оварда мерасонад.

Фаъолияти инҳисорӣ он навъи амалиётест, ки субъектҳои хоҷагидор тавассути мутамарказсозии густурдаи равандҳои истеҳсолӣ ва сармоя бо ҳадафи муқаррар кардани нархҳо ва дарёфти даромади бузург бозорро зери назорат мегиранд, то мавқеи худро мустаҳкам созанд. Омили калидии пайдоиш ва ташаккули инҳисор "талоши ширкатҳо ва иттиҳодияҳо барои ҳифзи худ аз ноустувории молиявӣ" арзёбӣ мегардад [28, с. 97].

Бархе аз субъектҳои хоҷагидор тавассути ҳамгироии амудӣ ба фаъолиятҳои инҳисорӣ машғул шуда, гардиши маҳсулотро аз марҳилаи истеҳсолот то фурӯши чакана пурра зери назорат мегиранд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад бозорро идора кунанд.

Фаъолияти инҳисорӣ дар ҳолатҳои зерин зуҳур мекунад:

- як фурӯшанда дар истеҳсолот (ё бозор) ё қисмати бузурги соҳа бартарӣ дошта, нархҳоро мустақилона муайян мекунад ва ин ба маҳдудияти имкониятҳои дигарон мусоидат мекунад;

- дар бозор рақобати солим маҳдуд гардад, ки ба кам шудани озодии интихоби муштариён оварда мерасонад.

Илова бар ин, монеаҳои вуруд барои субъектҳои нав мавҷуданд, ки ин ба маънои он аст, ки дохил шудан ба бозор барои иштирокчиёни нав мушкил мебошад, зеро муштариён маҳсулоти ширкатҳои собит ва бонуфузро нисбат ба маҳсулоти воридкунандагони нав бартарӣ медиҳанд. Ғайр аз ин, як субъекти фаъолияткунанда метавонад бо нархҳои рақобатпазир маҳсулот истеҳсол кунад, дар ҳоле ки воридкунандагони нав дар марҳилаи аввал қобилияти рақобат бо чунин нархҳоро надоранд.

Фаъолияти инҳисорӣ аксар вақт ба амалҳои ноодилонаи тиҷоратӣ, аз қабили муқаррар кардани нархҳои аз ҳад баланд ё пасти инҳисорӣ, афзоиши нархҳо болотар аз хароҷоти воқеии истеҳсолӣ, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои ғайримувофиқ ба стандартҳо ва дигар амалҳои зараровар оварда мерасонад, ки ба манфиатҳои муштариён ва бозор зиён мерасонад.

Фаҳмиши озодии рақобат комилан бо маънои иқтисодии истилоҳи “инҳисор” мувофиқат мекунад, зеро он муҳити рақобатии солимро таъмин мекунад. Дар айни замон, рақобати озод ҳамчун вазъияте дарк карда мешавад, ки дар он на фурӯшанда ва на харидор қудрати назорати нархҳои маҳсулотро дар бозор надоранд ва ҳама имкони интихоби озодона доранд. Маҳдудсозии рақобат ҳамчун нишонаи фаъолияти инҳисорӣ эътироф гардида, ба муҳити бозор таъсири манфӣ мерасонад.

Ба андешаи Д.А. Ҷaборов: «фаъолияти маҳдуднашудаи инҳисорӣ рақобатро паст мекунад ва ба маҳдудкунии озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Омили асосии маҳдуд намудани боздорандаи фаъолияти инҳисорӣ ва нигоҳдории рақобат қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад» [153, с. 48].

Ҳатто тибқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ фаъолияти инҳисорӣ зиддиқонунӣ буда, ҳамчун ҷиноят тибқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 273) ба ҳисоб гирифта мешавад [4].

Дар иқтисодиёт якчанд намуди инҳисор ҷудо карда мешавад. Инҳо навъҳои гуногуни инҳисор ба ҳисоб мераванд:

– инҳисори хусусӣ – инҳисорест, ки ба шахс ё гурӯҳи шахсон тааллуқ дошта, ба гирифтани фоида нигаронида шудааст;

– инҳисори оммавӣ – инҳисоре мебошад, ки ба давлат тааллуқ дорад;

– инҳисори соф ё мутлақ – инҳисоре, ки тамоми пешниҳоди маҳсулоти худро дар бозор бе ягон шакли рақобат назорат мекунад. Ин имконпазир аст, зеро дар бозор ивазкунандаи комил вуҷуд надорад;

– инҳисори номукаммал – инҳисоре, ки тамоми пешниҳоди маҳсулоти худро дар бозор назорат мекунад, зеро ивазкунанда вуҷуд надорад, аммо ивазкунандаи эҳтимолии маҳсулоти дар бозор мавҷудбуда вуҷуд дорад;

– инҳисори оддӣ инҳисоре мебошад, ки дар он як фурӯшанда мол ё хизмати худро бо нархи ягона мефурӯшад;

– дар инҳисори оддӣ фарқияти нарх вуҷуд надорад;

– инҳисори табъизӣ инҳисоре, ки дар он як фурӯшанда мол ё хизмати худро бо нархи ягона намефурӯшад;

– инҳисори расмӣ – инҳисоре, ки аз ҳуқуқҳои аз ҷониби давлат тасдиқшуда, ба монанди тамғаи молӣ, патент, ҳуқуқи муаллифӣ ва ғайра истифода мебарад;

– инҳисори технологӣ – инҳисоре, ки дар он шахси ҳуқуқӣ аз ҷиҳати технологӣ афзалият дорад ва дигар субъектон рақобат карда наметавонанд;

– инҳисори муштарак, инҳисоре ки дар он ду ва ё зиёда шахсони ҳуқуқӣ барои ташкили фаъолияти инҳисор якҷо мешаванд.

Мафҳуми “инҳисори табиӣ” дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 18.07.17 с., №1460, чунин оварда шудааст: «инҳисори табиӣ – ҳолати бозори мол (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани

талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад» [18].

Дар адабиёти илмии ватанӣ чунин навъҳои инҳисор ҷудо карда мешавад: «1) инҳисоре, ки дар натиҷаи таъсири танзими бевоситаи давлат ба вуҷуд меояд. Ба он инҳисори давлатӣ ва табиӣ дохил мешаванд, ки дар асоси қонун ба вуҷуд меоянд ва онҳо расман амал менамоянд, 2) инҳисоре, ки дар натиҷаи фаъолияти мустақили субъектҳои соҳибкорӣ бе танзими бевоситаи давлат ба вуҷуд меояд, 3) инҳисоре, ки дар натиҷаи доштани ҳуқуқҳои истисноӣ ба вуҷуд меояд» [53, с. 43].

Мувофиқи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба субъектҳои инҳисоротҳои табиӣ соҳаҳои хизматрасонии марбут ба истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ, истеҳсол, харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ё тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо алоқаманд, истеҳсол, интиқол ва тақсими неруи барқ ё гармӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ тавассути роҳи оҳан, терминалҳои нақлиётӣ, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия, алоқаи барқӣ, хизматрасониҳои почта ва телекоммуникатсия бо истифода аз хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ, хоҷагии об ва системаи канализатсия, инчунин хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар хатсайрҳои маҳаллии дохилӣ дохил карда мешаванд, ки ин ҳама дар қисми 1-и моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи инҳисори табиӣ” муқаррар гардидааст [18].

Фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун як вазъияти бозор тавсиф карда мешавад, ки дар он аксарияти истеҳсолкунандагони хурд маҳсулоти монанд, вале аз ҷиҳати хусусиятҳо гуногунро пешниҳод мекунанд, ки ин

ба фарқияти онҳо дар бозор имкон медиҳад. Ҳар як шахси ҳуқуқӣ танҳо як ҳиссаи нисбатан маҳдуди бозорро дар ихтиёр дошта, аз ин рӯ, ин субъектҳои хоҷагидор имкониятҳои маҳдуд барои таъсир расонидан ба нархҳои муқарраршуда дар бозор доранд ва дар натиҷа, дар шароити муосири иқтисодӣ "... омезиши инҳисор ва рақобат ба вуҷуд омадааст" [133, с. 86].

Якчанд омил ба инҳисор имкон медиҳанд, ки мавқеи худро дар соҳаҳои дахлдор нигоҳ дошта, барои иштирокчиёни эҳтимолӣ монеаҳои воридшавӣ эҷод намояд. Баъзе аз монеаҳо инҳо мебошанд:

1. Таъсири миқёс. Агар истеҳсоли моли муайян самаранок бошад, ин чунин маъно дорад, ки барои хароҷоти маҳсулот маблағҳои калон сарф кардан лозим нест. Пас аз муддати тӯлонӣ дар бозор истеҳсол метавонад дар миқёси васеътар бо хароҷоти камтарин ба роҳ монда шавад. Ин ҳамчун таъсири миқёс маълум аст.

Вобаста ба зуҳуроти мазкур маҳсулоти истеҳсолкардаи субъекти фаъолияти инҳисорӣ бо хароҷоти бениҳоят камтар анҷом дода мешавад. Агар субъекти нав кӯшиши ба бозор дохил шуданро намояд, арзиши аслии маҳсулоти вай назар ба субъекти ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда баландтар мешавад. Маълум аст, ки иштирокчии нав аз ҷиҳати хароҷоти истеҳсолӣ ба мушкилӣ дучор мешавад. Бинобар ин, субъекти ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда аз ҷиҳати нарх бартарӣ ба даст меорад. Ин ҳолат ворид шудани иштирокчиёни эҳтимолиро ба бозор бозмедорад.

2. Нархгузории стратегӣ. Нархгузории стратегӣ ба субъекти ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда имкон медиҳад, ки барои пешниҳоди худ ҳар гуна нархро гузорад. Нархҳои хело пастро гузорад, то дигар субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба бозор ворид нашаванд. Ин ҳолатро аксар вақт субъекти ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда барои нишон додани қудрати худ ва фишор ба рақибони мавҷуда ва эҳтимолӣ анҷом медиҳад.

3. Захираҳои асосӣ доштан. Аз ин рӯ, захираҳои камёфт ва зарурӣ барои иштирокчиёни эҳтимолӣ дастнорас мегарданд.

4. Хароҷоти баланди барқарорнашаванда.

Хароҷоти барқарорнашаванда ин хароҷоте мебошад, ки ҳангоми барҳам хӯрдани шахси ҳуқуқӣ ҷуброн карда намешавад. Ин хароҷоте аст, ки барои шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла хароҷот барои реклама муҳим мебошад ва ҷуброн намегардад. Ҳангоми мавҷудияти инҳисори калон ҳамеша эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки иштирокчии эҳтимолӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ хориҷ мешавад. Дар натиҷа ин иштирокчиёни эҳтимолӣ дар мавриди хатаре, ки ба онҳо аз ҳад зиёд арзиш дорад, истодагарӣ карда наметавонанд. Ин ҳолат барои ворид шудан ба фаъолияти соҳикбории дигар субъектон монеаро ба вуҷуд меорад.

5.Созишнома ва шартномаҳо.

6.Суиистифода аз мавқеъ ва нишонаи молии маъмул. Истеъмолкунандагон аксар вақт эътимод ва боввариро ба ширкат ё ҷамъиятҳое, ки ба онҳо мол ва хизматҳои босифат пешниҳод мекунанд, зиёд менамоянд. Одати ба даст овардани молҳои шинос онҳоро аз қонеъ гардондани талаботи худ аз дигар таъминкунандагон бозмедорад. Вобаста ба ин, барои онҳо ба даст овардани ҳиссаи бозор барои мол ва хизматҳои пешниҳодкарда  мушкил мебошад.

Ин вазъият субъектҳои хоҷагидорро ҳавасманд мекунад, ки ба пешрафт ноил шуда, маблағҳои бештарро ба омӯзишҳои илмӣ ва навоварӣ сарф намоянд, то дар бозор мавқеи худро мустаҳкам созанд. Омӯзишҳои илмӣ ва навовариҳо боиси эҷоди намудҳои тозаи маҳсулот ва хизматрасониҳо гардида, ҳамзамон самаранокии равандҳои истеҳсолиро афзоиш медиҳанд ва дар натиҷа ба муштариён манфиатҳои назаррас расонида, зиндагии онҳоро беҳтар мекунанд.

Камбудиҳои инҳисор дар иқтисодиёт аксар вақт аз бартариятҳои  он зиёд мебошанд. Чунин камбудиҳои инҳисорро ҷудо кардан имконпазир аст:

1. Ба сифати маҳсулот ва хизматҳои пешниҳодшуда таъсир мерасонад. Аз сабаби набудани рақобат субъекти ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда аксар вакт зарурати навсозӣ, нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониро дарк намекунад. Тибқи қоида онҳо ба навоварӣ майл надоранд, аз ин рӯ, бисёре аз инҳисорот аз тамоюли ин кор берун мебошанд. Ҳамзамон, инҳисорот барои сарфа кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулот хизматҳои бесифат ё сифати номатлуб доштаро дошта пешниҳод мекунанд. Азбаски маҳсулоти ивазшаванда вуҷуд надорад, истеъмолкунандагон интихоби дигар надоранд ва ин маҳсулоти бесифатро харидорӣ менамоянд.

2. Муайян кардани нархҳои инҳисорӣ. Бе таҳлили ҳаматарафаи нархи молу маҳсулоти дигар иштирокчиёни бозор чунин кирдорро анҷом додан. Бо чунин рафтор, ки ба молу хизматрасониҳои худ нархҳои баландро муқаррар намоянд.

3. Табъизи нарх як равиши тиҷоратиест, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидоре, ки ба фаъолиятҳои инҳисорӣ машғуланд, истифода бурда мешавад ва онҳо барои як маҳсулоти ягона дар бозорҳои мухталиф нархҳои гуногун муқаррар мекунанд, то даромади худро афзоиш диҳанд ва мавқеи худро дар бозор мустаҳкам созанд.

Онҳо дар асоси он арзише, ки истеъмолкунанда ба он розӣ мешавад, нархро талаб мекунанд. Масалан, маҳсулоте, ки дар минтақаи шахсони қобилияти харидориашон баланд фурӯхта мешавад, аз ҳамон маҳсулоте, ки дар минтақаҳои аҳолии дорои сатҳи зиндагии паст фурӯхта мешавад, арзиши баланд хоҳад дошт.

Фаъолиятҳои инҳисорӣ тиҷорати озодро маҳдуд карда, ба бозори рақобатии озод имкони мустақилона танзим кардани нархҳоро намедиҳанд, ки ин ба муҳити иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин амалҳо боиси пайдоиши оқибатҳои зерини номатлуб мегарданд:

1. Муқаррарсозии худсаронаи нархҳо, яъне субъекти хоҷагидоре, ки ба фаъолиятҳои инҳисорӣ машғул буда, дар бозор мавқеи бартарӣ дорад,

тибқи хоҳиши худ нархҳои дилхоҳро муайян мекунад, ки ба манфиатҳои муштариён ва рақобати солим зиён мерасонад.

2. Паст гардидани сифати маҳсулот. Инҳисорот на танҳо нархро баланд менамояд, балки маҳсулоти пастсифат ҳам дода метавонанд. Агар субъекти ба фаъолияти инҳисорӣ машғул донад, ки барои аҳолӣ маҳсулоти ивазшаванда кам аст, дар ин ҳолат вобаста ба сифати маҳсулот кам ғамхорӣ менамояд.

3. Набудани навоварӣ. Фаъолияти инҳисорӣ ҳама гуна ҳавасмандии навоварӣ ё пешниҳоди маҳсулоти "нав ва такмилёфта" -ро кам мегардонад.

4. Таваррум. Фаъолияти инҳисорӣ таваррумро ба вуҷуд меорад. Азбаски онҳо метавонанд ҳар нархеро, ки мехоҳанд, талаб намоянд, барои зиёд кардани фоида хароҷотро ба истеъмолкунандагон зиёд мегардонанд.

Мавқеи иштирокчии фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун субъекти вайронкунанда таҳлил карда мешавад. Лозим аст таъкид кард, ки мавқеи бартарӣ ҳамчун ҳолати як ё чанд субъекти хоҷагидор арзёбӣ мегардад, ки онҳо қодиранд ба шароити гардиши маҳсулот дар бозор таъсири муҳим расонанд, дигар иштирокчиёни хоҷагидориро аз ин бозори маҳсулот берун ронанд ё имкони воруди онҳоро ба ин бозор маҳдуд созанд ва бо ин роҳ рақобати солимро коҳиш диҳанд.

Ҳамин тавр, пешниҳод карда мешавад, ки субъекти фаъолияти инҳисорӣ бозорро пурра назорат мекунад ва аз рақибон маҳрум аст.

Вобаста ба масъалаи аломатҳои фаъолияти инҳисорӣ Д.Ш. Сангинов қайд менамояд: «Фаъолияти инҳисорӣ дорои як қатор аломатҳо мебошад, ки имконият медиҳад, то он аз дигар фаъолияти субъектони фаъолияти инҳисорӣ ҷудо карда шавад [69, с. 217].

Ҳамзамон, чунин унсурҳои асосии дар мафҳуми «фаъолияти инҳисорӣ» мустаҳкамшуда ҷудо карда мешаванд:

1) Зиддиҳуқуқӣ, яъне фаъолияти инҳисорӣ дар ҳама шакл бо қонунгузорӣ бо таҳдиди татбиқи намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ (маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ) манъ карда шудааст.

Аз ин ҷиҳат, фаъолияти инҳисорӣ ҳуқуқвайронкуниеро меноманд, ки ҳаракати зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳгорона буда, ба манфиатҳои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ҷомеа зарар мерасонад, оқибатҳои ногувори ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Зиддиҳуқуқӣ будани фаъолияти инҳисорӣ дар риоя накардани нишондод ва манъкуниҳое, ки дар қонунгузории зиддинҳисорӣ пешбинӣ гардидаанд, ифода меёбад. Бояд қайд намуд, ки фаъолияти инҳисорӣ манфиатҳои хусусӣ ва оммавиро низ халалдор менамояд. Ҳамзамон, чунин амалҳо ба ҳуқуқу манфиатҳои шахсони алоҳида, аз ҷумла истеъмолкунандагон ва субъектони хоҷагидор дар бозор таъсир мерасонанд.

Аз ин рӯ, меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ барои пешгирӣ кардани амалиётҳои инҳисорӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъмини бозори озод пешбинӣ шудаанд.

2) Фаъолияти инҳисорӣ метавонад фаъол, яъне бо роҳи амалӣ намудани амал ва ғайрифаъол, яъне бо роҳи беамалӣ ба амал бароварда шавад. Фаъолияти инҳисорӣ метавонад танҳо аз ҷониби субъектони фаъолияти хоҷагӣ ба амал бароварда шавад. Субъекти он шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти саҳибкорӣ машғул нестанд, ҳисобида намешаванд.

3) Амали зиддирақобатӣ чун кирдори инҳисорӣ ба маҳдуд намудан, бартарафкунӣ ё роҳ надодани рақобат дар бозори мол равона аст ва ба ин роҳ мавқеи субъектро дар бозори мол ва фоидаи баланди инҳисории онро ҳифз мекунад.

4) Фаъолияти инҳисорӣ ҳам ба дигар субъектони амалкунанда ва ҳам ба истеъмолкунанда, ки талаботи он асоси фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, зарар меорад [69, с. 500].

Ҳамзамон, кирдори инҳисорӣ самараи фаъолияти як ё якчанд иштирокчии муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки ба хотири фоидаи

бештар гирифтан ба рақибони худ зиён расонида, дар умум рақобатро маҳдуд менамояд. Тавре Ю.И. Бурлинов таъкид мекунад, шахсе, ки ба фаъолиятҳои инҳисорӣ машғул аст, ба ҷои мусоидат ба рушди бозор, метавонад барои он оқибатҳои ниҳоят зараровар ба бор орад, ки ба муҳити рақобатӣ ва манфиатҳои муштариён таъсири манфӣ мерасонад [31, с. 56].

Фаъолияти инҳисорӣ дар суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ, бастани созишномаҳое, ки рақобати солимро маҳдуд мекунанд, ва инчунин анҷом додани амалҳои ҳамоҳангшудае, ки ба коҳиши рақобат мусоидат мекунанд, зоҳир мегардад ва ин амалҳо ба муносибатҳои бозорӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Мавқеи ҳукмфармоӣ мувофиқи қоидаҳо оид ба муайянсозии мавқеи бартарӣ дар бозори маҳсулот, ки бо фармоиши сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, №85 тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад [23]. Тибқи банди 2-и ин қоидаҳо оид ба муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидорӣ дар бозори молӣ як шарти муҳим барои муайян кардани имконияти анҷом додани фаъолиятҳои ғайриқонунии субъекти хоҷагидор ва созишномаҳои байни онҳо мебошад, ба истиснои рақобати ноодилона, ки тибқи моддаи 7-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” муқаррар гардидааст: «Дар сурати мавҷуд будани мавқеи бартарӣ, ин шарти зарурӣ барои татбиқи талаботи қонунгузорӣ нест» [13].

Эҳтиёҷ ба муайянсозии мавқеи ҳукмфармоӣ дар ҳолатҳои зерин ба миён меояд:

- вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ки ба муҳити рақобатӣ зарар мерасонад;

- риояи тартиби таъсис, азнавсозӣ, якҷояшавӣ ё барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор;

- дарёфти саҳмияҳо, ки метавонанд ба мавқеи бартарӣ дар бозор таъсир расонанд;

- баррасии масъалаҳои марбут ба азнавсозии ширкатҳо ва иттиҳодияҳо;

- арзёбии масъалаҳо ҳангоми ҷудо кардани ҷузъҳои сохтории субъекти хоҷагидор дар ҷараёни хусусигардонӣ ва табдил додани он ба ҷамъияти саҳҳомӣ, ки ба танзими муносибатҳои бозорӣ мусоидат мекунад.

Ҳолати вазъи инҳисории субъект ба воситаи мафҳуми "мавқеи ҳукмфармоӣ"-и субъекти хоҷагидор муайян карда мешавад. Дар қонунгузорӣ ду намуди асосии муайян намудани мавқеи ҳукмфармоӣ пешбинӣ шудааст:

1) аз рӯйи сифати молу маҳсулот;

2) аз руйи нишонаи миқдорӣ дар бозор.

Мафҳумҳои расмии истилоҳҳои "иҷозат надодан", "маҳдудият" ва "бартараф кардан"-и рақобат дар қонунгузории ҶТ мавҷуд намебошанд.

Дар ҳолатҳои мушаххас чунин оқибатҳои манфиро мақомоти зиддинҳисорӣ ва мақомоти судӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ муқаррар менамоянд.

Дар адабиёти илмӣ истилоҳоти зикршуда аз тарафи муҳаққиқон ба таври гуногун маънидод карда мешаванд. Муҳаққиқ Д.А. Алешин чунин қайд мекунад: «Амалҳои мувофиқашуда рафтори субъектҳои алоҳидаи субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки дар сурати мавҷуд набудани созишнома ба ҳама пешакӣ маълум мебошанд» [24, с. 37].

Тибқи дидгоҳи К.Ю. Тотев ва Н. Фонарева мафҳуми "пешакӣ донистан" ба он ишора мешавад, ки субъектҳои хоҷагидор "иттилоотро дар бораи татбиқи чораҳое, ки рақобати солимро маҳдуд мекунанд, паҳн кардаанд" ва ин амал ба коҳиши шаффофияти бозор мусоидат мекунад [81, с. 264]. Дастрасӣ ба чунин маълумот танҳо тавассути музокироти пешакӣ имконпазир буда, аз ин рӯ, истифодаи вожаи "донистан" ба муайянсозии созишномаҳо ва амалҳои ҳамоҳангшудае, ки ба маҳдудияти рақобат нигаронида шудаанд, имкон медиҳад [160, с. 120].

Лозим аст зикр кард, ки яке аз шаклҳои муҳими фаъолияти инҳисорӣ ин ҳамоҳангсозии амалҳои иқтисодӣ мебошад, ки метавонад ба муҳити рақобатӣ таъсири манфӣ расонад ва озодии бозорро маҳдуд созад.

Қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи фарохи “созишнома”-ро муқаррар кардааст: созишномаҳои уфуқӣ (картелӣ) – амалҳои ҳамоҳангшудаи субъектҳои хоҷагидоре, ки бо якдигар рақобат мекунанд (ё рақобаткунандагони эҳтимолӣ ҳастанд) ва инчунин дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки ба фаъолияти мунтазами бозор таъсири манфӣ мерасонанд ва ба коҳиши дастрасии бозори маҳсулот равона шудаанд. Созишномаҳои амудӣ бошанд, созишҳо байни субъектҳои хоҷагидоре мебошанд, ки яке аз онҳо харидори маҳсулот ё харидори эҳтимолии он ва дигаре таъминкунанда ё фурӯшандаи эҳтимолии маҳсулот аст ва ин созишҳо метавонанд ба муносибатҳои бозорӣ таъсир расонанд [15].

Созишномаҳои уфуқӣ байни субъектҳои хоҷагидоре баста мешаванд, ки дар як бозор фаъолият мекунанд ва рақибони воқеӣ ё эҳтимолӣ мебошанд. Оқибатҳои зараровари ин гуна ҳамкории уфуқии барқасдонаро қонун манъ менамояд. Қонунгузорӣ ҳамеша маҳудуд намудани рақобатро ба воситаи нархгузорӣ, маҳдудиятҳои истеҳсолот ва тақсими бозор манъ менамояд.

Лозим аст таъкид кард, ки созишномаҳо ва тасмимгириҳо дар бораи фаъолиятҳои соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зерин қатъиян манъ гардидаанд, зеро онҳо ба муҳити рақобатии бозор ва манфиатҳои иштирокчиёни он таъсири манфӣ мерасонанд:

1) Мустақим ё ғайримустақим муқаррар кардани нархҳои харид ё фурӯш, инчунин дигар шароити тиҷоратӣ, ки ба озодии бозор халал мерасонанд.

2) Маҳдуд кардани рақобати солим, ки ба коҳиши имкониятҳои иштирокчиёни бозор ва интихоби муштариён оварда мерасонад.

3) Расонидани таъсири манфӣ ба бозори коғазҳои қиматнок, ки метавонад ба ноустувории молиявӣ сабаб гардад.

4) Муқаррар намудани шартҳои нобаробар барои тарафҳои шартнома, ки ба адолати тиҷоратӣ халал мерасонанд.

5) Баррасии шартҳои қабулшуда аз ҷониби тарафҳои созишнома, ки метавонад ба вайрон кардани шаффофият ва меъёрҳои қонунӣ оварда расонанд.

Номгӯйи зикршуда васеъ мебошад. Ҳамкории манъкунанда байни субъектони хоҷагидор метавонад дар шакли созиши воқеӣ миёни тарафҳо ё робитаи ҳамдигарии онҳо зоҳир гардад. Бинобар ин, намояндагони субъекти хоҷагидор метавонанд ба таври ғайрирасмӣ ошкор намудани иттилоотро оид ба нархҳои субъекти хоҷагидор ё таҳлили онро манъ намоянд.

На ҳама шаклҳои ҳамкории байни субъектҳои хоҷагидор манъ карда мешаванд, ба шарте ки рақобатро дар бозор бартараф накунанд.

Муҳаққиқ А.Ю. Кинёв дуруст қайд мекунад, ки «дар байни созишномаҳои уфуқӣ (картелӣ) хавфи калонтаринро дар ҷамъият ба миён меоваранд», аз ин сабаб онҳо манъ карда шудаанд [37, с. 352]. Барои маҳдуд кардани амалҳои онҳо, муайянсозии ҳиссаи дақиқи бозор, ки як иштирокчии муносибатҳои иқтисодӣ дар ихтиёр дорад, талаб карда намешавад, зеро дар чунин ҳолатҳо, мувофиқи низоми қонунгузорӣ, ин амал ҳамчун истифодаи нодуруст аз мавқеи бозор эътироф гардида, ба муҳити рақобатии солим ва манфиатҳои муштариён зиён мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки созишномаҳои уфуқӣ (картелӣ) асосан, барои муайян кардани нархҳо, маҳдуд намудани рақобат, тақсим кардани бозорҳо ва ё маҳдуд кардани истеҳсолот баста мешаванд. Тарафҳои чунин созишномаҳо мақсади паст кардани нархҳо, пешниҳоди молҳо ё хизматҳои баландсифатро надоранд.

Созишномаҳои картелӣ ба чор намуди асосӣ ҷудо мешаванд: «созишнома оид ба муқаррар намудани нархҳои молҳо ё хизматҳо ва назорати онҳо, ки муайянкунии нарх дониста мешаванд. Инчунин, муайян кардани нархҳо хусусияти «ғайримустақим» мегиранд. Шартномаҳо дар бораи муқаррар намудани нарх набояд хаттӣ бошанд, созиши шифоҳӣ, масалан, дар ҷаласаи ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ ё чорабинии оммавӣ метавонад барои нишон додани мавҷудияти созишномаи нархгузорӣ кифоя бошад» [15].

Тақаллубкорӣ дар савдо ҳолате рух медиҳад, ки рақибон ба созиш меоянд, ки кадом нафар дар музояда ғолиб бояд шавад. Барои дастгирии аъзои картел ӯ вазифадор аст, ки дар музояда "ғолиб" ояд, дигар аъзоёни картел метавонанд аз музояда худдорӣ кунанд, дархости худро бозпас гиранд ё бо нархҳои баландтар ё шартҳои қобили қабулнашаванда пешниҳод кунанд. Тарафҳои созишномаҳои уфуқӣ метавонанд байни худ мувофиқа намоянд ва яке аз тарафҳоро ҳамчун "ғолиб" муайян намоянд. Дар натиҷаи тақаллуб дар музояда тарафе, ки дархости музоядаро пешниҳод мекунад, эҳтимолан бештар аз он пардохт менамояд, то музояда рақобатпазир бошад.

Дар натиҷа онҳо барои бозори ҷудошудаи якдигар рақобат намекунанд. Муштариён азият мекашанд, зеро онҳо наметавонанд пешниҳоди беҳтаринро харидорӣ намоянд.

Созишномаи байни рақибон назорати истеҳсолро барои маҳдуд кардани миқдори мол ё хизматрасонӣ дар бар мегирад. Дар мавриди назорат кардани талабот, истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ тарафҳои созишномаи уфуқӣ метавонанд бо мақсади фоидаи бештар гирифтан ба таври ғайримустақим нархро баланд бардоранд.

Шартномаҳои амудӣ байни субъектҳое баста мешаванд, ки бо якдигар дар ҳолати рақобат қарор надоранд ва ин созишномаҳо муносибатҳои тиҷоратиро байни онҳо осон мегардонанд. Ин гуна шартномаҳо миёни субъектҳои хоҷагидоре сурат мегиранд, ки дар

марҳилаҳои мухталифи занҷираи истеҳсолот ё тақсимоти маҳсулот фаъолият доранд ва онҳо ба ташкили равандҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунанд. Маҳдудиятҳои амудии бештар паҳншуда ба масъалаҳои таъминот, паҳнкунии маҳсулот, истеҳсолот, харид ва фурӯши маҳсулот дахл дошта, метавонанд ба муносибатҳои бозорӣ ва дастрасии муштариён ба маҳсулот таъсир расонанд.

Ҳамзамон, дар бахши хизматрасонӣ маҳдудиятҳои амудӣ низ татбиқ мешаванд. Маҳдудиятҳои амудии маъмулӣ ба шумораи харидороне, ки фурӯшанда бо онҳо дар ҳудуди муайян тиҷорат мекунад, ба молрасоне, ки ба харидор иҷозати харидани онҳоро додааст ва ба шартҳое (нарх, ҷойгиршавӣ, муштариён), ки дар асоси онҳо аз нав фурӯхтани мол дахл доранд, вобаста аст.

Дар ҷаҳон сиёсати давлатии зиддиинҳисории давлат таърихи қадима дорад, ки мақсади асосии он таъмин ва рушди рақобат мебошад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳои самараноки мубориза ба муқобили фаъолияти инҳисории корхонаҳо ва маҳдудкунии рақобат истифода мешаванд.

Дар айни замон аз лиҳози назариявӣ, муҳаққиқон ду намуна (модел)-и асосии қонунгузории зиддиинҳисориро шартан ҷудо мекунанд:1) амрикоӣ, 2) аврупоӣ.

Намунаи аввал бар маҳдудиятҳои мустақими ҳуқуқии таъсиси иттиҳодияҳои инҳисорӣ такя мекунад, гарчанде ин иттиҳодияҳо дар тамоми бахшҳои саноат, хоҷагии қишлоқ, тиҷорати дохилӣ ва байналмилалӣ фаъол буда, ба муносибатҳои бозорӣ таъсир мерасонанд. Мувофиқи муқаррароти низоми ҳуқуқии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҳама гуна фаъолиятҳои инҳисорӣ ҳамчун амалҳои ғайриқонунӣ эътироф гардида, қатъиян манъ карда мешаванд. Дар муқобил, дар низоми қонунгузории зиддиинҳисории аврупоӣ танҳо он амалҳое ғайриқонунӣ дониста мешаванд, ки дар онҳо истифодаи нодуруст аз мавқеи инҳисорӣ ба назар мерасад ва ин ба танзими муносибатҳои бозорӣ бо роҳи мутавозин нигаронида шудааст. Ҳар як кишвар барои арзёбии сатҳи

инҳисорот дар иқтисодиёти худ нишондиҳандаҳои хосро истифода мебарад. Дар аксари давлатҳо, ширкат ё иттиҳодияе, ки аз 40 то 70 фоизи бозорро дар ихтиёр доранд, ҳамчун субъекти дорои фаъолияти инҳисорӣ шинохта шуда, мавриди назорати махсус қарор мегиранд [93, p. 1071].

Низоми қатъии зиддиинҳисории амрикоӣ дар охири асри нуздаҳум ташаккул ёфта, бо қабули қонун “Дар бораи ҳимояи савдо ва саноат аз маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ва инҳисорӣ” асоснок гардид, ки он бо номи муаллифи худ ҳамчун “Қонуни Шерман” маъруфият пайдо кардааст. Ин қонун аз ҷониби Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рӯзи 2 июли соли 1890 тасвиб шуда, унвони расмии он “Қонуни ҳимояи савдо ва саноат аз маҳдудиятҳо ва монополияҳои ғайриқонунӣ” мебошад. Ин нахустин қонуни федералии ИМА буд, ки ба муқобили трестҳои инҳисорӣ равона шуда, ҳадафи он ҳифзи рақобати озод дар бозор буд. То лаҳзаи қабули ин қонун, дар 14 иёлоти ИМА аллакай қонунҳои зиддиинҳисорӣ дар бахши саноат амал мекарданд, ки заминаи ҳуқуқии онро таҳким бахшиданд. Қонуни мазкур ҳама гуна амалиёти инҳисориро манъ намуда, барои вайронкунандагони он ҷаримаҳои молиявӣ (то 5 ҳазор доллар) ва дар ҳолатҳои муайяншуда ҳабси роҳбарони ширкатҳо ё иттиҳодияҳои ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбударо ба муҳлати то як сол пешбинӣ мекард.

Моҳияти аслии ин қонун на дар манъи комили монополияҳо, балки дар эҷоди як муҳити ҷамъиятӣ буд, ки дар он амалиёти инҳисорӣ ҳамчун падидаи номатлуб ва зиёновар ба ҷомеа арзёбӣ мегардид, то рақобати солим таъмин гардад. Қонуни Шерман муқарраротеро дар бар мегирифт, ки ба муқобили монополияҳо нигаронида шуда, ба давлат имкон медод, то молу мулки корхонаҳои инҳисориро мусодира кунад ё ба шахсони аз фаъолиятҳои инҳисорӣ зарардида ҷуброни секаратаи зарар пардохт намояд ва ин тадбирҳо барои ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва муштариён хизмат мекарданд [77, с. 193].

Дар ИМА қонуни Шерман чунин қисматҳоро дорад:

1. Он тамоми таҷрибаҳои зиддиракобатиро, ки тиҷорати байни давлатҳоро маҳдуд менамоянд, ғайриқонунӣ муайян менамояд. Баъзе аз ин таҷрибаҳо метавонанд созишнома дар бораи муқаррар намудани нарх, истисно намудани рақибони муайян ва маҳдуд намудани ҳаҷми истеҳсолот, инчунин баъзе омилҳо барои пайдоиши картелҳоро дар бар гирифтанд.

2. Манъи инҳисорикунонӣ ё кӯшиши инҳисорикунонии тиҷорат ё соҳибкорӣ. Қоидаи дуюми инҳисорикунонӣ кӯшиши инҳисорикунонии тиҷоратро дар ИМА пешгирӣ менамояд. Чунин рафтор метавонад якҷояшавӣ ва харидро фарогир бошад, ки мавқеи аз ҳад зиёдро дар дасти як субъект ба зарари манфиати ширкат ё ҷамъиятҳои хурд муттамарказ мегардонад.

Мазмуни Қонуни зиддиинҳисории Шерман аз он иборат буд, ки манфиати истеъмолкунандагонро, ки таҳти инҳисор ва созиши ташкилотҳои калон ва хурд қарор доштанд, ҳимоя намояд.

Дар ИМА бо қабули қонуни Клейтон (соли 1914) мафҳуми «амалиёти ғайриқонунӣ» ворид гардида, дар он фаъолият ҳамон вақт ғайриқонунӣ мегардид, ки ба ташкил шудани фаъолияти инҳисорӣ оварда расонад.

Дар ИМА қонуни дигар - Қонуни зиддиинҳисории Клейтон аз соли 1914 қоидаҳоро барои якҷояшавӣ ва амалияҳои номбаршудае, ки қонуни зиддиинҳисории Шерманро вайрон мекунанд, муқаррар намуд.

Намунаи дуюм ба санҷиши мунтазами фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот, савдо ва хизматрасонӣ асос меёбад. Дар сурати ошкор шудани далелҳои рафтори ғайриқонунӣ сохторҳои масъул, соҳибони онҳо ва шахсони мансабдор ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

Қонунгузории дигар давлатҳоро Р. Питтман таҳлил намуда, қайд мекунад: «Қонунгузории аврупоӣ дар бобати маҳдудкунии инҳисорӣ аз қонунгузории амрикоӣ фарқ дорад, яъне суиистеъмол аз мавқеи

инҳисорро манъ менамояд. Чунончи, дар қонунгузории англисӣ дар чунин санадҳо, ба монанди «Қонун дар бораи тиҷорати боадолат», «Қонун дар бораи фаъолияти маҳдудгардидаи тиҷоратӣ» меъёрҳо муқаррар карда шуда буданд. Қонунгузорӣ барои бастани созишномаҳое, ки рақобатро маҳдуд месозанд, иҷозат медод, аммо ин гуна созишномаҳо аз ҷониби мақомоти махсуси давлат – Директорати кул оид ба тиҷорати боадолат, бояд ба қайд гирифта шаванд. Бо ин роҳ шарту шароити созишномаи басташуда, ки он шояд тамоюли инҳисорӣ дошта бошад, ба рақибони дахлдор ошкор мегардад [57, с. 154].

Комиссия доир ба монополияҳо, ки дар назди Вазорати савдои Британияи Кабир таъсис дода шудааст, ҳар як амали бо ҳам муттаҳидшавии ширкат ва ҷамъиятҳоро аз нуқтаи назари имконияти ба миён омадани вазъияти монополистӣ таҳлилу тадқиқ менамояд. Ин гуна вазъият дар он ҳолат имконпазир ҳисобида мешавад, ки агар 1/3 ҳиссаи маҳсулот ё хизматрасонӣ дар ихтиёри як нафар ҷамъ оварда шавад, ё ин, ки маблағи дороиҳои (активҳои) аз ҷониби вай харидашуда аз 5 млн. фунт стерлинг зиёд бошад. Аммо ин гуна муттаҳидшавии ширкат ва ҷамъиятҳоро Комиссияи номбурда танҳо дар ҳолати ба манфиати ҷомеа мухолиф будани он ғайриқонунӣ меҳисобад.

Таҷрибаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар доираи Иттиҳоди Аврупо дар шароити ҳозира таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Қонун дар бораи рақобат дар он ҷо ҳама ҳолатҳои маҳдудкуниеро, ки дар муомилаи тиҷоратии давлатҳои аъзои Иттиҳод ба миён меоянд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Самтҳои асосии ин қонун қаблан назорати муттаҳидшавӣ бошад, пас аз он ҷиҳатҳоеро ба монанди муқаррар намудани нархҳои ягона ва шарту шароити якхелаи фурӯш, маҳдудкунии ҳаҷми истеҳсолот, фурӯш ва ғайраро танзим менамояд» [57, с. 154].

Бо назардошти ин, тибқи Шартномаи Иттиҳоди Аврупо пешгирии маҳдуд намудани рақобат муайян шудааст. Аз ҷумла, ин кор тавассути манъ кардани созишномаҳои зиддирақобатӣ байни корхонаҳо ва

суиистифода аз мавқеи афзалиятнок дар бозор аз ҷониби корхонаҳои ҳукмрон, ки метавонад ба савдои байни давлатҳои узв таъсири манфӣ расонад, анҷом дода мешавад. Илова бар ин, якҷояшавӣ ва харидҳо бо андозаи Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби Комиссия назорат карда мешаванд ва агар онҳо ба коҳиши назарраси рақобат оварда расонанд, пешгирӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, кӯмаки давлатӣ ба корхонаҳо ё маҳсулот манъ аст, агар он рақобатро таҳриф кунад, аммо дар баъзе ҳолатҳо иҷозат дода мешавад. Ба истисноси баъзе ҳолатҳо қоидаҳои рақобат ба корхонаҳои оммавӣ, хизматрасонии давлатӣ ва хизматрасонии манфиатҳои умумӣ низ татбиқ карда мешаванд [57, с. 154].

Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии зерин заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои зиддиинҳисорӣ дар ИА мебошанд:

Моддаҳои 101-109 Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо ва Протоколи №27 дар бораи бозори дохилӣ ва рақобат. Дар онҳо пешбинӣ мешавад, ки низоми рақобати бовиҷдонона қисми ҷудонашавандаи бозори дохилӣ мебошад, ки дар моддаи 3(3)-и Шартномаи Иттиҳоди Аврупо муайян шудааст.

Моддаҳои 37, 106 ва 345-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо барои корхонаҳои давлатӣ ва моддаҳои 14, 59, 93, 106, 107, 108 ва 114-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо барои хизматрасониҳои давлатӣ, манфиатҳои умумӣ ва манфиатҳои умумииқтисодӣ муайян шудааст.

Мақсади асосии қоидаҳои қабулнамудаи ИА таъмини фаъолияти дахлдори бозори дохилӣ мебошад. Ҳолати мазкур дар як навбат ба навоварӣ ва рушди дарозмуддати иқтисодиёт мусоидат мекунад. Ҳамзамон, сиёсати ИА дар самти рақобат ба ташкилотҳои ба ИА дохил набуда, ки дар бозори дохилӣ фаъолият мекунанд, паҳн карда мешавад.

Сиёсат дар самти рақобати ИА қоидаҳо дар бораи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, назорати якҷояшавӣ, кӯмаки давлатӣ ба корхонаҳо ва хизматрасониҳои давлатиро дар бар мегирад. Қонунгузории

зиддиинҳисорӣ ба барқарор кардани шароити рақобатӣ равона гардидааст, бо рафтори номуносиби худ ширкат ё ҷамъиятҳо (ба монанди картелҳо ё суиистифода аз мавқеи афзалиятнокӣ) рақобатро маҳдуд менамоянд. Аз ин рӯ, самти пешгирикунандаи воситаҳои сиёсат дар самти рақобат назорати якҷояшавӣ ва қоидаҳои кӯмаки давлатиро дар бар мегирад.

Риояи қатъӣ ва самараноки қоидаҳои рақобати ИА барои таъмини ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсат дар самти рақобат муҳим аст. Комиссия мақоми асосӣ буда, барои таъмини татбиқи дурусти ин қоидаҳо масъул мебошад ва дорои ваколатҳои васеи тафтишотӣ ва иҷроишӣ аст. Илова бар ин, аз 1 майи соли 2004 дар доираи қоидаҳои зиддиинҳисорӣ (моддаҳои 101 ва 102 Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо) мақомоти давлатҳои узв вобаста ба масъалаҳои рақобат баъзе вазифаҳои иҷрои қонунгузорӣ оид ба рақобатро ба уҳда гирифтанд. Регламенти Шуро (ИА) №1/2003 нақши иҷрои мақомоти миллии рақобат ва судҳоро тақвият додааст, ки он бо Директиваи ИА 2019/1 мустаҳкам шудааст [57].

Дар самти қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар соли 2014 Дастурамал оид ба ҷуброни зиён бо мақсади пурзур намудани таъсири боздоранда аз созишномаҳои манъкунанда (картелҳо ва суиистифода аз мавқеи ҳукмронӣ) ва таъмини ҳимояи бехатарии истеъмолкунандагон қабул карда шуд. Санади мазкур ба даст овардани ҷуброни зиёнеро, ки ба шахсони воқеӣ ё дигар корхонаҳо дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи рақобат расонда шудааст, муайян намуд.

Дар Малайзия, қонунгузории асосии танзимкунандаи рақобат Қонуни рақобат 2010 (Competition Act 2010) мебошад, ки аз 1 январи соли 2012 мавриди амал қарор гирифт. Ин қонун барои пешгирӣ аз амалҳои зидди рақобат, аз қабили созишномаҳои монополистӣ, суиистифода аз мавқеи бартарӣ ва иттиҳодияҳои зараровар ба бозор равона шудааст.

Қонун ду самти асосиро дар бар мегирад:

- Манъи созишномаҳои зидди рақобат: Ин созишномаҳо, ба монанди муқаррар кардани нархҳо, тақсимоти бозор ё маҳдуд кардани истеҳсолот, манъ карда шудаанд.

- Манъи суиистифода аз мавқеи бартарӣ: Ширкатҳое, ки дар бозор мавқеи бартарӣ доранд, набояд амалҳое анҷом диҳанд, ки ба рақобат зарар расонанд. Масалан, муқаррар кардани нархҳои ғайримуқаррарӣ ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба бозор.

Комиссияи рақобати Малайзия (MyCC) мақоми асосии назораткунанда аст, ки барои тафтиши шикоятҳо, ҷаримабандӣ ва татбиқи чораҳои ислоҳӣ масъул мебошад. MyCC метавонад то 10% аз даромади солонаи ширкатро ҳамчун ҷарима муқаррар кунад. Масалан, дар соли 2019, MyCC ба ширкати Grab ҷаримаи 86 миллион ринггит (тақрибан 20 миллион доллари ИМА) барои суиистифода аз мавқеи бартарӣ дар бозори таксиҳои онлайн таъин кард.

Қонуни Малайзия ба стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили қонунгузории Иттиҳоди Аврупо мувофиқат мекунад ва бо назардошти хусусиятҳои бозори маҳаллӣ мутобиқ карда шудааст. Ин қонун ба бахши хусусӣ ва давлатӣ дахл дорад, аммо баъзе соҳаҳо, ба монанди энергетика ва телекоммуникатсия, аз сабаби мавҷудияти танзимгарони махсус истисно мебошанд. Ин қонун ба рушди соҳибкории хурд ва миёна мусоидат карда, вале дар баъзе ҳолатҳо бо мушкилоти татбиқ рӯ ба рӯ мешавад, аз ҷумла норасоии захираҳои инсонӣ дар MyCC.

Дар Индонезия, масъалаҳои рақобат тавассути Қонуни №5 соли 1999 дар бораи манъи амалҳои монополистӣ ва рақобати ғайрисолим танзим карда мешаванд. Ин қонун бо мақсади таъмини рақобати озод ва одилона дар иқтисодиёти бозорӣ қабул шудааст. Қонун ба се самти асосӣ диққат медиҳад:

- Манъи созишномаҳои зидди рақобат (масалан, картелҳо).

- Манъи амалҳои монополистӣ, аз қабили назорати нархҳо ё маҳдуд кардани истеҳсолот.

- Манъи суиистифода аз мавқеи бартарӣ.

Комиссияи назорати рақобати тиҷоратӣ (KPPU) мақоми асосии татбиқи қонун аст. KPPU ҳуқуқ дорад, ки тафтишот гузаронад, ҷаримаҳо таъин кунад ва ба додгоҳ тавсияҳо пешниҳод намояд. Дар соли 2023, KPPU ба ширкати Google барои суиистифода аз мавқеи бартарӣ дар бозори хизматрасониҳои рақамӣ ҷарима таъин кард, ки нишондиҳандаи фаъол будани ин ниҳод аст.

Қонуни Индонезия ба хусусиятҳои иқтисодиёти кишвар, ки дар он бисёр ширкатҳои хурду миёна фаъолият мекунанд, мутобиқ карда шудааст. Бо вуҷуди ин, татбиқи қонун аксар вақт бо мушкилот, аз қабили ришва ва норасоии маблағгузорӣ барои KPPU, рӯ ба рӯ мешавад. Ин қонун ба рушди бозори озод мусоидат кардааст, аммо дар баъзе бахшҳо, ба монанди кишоварзӣ ва савдои чакана фаъолияти монополистӣ ҳанӯз мушоҳида мешавад.

Дар Чин Қонуни зидди монополияи соли 2008 асоси қонунгузории ҳимояи рақобатро ташкил медиҳад. Ин қонун бо мақсади пешгирӣ аз фаъолияти монополистӣ ва таъмини рақобати одилона дар иқтисодиёти бозории Чин қабул шудааст. Қонун се намуди асосии амалҳои зидди рақобатро манъ мекунад:

- Созишномаҳои монополистӣ (масалан, муқаррар кардани нархҳо ё тақсимоти бозор).

- Суиистифода аз мавқеи бартарӣ.

- Муттаҳидшавии ширкатҳо, ки метавонанд ба маҳдудияти рақобат оварда расонанд.

Маъмурияти давлатии танзими бозор (SAMR) мақоми асосии татбиқи қонун аст. SAMR дорои ваколатҳои васеъ буда, метавонад тафтишот гузаронад, ҷаримаҳо таъин кунад ва муттаҳидшавии ширкатҳоро манъ намояд. Масалан, дар соли 2021, SAMR ба ширкати Alibaba ҷаримаи рекордӣ дар ҳаҷми 2.8 миллиард доллари ИМА барои

суиистифода аз мавқеи бартарӣ дар бозори тиҷорати электронӣ таъин кард.

Қонуни Чин ба назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти омехтаи кишвар таҳия шудааст, ки дар он ширкатҳои давлатӣ нақши муҳим доранд. Бо вуҷуди ин, ин қонун баъзан ба таври интихобӣ татбиқ мешавад ва ширкатҳои давлатӣ дар баъзе ҳолатҳо аз тафтишот озод мемонанд. Ин қонун ба коҳиши амалҳои зидди рақобат дар бахши технологии Чин мусоидат кардааст, аммо дар бахшҳои дигар, ба монанди энергетика мушкилот боқӣ мемонанд.

Дар Ҳиндустон Қонуни рақобат 2002 (Competition Act 2002) асоси қонунгузории зидди монополистӣ ва ҳимояи рақобатро ташкил медиҳад. Ин қонун бо мақсади ҷойгузин кардани қонуни кухнаи соли 1969 ва мутобиқ кардани қонунгузорӣ ба стандартҳои байналмилалӣ қабул шудааст. Қонун ба се самти асосӣ диққат медиҳад:

- Манъи созишномаҳои зидди рақобат.
- Манъи суиистифода аз мавқеи бартарӣ.
- Танзими муттаҳидшавии ширкатҳо.

Комиссияи рақобати Ҳиндустон (CCI) мақоми асосии татбиқи қонун аст. CCI ҳуқуқ дорад, ки тафтишот гузаронад, ҷаримаҳо таъин кунад ва муттаҳидшавии ширкатҳоро манъ намояд. Дар соли 2020, CCI ба ширкати Google ҷаримаи 136 миллион доллари ИМА барои суиистифода аз мавқеи бартарӣ дар бозори ҷустуҷӯи онлайн таъин кард.

Қонуни Ҳиндустон ба стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили қонунгузории ИМА ва Иттиҳоди Аврупо, мувофиқат мекунад ва ба хусусиятҳои бозори Ҳиндустон ки дар он ширкатҳои хурду миёна ва бахши ғайрирасмӣ нақши муҳим доранд, мутобиқ карда шудааст. CCI дар бахши технология ва тиҷорати электронӣ фаъол аст, аммо дар баъзе бахшҳо, ба монанди кишоварзӣ, мушкилоти татбиқ боқӣ мемонанд.

Қонунгузории Малайзия, Индонезия, Чин ва Ҳиндустон оид ба ҳимояи рақобат ва фаъолияти монополистӣ ба таъмини рақобати

одилона ва пешгирӣ аз амалҳои зидди рақобат нигаронида шудааст. Ҳар як кишвар дорои хусусиятҳои худ аст: Малайзия ва Ҳиндустон ба стандартҳои байналмилалӣ такя мекунанд, Чин ба назардошти нақши ширкатҳои давлатӣ қонунро татбиқ мекунад ва Индонезия ба хусусиятҳои бозори маҳаллӣ диққат медиҳад. Бо вуҷуди пешрафтҳо, мушкилот, аз қабили норасоии захираҳо, коррупсия ва татбиқи интихобӣ, дар ҳамаи ин кишварҳо мушоҳида мешаванд. Барои баланд бардоштани самаранокии ин қонунҳо, зарур аст, ки механизмҳои татбиқ такмил дода шаванд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа густариш ёбанд.

Инҳисор тағйироти нархҳоро муайян намуда, барои ворид шудани рақибон ба бозор монеа эҷод карда метавонад. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ барои маҳдуд кардани инҳисор амал намуда, кафолат медиҳад, ки як субъекти алоҳидаи хоҷагидор наметавонад бозорро зери назорати худ дарорад. Аз ин рӯ, қонунгузории зиддиинҳисорӣ яке аз шаклҳои танзими давлатии иқтисодиёт буда, кафолати васеи озодии шартномаҳоро медиҳад [26, с. 22].

## 1.2. Субъект ва объектҳои фаъолияти инҳисорӣ

Ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ, таъмини озодии фаъолиятҳои соҳибкорӣ ва пешрафти он танҳо тавассути мусоидат ба рақобати солим ва коҳиш додани амалҳои инҳисорӣ ба таври муассир амалӣ гардида метавонад, зеро ин равиш ба рушди муносибатҳои бозорӣ ва манфиатҳои муштариён хизмат мекунад.

Аз ин рӯ, барои амалӣ намудани ин мақсадҳо дар доираи қонун таъмини кафолати шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, зарур мебошад.

Ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти аввалиндараҷа ва рушди соҳибкорӣ ба вуҷуд овардани муҳити рақобати солим муҳим мебошад.

Барои ташкил додани муҳити солим рақобати бе иштироки бахши хусусӣ, ки асосан аз соҳибкории хурду миёна иборат аст, имконнопазир мебошад. Саҳми бахши хусусӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди фановарӣ ва технологияҳои нав хеле калон аст.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳо вобаста ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ аз субъектон таркиб ёфтааст. Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) машғул мешаванд.

Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" меъёре барои муайян намудани мавқеи ҳукмфармоӣ дошта вуҷуд надорад, ба монанди мавҷудияти имконияти аз бозори мол хориҷ кардани дигар субъектҳои хоҷагӣ ва ғ. Мо чунин мешуморем, ки ин холигӣ бояд бо роҳи дохил кардани мафҳуми мавқеи ҳукмфармоӣ дошта дар қонунгузорӣ бартараф карда шавад, яъне "Мавқеи ҳукмфармоӣ дошта суиистифода аз рафтори яктарафаест, ки имконияти ҳукмфармоӣ доштаи бозор (ё мавқеи ҳукмфармоӣ дошта) ва муҳити рақобатро маҳдуд намуда, ба зарари дигар субъектони хоҷагӣ равона мешавад" [13].

Бозор як низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки дар раванди истеҳсолот, гардиши маҳсулот ва тақсимоти он ташаккул ёфта, ҳамзамон ҳамчун платформаи муомилоти воситаҳои молиявӣ хизмат мекунад, ки барои рушди тиҷорат ва манфиатҳои муштариён замина фароҳам меорад [47, с. 25].

Ба доираи иштирокчиёни фаъолияти инҳисорӣ соҳибкорон – субъектҳои хоҷагидорӣ ва гурӯҳҳои шахсон дохил мешаванд. Мафҳуми ин гуна шахсон дар қонунгузории ҶТ муқаррар шудааст.

Бояд қайд намоем, ки оид ба фаҳмиши субъектҳои хоҷагӣ ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун мавҷуд аст. Мутобиқи м. 2-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи

рақобат”: «субъектҳои хоҷагидор шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони хориҷӣ, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие мебошанд, ки фаъолияти онҳо барои ба даст овардани фоида равона шудааст, инчунин шаҳрвандоне, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд» [13].

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми субъектҳои хоҷагидорӣ ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Муҳаққиқ Н.А. Машкин чунин мешуморад, ки ба субъектҳои хоҷагидорӣ бояд ташкилотҳои тиҷоратӣ, соҳибкорони инфиродӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки фаъолияти даромаднокро анҷом медиҳанд, дохил карда шаванд [48, с. 113]. Андешаи мазкур танҳо бо он асоснок карда мешавад, ки мазмуни мафҳуми «субъекти хоҷагидорӣ» танҳо фаъолияти соҳибкориро дар бар мегирад.

Тибқи дидгоҳи Н.В. Фролова, субъектҳое, ки фаъолиятҳои соҳибкорӣ ё дигар намудҳои хоҷагидории худро бар асоси молу мулки мустақил анҷом дода, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дорои салоҳиятҳои зарурӣ мебошанд, инчунин аз номи худ ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳоро дарёфт намуда, ин фаъолиятҳоро идора ва амалӣ мекунанд, ҳамзамон масъулияти мустақили молумулкӣ доранд, бояд ҳамчун субъектҳои хоҷагидор шинохта шаванд, зеро онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ нақши муҳим мебозанд [136, с. 136-143].

Ба ин тартиб, иштирокчии муносибатҳои соҳибкорӣ он шахсе эътироф мегардад, ки бо таваккали шахсии худ фаъолияти мустақили хоҷагидориро ба таври доимӣ бо ҳадафи дарёфти даромад амалӣ менамояд ва ин фаъолият ба манфиатҳои бозор ва муштариён хизмат мекунад. Чунин субъектҳо фаъолияти хоҷагидориро тавассути истеҳсоли маҳсулот, истифодаи молу мулк, иҷрои корҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо ва дигар амалҳое, ки аз ҷониби қонун манъ нашудаанд ба роҳ монда, ба рушди иқтисодиёт мусоидат мекунанд.

Ба андешаи В.С. Белых ва Т.М. Звездин, истилоҳоти “субъекти хоҷагидорӣ” ва “субъекти фаъолияти соҳибкорӣ” бо ҳам синоним нестанд, балки бо вуҷуди алоқамандии онҳо фарқиятҳои муҳим доранд. Ба ақидаи онҳо, ин мафҳумҳо бо якдигар дар робита қарор доранд, чунонки фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодӣ (хоҷагидорӣ) низ бо ҳам пайванданд, аммо на ҳама субъектҳои хоҷагидор ба мақоми соҳибкор соҳиб мешаванд ё онро қабул мекунанд. Барои мисол, дохил кардани фаъолиятҳои биржавӣ танҳо ба фаъолиятҳои хайриявӣ ё иҷтимоию фарҳангӣ ғайриимкон аст, зеро онҳо хусусиятҳои гуногун доранд [102, с. 44-64]. Аз ин рӯ, муаллифон тавсия медиҳанд, ки ҳангоми муайянсозии категорияи “субъекти хоҷагидорӣ” аз истилоҳи “фаъолияти хоҷагидорӣ” истифода бурда шавад, то дақиқии мафҳум таъмин гардад.

Аз фаҳмиши ҳуқуқи маданӣ, ки аз дидгоҳи муаллиф бармеояд, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вай мавқеи субъектҳои хоҷагидориро бар асоси хусусиятҳои анъанавӣ муайян кардааст: 1) гузаштан аз сабти расмӣ дар мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки онҳоро ба таври қонунӣ эътироф мекунад, 2) ба дӯш гирифтани масъулияти мустақил барои фаъолиятҳои худ, 3) доштани молу мулки ҷудогона барои анҷоми фаъолият, 4) мавҷудияти салоҳиятҳои хоҷагидорӣ, ки маҷмуи ҳуқуқҳо ва имкониятҳоро барои идораи фаъолият дар бар мегирад ва ин хусусиятҳо барои таъмини муносибатҳои бозории мӯътадил муҳиманд.

Ба ҳайси субъекти дигари фаъолияти инҳисорӣ гурӯҳи шахсон мебошад. Дар асоси муқаррароти моддаи 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» муайян шудааст: «гурӯҳи шахсон маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аст, ки ба як ё якчанд аломат ва шартҳои дахлдори пешбининамудаи қонунгузорӣ мувофиқат мекунад» [13].

Дар қонунгузории аксари давлатҳо мафҳуми гурӯҳро истифода мебаранд, вале таърифи ягонаи “гурӯҳи шахсон” то ҳол дар меъёрҳои қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат категорияи гурӯҳ муайян карда шудааст: 1) ташкилотҳои мустақили ҳуқуқӣ, ки бо муносибатҳои

тобеияти иқтисодӣ алоқаманд буда, сиёсати хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонанд, 2) дигар ташкилотҳое, ки якдигарро назорат мекунанд [43, с. 36].

Оид ба истилоҳи гурӯҳи шахсон ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Ба ақидаи Д.А. Петров: «Гурӯҳи шахсон доираи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошад, ки дар асоси меъёрҳои қонун бо тарзи назорат ва таъсири дахлдор фаъолияти якҷоя мебаранд» [56, с. 160]. Ю.В. Шмёлева бошад, «Гурӯҳи шахсонро ҳамчун субъекти мустақили бозор медонад, ки дар доираи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дорои қобилияти пешбурди фаъолият дар бозори муайянро доранд» [139, с. 1].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода: «Гурӯҳи шахсон субъекти ягонаи хоҷагӣ буда, аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иборат мебошанд [63, с. 52].

Муаллиф яке аз хусусиятҳои калидии танзимкунандаи гурӯҳи шахсонро ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор эътироф карда, пешниҳод намудааст, ки ин хусусият барои муайян кардани мавқеи онҳо дар бозор муҳим аст. Моҳияти ин гурӯҳи субъектҳо бо хусусияти зерин муайян мегардад: «Гурӯҳи шахсон маҷмуи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие дониста мешаванд, ки мувофиқи як ё якчанд нишонаҳои зерин амал мекунанд:

- як шахс ё чанд шахс дар якҷоягӣ дар натиҷаи созиш ё амали ҳамоҳангшуда ҳуқуқ доранд ба таври мустақим ё ғайримустақим (аз ҷумла, тавассути шартномаҳои хариду фурӯш, идораи ба эътимод асосёфта, фаъолияти муштарак, супориш ё дигар аҳдҳо) беш аз панҷоҳ фоизи шумораи умумии овозҳоро, ки ба саҳмияҳо ё ҳиссаҳои овоздиҳандаи сармояи оинномавии (шариконаи) шахсони ҳуқуқӣ рост меоянд, идора намоянд. Дар ин ҳолат, овозҳое, ки шахси ҳуқуқӣ тавассути шахсони сеюм, ки нисбат ба онҳо шахси аввал ҳамаи ҳуқуқу салоҳиятҳои дар боло зикршударо дорад, идора мекунад, ҳамчун ихтиёрдории ғайримустақим ҳисобида мешавад;

- як шахс ё чанд шахс дар асоси шартнома ё бо роҳи дигар қобилияти онро пайдо мекунанд, ки тасмимҳои қабулшавандаи шахси дигар ё шахсонро, аз ҷумла шартҳои амалисозии фаъолияти соҳибкории онҳоро муайян созанд, ё салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи шахси дигар ё шахсонро амалӣ намоянд ва ин ба идораи муассири фаъолият мусоидат мекунад;

- шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад мақоми иҷроияи ягона ё беш аз панҷоҳ фоизи аъзои мақоми иҷроияи дастаҷамъиро таъйин кунад, ё бо пешниҳоди ӯ зиёда аз панҷоҳ фоизи аъзои шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақоми идоракунии дастаҷамъии шахси ҳуқуқиро интихоб намояд, ки ин ба назорати сохтории он мусоидат мекунад;

- шахси воқеӣ метавонад салоҳиятҳои мақоми ягонаи иҷроияи шахси ҳуқуқиро иҷро кунад ва ин ба идораи мустақили фаъолият имкон медиҳад;

- шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падару модар, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо, ё шахсоне, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд, беш аз панҷоҳ фоизи аъзои мақоми иҷроияи дастаҷамъӣ, шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақоми идоракунии дастаҷамъии ду ё зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Мақоми идоракунии дастаҷамъии ду ё зиёда шахсони ҳуқуқӣ он мақомест, ки бо пешниҳоди шахсони ҳуқуқӣ беш аз панҷоҳ фоизи аъзои шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақоми идоракунии дастаҷамъӣ интихоб мегардад;

- шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падару модар, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо, ё шахсони ҳуқуқӣ мустақилона ё тавассути намояндагон (вакилон) дар маҷмуъ беш аз панҷоҳ фоизи овозҳоро, ки ба саҳмияҳо ё ҳиссаҳои сармояи оинномавии (шариконаи) ҳар кадом аз ду ё зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, идора мекунанд;

- шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мустақилона ё тавассути намояндагон (вакилон) дар маҷмуъ беш аз панҷоҳ фоизи овозҳоро, ки ба саҳмияҳо ё

ҳиссаҳои сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи идора доранд ва ҳамзамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падару модар, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо, ё шахсоне, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд, беш аз панҷоҳ фоизи аъзои мақоми иҷроияи дастаҷамъӣ, шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақоми идоракунии дастаҷамъии дигар шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд» [15].

Дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ мафҳуми гурӯҳи шахсон яке аз унсурҳои асосӣ буда, нодида гирифтани он механизму шаклҳои назорати зиддиинҳисориро амалан ғайриимкон мегардонад, зеро он барои муайян кардани таъсири воқеии субъектҳо ба бозор муҳим аст.

Дар чаҳорчӯби қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ҳангоми муайянсозии гурӯҳи шахсон, хусусияти марказӣ ифодаи иродаи муштараки аъзои он аст, ки имкони ташаккули рафтори ягонаи аъзои гурӯҳро дар муносибатҳои иқтисодӣ фароҳам меорад ва ин ба идораи муассири бозор мусоидат мекунад [116, с. 3-40].

Гурӯҳи шахсон маҷмуи субъектҳои гуногунро дар бар мегирад, ки бо якдигар робитаи зичи сохторӣ ва иқтисодӣ доранд. Ин робита ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бозори маҳсулоти мушаххас сиёсати муштаракро амалӣ созанд ва ин ба муносибатҳои бозории онҳо таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ робитаи байни ин субъектҳоро ба таври дақиқ муайян кардааст, то аз амалҳои зиддирақобатӣ ҷилавгирӣ шавад.

Гурӯҳи шахсон маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиест, ки дар натиҷаи воситаҳои назорат ва таъсири дар қонунгузорӣ муқарраршуда ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор эътироф гардида, дар бозор бо мавқеи муштарак амал мекунанд. Барои дарки мазмуни ҳуқуқии мафҳуми “гурӯҳи шахсон” ҳамчун падидаи ҳуқуқи зиддиинҳисорӣ, пеш аз ҳама ду ҷанбаи муҳим бояд равшан гардад:

Якум, гурӯҳи шахсон аз маҷмуи муайяни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ташкил мeёбад, ки бо якдигар робитаи расмии мутақобила дошта,

рафтори баъзе аз ин шахсонро нисбат ба дигарон пешакӣ муайян мекунад ё имкони чунин муайянсозиро фароҳам меорад ва ин ба идораи муштараки фаъолият мусоидат мекунад. Дуюм, мавҷудияти ин робитаҳои мутақобила заминаи ҳуқуқиро барои эътироф кардани чунин маҷмуи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор фароҳам меорад, ки барои танзими муносибатҳои бозорӣ муҳим аст. Ба амал ё беамалии гурӯҳи шахсон маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбат ба амал ё беамалии субъект ё субъектҳои хоҷагидор паҳн мегардад, то аз амалҳои зиддирақобатӣ пешгирӣ шавад.

Аз ин рӯ, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон он механизмҳое, ки ба пешгирӣ ё бартараф кардани истифодаи нодуруст аз бартарӣ дар бозор ё мавқеи инҳисории субъект нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор ё муштариёни ниҳоӣ нигаронида шудаанд, ба гурӯҳи шахсон татбиқ карда намешаванд. Дар айни замон, субъект бо роҳи таъсиси фаъолияти инҳисорӣ, ба мисли ташкили корхонаҳои зиёди фаръӣ ва тақсимоти расмии қисматҳои муайяни ҳиссаи бозор ба ҳар яке аз онҳо метавонад аз назорат канорагирӣ кунад. Барои ҷилавгирӣ аз чунин ҳолатҳо, дар қонунгузорӣ мафҳуми гурӯҳи шахсон муқаррар гардидааст, ки тибқи он, новобаста аз шумораи субъектҳои таъсисёфта, онҳо ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор бо ҳиссаи умумии бозор дар назар гирифта мешаванд ва ин барои танзими воқеии бозор муҳим аст. Танҳо бо истифода аз мафҳуми гурӯҳи шахсон метавон ба вазъи рақобат ва тақсимоти ҳиссаҳои бозор на ба таври расмӣ, балки ба шакли воқеӣ арзёбӣ кард ва мутаносибан чораҳои зарурии назорати зиддиинҳисориро татбиқ намуд, то муҳити рақобати солим таъмин гардад.

Мансуб донистани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба гурӯҳи шахсон бар асоси се нишонаи муносибатҳои байни онҳо, ки гурӯҳи шахсонро ташкил медиҳанд, амалӣ мегардад: а) робитаҳои молумулкӣ, б) сохторӣ-ташкилӣ, в) алоқамандии функсионалӣ, ки барои муайян кардани мавқеи онҳо дар бозор муҳиманд.

Робитаҳои молумулкӣ ҳамчун омили муҳимми мутақобила бо доштани ҳисса ё қисмати сармояи оинномавии ташкилот ташаккул ёфта, ба идораи муштараки фаъолият мусоидат мекунад.

Мувофиқи нишонаи сохторӣ-ташкилӣ, як шахс метавонад рафтори шахси дигарро тавассути салоҳиятҳои муайяни дорои хусусияти сохторӣ-ташкилӣ ва идоракунӣ муайян созад ва ин ба ташкили сохтори муассири идора мусоидат мекунад.

Дар назарияи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ зикр мегардад, ки гурӯҳи шахсон худ қобилияти ҳуқуқӣ надоранд, аммо дар бозор аъзои он метавонанд ба таври дастаҷамъона амал карда, рафтори муштарак дошта бошанд, ки ба муносибатҳои бозорӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, муайян кардани гурӯҳи шахсон ҳамчун иштирокчии алоҳидаи муносибатҳои бозорӣ дар доираи воситаи ҳуқуқии комилан асосноки қонунгузории рақобат сурат мегирад ва ин барои ҳифзи муҳити рақобати солим муҳим аст [151, с. 19].

Қонунгузории зиддиинҳисорӣ ҳамчун истеъмолкунанда шахсони зеринро муайян намудааст: 1) шахси воқеӣ, яъне истеъмокунандаи молу маҳсулот, 2) ташкилотҳои истеҳсолие, ки ашёи хом ё маҳсулоти нимтайёрро барои мақсадҳои истеҳсолӣ харидорӣ мекунанд, 3) миёнраве, ки молро бо мақсади бозфурӯши минбаъда ба даст меорад [15].

Ҳамзамон, тибқи сархати 1 қ. 1 м. 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" "мафҳуми истеъмолкунанда" дар чунин шакл омадааст: «Шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд» [20].

Таърифи дар моддаи қонун овардашудаи мафҳуми «истеъмолкунанда» ноқис буда, тамоми аломатҳои тавсифкунандаи ин мафҳумро инъикос накарда, бо номбар намудани танҳо чунин аломатҳо,

аз қабили «ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад» ё «харидорӣ намояд», маҳдуд мешавад [79, с. 9].

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки маҳсулоти ҷавобгӯ ба талабот талаб намояд, инчунин муроҷиат намояд ва шартнома бандад (шартномаи оммавӣ), шартҳои одилонаи шартнома ва ғайра.

Дар муносибат бо субъектони фаъолияти инҳисорӣ истеъмолкунанда метавонад тарафи «заиф»-и муносибат бошад. Он ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки субъекти хоҷагидор дар бозор мавқеи ҳукмронӣ ишғол менамояд, аз ҷумла:

– муқаррар намудани нархҳои ба худ манфиатовар барои маҳсулот ё хизматрасониҳо;

– бе асоси кофии иқтисодӣ ва технологӣ рад намудани бастани шартномаҳо бо муштариёни алоҳида. Чунин рафтор метавонадрақобатро маҳдуд намуда, ба манфиатҳои муштариён зиён расонад;

– муайян намудани нархҳои беасос;

– фароҳам овардани шартҳои табъизӣ нисбат ба иштирокчиёни алоҳидаи бозор. Чунин рафтор рақобатро маҳдуд намуда, ба манфиатҳои муштариён зиён мерасонад;

– фароҳам овардани шароите, ки ворид шудани дигар субъектҳои хоҷагиддоро ба бозори дахлдор маҳдуд менамояд.

Ҳолатҳое низ вуҷуд доранд, ки субъектони фаъолияти инҳисорӣ хоҳиши маҳдуд намудани дастрасӣ ба захираҳо ё технологияҳоеро доранд, ки рақибон метавонанд барои ташкили мол ё хизматҳои шабеҳ истифода намоянд. Махсусан, ин ҳолат метавонад барои рақибони нав ё бозор, ки барои рақобат бо субъектони фаъолияти инҳисорӣ захираҳои кофӣ надоранд, мушкил гардад. Масалан, намунаи суиистифода аз мавқеи ҳукмронӣ дар бозор ҳолате шуда метавонад, ки таъминкунандаи газ аз истеъмолкунандаи алоҳида барои истифода онро бо нархи гарон мефурӯшад, аммо ин маҳсулотро дар тарафи дигари шаҳр як

истеъмолкунанда метавонад бо нархи хеле арзон харидорӣ намояд. Чунин рафтори субъектони фаъолияти инҳисорӣ табъизӣ дониста шуда, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро поймол менамояд.

Истеъмолкунанда охирин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки мол харидорӣ намуда, дар айни замон ба фаъолияти касбии даромаднок машғул намебошад. Истеъмолкунанда низ субъекти хоҷагидорӣ буда, дар муносибатҳои рақобатӣ иштирок менамояд.

Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки истифодаи мафҳуми «истеъмолкунанда» дар доираи омӯзиши масъалаи иштироки онҳо дар муносибатҳои инҳисорӣ ғайриимкон аст. Агар сухан барои муайян намудани иқтидори бозорӣ равад, пас, истилоҳи «субъекти хоҷагидор» тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» муайян карда мешавад [13].

Аз ин нуқтаи назар, ба ақидаи М.А. Егорова розӣ шудан имконнопазир аст, ки чунин меорад: «Истеъмолкунанда ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии рақобат мебошад» [108, с. 10-14]. Дар мавриди мустаҳкам шудани мафҳуми «истеъмолкунанда» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бошад, ба андешаи мо, ин зарурати фарқ кардани мафҳуми «истеъмолкунанда», ки дар доираи қонунгузории зиддиинҳисорӣ истифода мешавад, бо шарҳи мафҳуми “истеъмолкунанда” дар қонунгузорӣ, аз ҷумла бо мафҳуми «истеъмолкунанда» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мебошад.

Чунин ҳисобида мешавад, ки айни замон истеъмолкунандаро субъекти ҳуқуқи рақобат эътироф накардан дуруст мебошад. Истифодаи ин категория дар баррасии масъалаи мавзуи ҳуқуқи зиддиинҳисорӣ боиси иштибоҳ ва нофаҳмӣ мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки агар мавзуи ҳуқуқи зиддиинҳисорӣ муносибатҳои дорои хусусияти амудӣ ва уфуқии гуногундоштаро дар бар гирад, ки бо ҳимояи рақобат робитаи

мустаҳкам доранд, истеъмолкунанда метавонад нақши иштирокчии муносибатҳои рақобатиро соҳиб гардад.

Бояд қайд намуд, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ: «агар амал (беамалӣ)-и субъекти ҳукмрон ба манфиати субъекти хоҷагидор – соҳибкори ба сифати бадастоваранда ва дар як вақт манфиатҳои доираи номуайяни шахсони дигар – харидорон (аз ҷумла харидорони эҳтимолӣ) халалдор гардад, пас ин амал (беамалӣ) суиистифода аз мавқеи ҳукмронӣ дар шакли поймол кардани манфиатҳои доираи номуайяни истеъмолкунандагонро ташкил медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки истеъмолкунанда шахси ҳуқуқӣ ё воқеие мебошад, ки мол (кор, хизматрасонӣ)-ро ба даст меорад» [13].

Суиистифодаи субъектон аз мавқеи ҳукмронии худ дар бозор ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагонро поймол намуда, ба онҳо зарар мерасонанд.

Унсури дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ объекти он маҳсуб меёбад. Муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ дар заминаи объектҳои муайян ба вуҷуд омада, ташаккул меёбанд. Мафҳуми «объект» дар назарияи аксари илм истифода бурда мешавад. Дар назарияи умумии ҳуқуқ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мафҳуми объект чунин фаҳмида мешавад: а) воситаи бавуҷудории манфиат, б) воситаи доираи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, в) вобастагӣ ба иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ [89, с. 73].

Объекти умумӣ доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Объекти бевосита навъи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар бозори мол инкишоф меёбад. Объекти бевосита рақобат, инчунин ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон мебошад.

Бояд қайд кард, ки объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ дар моддаи 136 КМ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд. Як гурӯҳ объектҳое, ки дар моддаи мазкур муайян шудаанд, инҳо мебошанд: «ба неъмату ҳуқуқҳои

молумулкӣ (молу мулк) инҳо дохил мешаванд: ашё (пули нақд, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ғайра), натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ ва молу мулки дигар, аз ҷумла воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат» [2].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода: “Аз нуқтаи назари муносибатҳои бозорӣ хусусияти муҳими ҳама гуна объекти дорои қобилияти муомилот дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шудан, яъне имконияти ба бозор дохил шудан, объекти аҳдҳои гуногун будан ва ғайра мебошад” [60, с. 48].

Афроде, ки ҳамчун иштирокчиёни фаъолиятҳои инҳисорӣ дар бозор фаъолият мекунанд, ба гурӯҳҳои зерин шомил мегарданд, ки ҳар кадом метавонад ба муносибатҳои рақобатӣ ва муҳити бозор таъсири назаррас расонад:

-субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолиятҳои иқтисодии худро дар бозор анҷом медиҳанд;

-гурӯҳи шахсон, ки бо робитаҳои муштарак ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор амал мекунанд;

-мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар танзими муносибатҳои бозорӣ нақш доранд;

-мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки дар сатҳи маҳал фаъолиятҳои иқтисодиро назорат мекунанд.

Таснифи фаъолияти инҳисорӣ ба намудҳо одатан вобаста ба шумораи иштирокчиёни ин фаъолият ва хусусиятҳои сифатии он амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, дар амалия фаъолияти зиддирақобатии фардӣ ва созишномавӣ (коллективӣ)-ро аз ҳам ҷудо мекунанд.

Фаъолияти инфиродии инҳисорӣ дар истифодаи ҳолати ҳукмфармоии худ аз ҷониби субъекти хоҷагидор дар бозор ифода мегардад. Одатан барои ин амал шартнома истифода бурда мешавад.

Фаъолияти муштараки инҳисорӣ як навъи амалиёти ташкилию иқтисодиест, ки бо ҳадафи бунёди сохторҳои гуногуни инҳисорӣ, ки дар бозор мавқеи бартарӣ, анҷом мегирад ва шаклҳои он аз созишномаҳое иборатанд, ки хусусияти маҳдудсозии рақобати солимро дошта, ба муносибатҳои бозорӣ ва манфиатҳои муштариён таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ин маврид маслиҳати пешакии субъектон барои муқаррар намудани нарх, таъсири бевосита ба рушди нарх, муомилоти иттилоот ва ғайра дониста мешавад.

Масъалаи робитаи байни мафҳумҳои ҳуқуқии «манфиат», «ҳуқуқи субъективӣ» ва имконияти ба сифати объекти мустақили ҳимояи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар суд баромад кардан аввалин диққати зиёд ба назар мерасад. Дар марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқ манфиати қонунӣ (бо қонун ҳимояшаванда) на танҳо ба ҳуқуқи субъективӣ, балки бо шакли судии ҳимоя низ метавонад татбиқ карда шаванд.

Ҳуқуқи субъективӣ имконияте мебошад, ки имконияти истифодаи неъматҳо, аммо бидуни чунин ҳудуди дақиқи рафтори иҷозатдодашуда (навъ ва андоза) ва қобилияти талаб кардани амалҳои муайян аз шахсони дигарро дорад.

Дар баробари ин, объекти бевоситаи ҳимояи ҳуқуқӣ будани «манфиати қонун ҳимояшаванда» ё «манфиати қонунӣ» дар илм баҳснок боқӣ мемонад.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин манфиатҳо сарфи назар аз фарқият, таҳти ҳимояи қонун мебошанд, яъне бо қонун ҳимоя карда мешаванд. Ғайр аз ин, ҳангоми ҳимояи ҳуқуқи моддӣ объекти чунин ҳимоя манфиат набуда, балки ҳуқуқи муайяни субъективӣ мебошад.

Тибқи дидгоҳи муҳаққиқ Р.Э. Гукасян, истилоҳоти “манфиати бо қонун ҳимояшаванда” ва “манфиати қонунӣ” як мафҳуми воҳидро ифода намуда, ҳамчун мафҳумҳои баробармаъно дар амал истифода бурда

мешаванд, ки ин ба фаҳмиши дақиқи ҳуқуқҳои шахс дар муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад [111, с. 170-171].

Илова бар ин, татбиқи ҳуқуқи субъективӣ боиси воқеӣ гардидани манфиати марбута мегардад ва дар ҳамин ҳол, ҳифзи ҳуқуқи субъективӣ ба маънои ҳимояи манфиати бо он ҳуқуқ ҳифзшаванда аст, ки ин ба таъмини адолат ва баробарӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Манфиат ҳамчун унсури асосии ҳуқуқи субъективӣ амал мекунад, зеро вуҷуди манфиат шарти муҳими эътирофи салоҳияти ҳуқуқии шахс барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти ӯ дониста шуда, ба ин васила барои таъмини манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар доираи қонун замина фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, бояд ба ақидаи он олимоне розӣ шуд, ки онҳо чунин мешуморанд: ҳуқуқи субъективӣ ҳамеша чун шакли ҳуқуқии зуҳури ҳимояи манфиат амал мекунад ва манфиат моҳияти дохилии он аст [41, с. 34].

Дар ин робита И.Д. Алиева қайд мекунад, ки дорандаи манфиат шахс аст ва ӯ метавонад талаботи иҷтимоии худро, аз ҷумла тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои бошуурона (аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок) амалӣ намояд. Ҳамчунин, манфиат танҳо арзиши иҷтимоӣ дорад, агар онро доранда дарк намояд [25, с. 128].

Ба маънои этимологӣ манфиат «1) таваҷҷуҳ ба касе, чизе, 2) вазн, аҳамият, 3) он чизе, ки касеро бештар ба худ ҷалб мекунад, мазмуни андеша ва нигарониҳои касе, ормонҳо, ниёзҳои касеро ташкил медиҳад, 4) он чизе, ки ба касе фоида меорад, ба орзую талаботи касе ҷавоб медиҳад» [83, с. 841].

Ба андешаи мо, таҳти мафҳуми манфиатҳои қонунии шахс (шахсон) бояд манфиатҳои фардӣ, ки ба шахси алоҳида ва тибқи қонун хос мебошанд, фаҳмида шавад.

### 1.3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ

Соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики иқтисодиёт ва тарзи хоҷагидорӣ дар натиҷаи таҳаввулоти бисёрасра дар иқтисодиёти давлатҳои мутараққӣ тадриҷан ҷорӣ гардид. Ин раванд дар ибтидо бо душворӣ инкишоф ёфта, баробари барқароршавии муносибатҳои бозорӣ мунтазам ва марҳила ба марҳила рушд ёфт [63, с. 52].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз истиқлоли давлатиро соҳиб шудан роҳи иқтисоди бозориро пеш гирифт. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, таъмини озодии амалиёти иқтисодӣ ва пешбурди фаъолиятҳои соҳибкорӣ, мусоидат ба рақобати солим ва коҳиш додани амалҳои инҳисорӣ бидуни мавҷудияти як низоми қонунгузории пурра ва мукаммал амалан ғайриимкон аст, зеро қонунгузории муассир заминаи устувори рушди муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни онро фароҳам меорад.

Боис ба таъкид аст, ки дар Рими қадим меъёрҳои танзими муносибатҳои тиҷоратӣ фаъолона амал мекарданд. Вобаста ба ин яке аз ходимони бонуфузи давлатии Рими қадим ва ҳуқуқшинос Папиниан Эмилий чунин қайд намудааст: «Ягон касро барои манфиати шахси дигар дар ҳолати ногувор нагузоред» [27, с. 448].

Аз ин ҷо, аввалин қонунҳои зиддиинҳисорӣ дар Рими кадим қонун дар хусуси мубориза бар зидди кӯшишҳои инҳисории миёнравҳо (соли 473) ва қонун оид ба манъи ҳама гуна фаъолияти инҳисорӣ (соли 483) эътироф шудаанд [92, p. 3].

Минбаъд бори аввал қонуни мукаммал бар зидди фаъолияти инҳисорӣ ва ҳифзи рақобати озод дар охири асри XIX дар ИМА қабул гардид, ки он Қонуни Шерман ном дошт. Дар Олмон бошад, соли 1896 Қонун оид ба рақобати бевиҷдонона қабул карда шуд [51, с. 411].

Баъд аз истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҳуқуқии нави мувофиқ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ташкил карда шуд.

Дар баробари қариб 200 давлати узви СММ, ки ҳар кадоми онҳо дорои низоми ҳуқуқии худ мебошанд, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон низ арзи ҳастӣ намуд. Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгари арзишҳои таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва дигар вижагиҳои хоси мардуми мо буда, ҳамчун як низоми мустақили ҳуқуқӣ аз ҷиҳати шакл, муҳтаво ва моҳият аз дигар низомҳои ҳуқуқии миллии ҷаҳон фарқ мекунад, зеро он ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои таърихӣ, маънавиёти миллӣ, шароити пайдоиш, таърихи ташаккул ва эҳёи давлатдории тоҷикон такя карда, барои таъмини адолат ва рушди ҷомеа хизмат мекунад [128, с. 137-144].

Масъалаи ташаккул ва такмили пайвастаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар зери таваҷҷуҳи давлату ҳукумати мамлакат қарор дорад. Ҳануз соли 2013 дар баромади худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда буданд: «Ба Ҳукумат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки тибқи муқаррароти қонунгузории зиддиинҳисорӣ масъалаҳои фаъолияти самараноки монополияҳои табиӣ, пешгириву маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, инчунин рақобати ғайрисолими субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкорони инфиродиро дар бобати риояи тартиби муқарраргардидаи нархгузорӣ таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд» [159].

Фаъолияти инҳисорӣ ва ба ин восита дар соҳибкорӣ муқаррар намудани нархи баланд дар гузашта низ тибқи таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик манъ буд. Дар таълимоти ҳанафӣ гуфта шудааст, ки инсони озодро, чи тавре ки тоҷир мебошад, ҷазо додан мумкин нест, вале муҳтоҷии ҷамъиятӣ аз рӯйи адолат мебуд, агар нисбат ба ӯ барои пешгирии қашшоқӣ маҳдудият гузорем. Дар ҳолати баланд бардоштани нарх қозӣ метавонист нархи танзимшавандаро оид ба мол ҷорӣ намояд. Ҳамин тавр, ҳуқуқшиносони мусулмонӣ бартариро на ба

фишангҳои сиёсӣ ва маҷбурии ҳокимиятӣ, балки ба фишангҳои идоракунии бозорӣ вобаста медонистанд [30, с. 224].

Фароҳам овардани фазои рақобати солим миёни субъектҳои хоҷагидор яке аз унсурҳои калидӣ ва ҳатмии пешбурди фаъолиятҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад, зеро он ба рушди устувори бозор, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо, инчунин таъмини манфиатҳои муштариён мусоидат мекунад. Маъмулан моҳияти рақобат ҳамчун мусобиқа барои шароити мусоид, ба натиҷаҳои назарраси фаъолияти соҳибкорӣ, яъне истеҳсолот ва талаботи молҳо, кор ва хизматрасонӣ дар бозор муайян карда мешавад. Дар умум, фаъолияти самараноки соҳибкорӣ аз рушд ва мукаммалии қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва инҳисор вобаста аст, ки он мавҷудияти назорати давлатиро аз болои инҳисор пешбинӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки тадбирҳои давлатӣ доир ба пешгирии амалиёти инҳисорӣ ба тариқи қонунгузории дахлдор сурат мегиранд.

Дар аксарияти кишварҳои дунё қонунгузории рақобат ташаккул ёфтааст, ки он ҳамчун воситаи ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт мебошад. Дар Тоҷикистон низ баъд аз гузаштан ба иқтисоди бозорӣ зарурат дар қонунгузории самти мазкур ба вуҷуд омад.

Ба ақидаи Ф.Ҷ. Абдуалимов: «Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ дар ҶТ сиёсати мусоидат ба рақобат ва танзими зиддиинҳисории равандҳои савдо мебошад. Сиёсати зиддиинҳисорӣ ба усулҳои танзими давлатии иқтисодиёт такя мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ (дар доираи сиёсати зиддиинҳисорӣ) воситаи асосии танзими давлатии иқтисодиёт қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад. Дар робита ба низоми фармонфармоии маъмурии идоракунии иқтисодӣ, ки даҳсолаҳо дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳукмфармо буд, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мамлакат мавҷуд набуд» [99, с. 37].

Аввалин мақомоти давлатӣ дар самти дастгирии рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ танҳо соли 2000-ум ташкил ёфт.

Муқаррароти қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ фарогири муҳимтарин меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои бозорӣ мебошанд. Бешубҳа, қонунгузории зиддиинҳисории Тоҷикистон соҳаи хеле ҷавон мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки дар ИҶШС, яъне дар давраи мавҷудияти низоми маъмурию фармондиҳии идораи хоҷагии халқ ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт вуҷуд надошт.

Тавре М.З. Раҳимзода таъкид мекунад, ташаккул ва пешрафти низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти соҳибкорӣ, ки ҷузъи муҳими он қонунгузории марбут ба рақобат ва маҳдудсозии фаъолиятҳои инҳисорӣ мебошад, дар шароити хоси таърихии кишвар, бо назардошти раванди рушди муносибатҳои бозорӣ ва таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин сабабҳои субъективӣ ва объективӣ, ба таври марҳила ба марҳила сурат гирифтааст ва ин раванд барои таъмини муҳити устувори иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор муҳим будааст.

Чи тавре, ки М.З. Раҳимзода қайд менамояд ташаккул ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкорӣ, ки қисми таркибии он қонунгузорӣ оид ба рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ мебошад дар шароити таърихии махсуси кишвар ва бо дарназардошти ҷараёни инкишофи муносибатҳои бозорӣ, инчунин дар зери таъсири сабабҳои субъективию объективӣ ва шароити дохилию берунӣ марҳила ба марҳила рушд ёфт. Ба андешаи ӯ ташаккули рушди қонунгузории соҳибкориро дар замони соҳибистиқлолӣ ба давраҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Давраи аввали ташаккул ва рушди қонунгузории соҳибкорӣ (солҳои 1991 то соли 1994).

2. Давраи гузоштани заминаи нави қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) то мавриди амал қарор додани қисми 1 ва 2 Кодекси граждані).

3. Давраи такмили минбаъдаи қонунгузории соҳибкорӣ (аз соли 2000 то ба имрӯз) [129, с. 20-21].

Бо назардошти ақидаи зикргардида мо ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисориро ба давраҳои зерин ҷудо менамоем:

1. Давраи аввали ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ, аз соли 1991 то соли 1994. Дар ин давра Конуни ҶТ "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ" аз соли 1993 қабул карда шуд.

2. Давраи дуюм давраи гузаштани заминаи асосии қонунгузории рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ. Аз қабули Конститутсияи ҶТ 1994 то соли 2007. Дар ин давра Қонуни ҶТ "Дар бораи инҳисори табиӣ" аз 5 марти соли 2007 [21], Қонуни ҶТ "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ", аз 9 ноябри соли 2000 [15] ва Қонуни ҶТ "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ", аз 28 июли соли 2006 [13] қабул карда шуд.

3. Давраи сеюм аз қабули Конуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" аз 18 майи соли 2017 [13] оғоз гардид ва то ба ҳол.

Муқарраротӣ хосе, ки масъалаҳои марбут ба рақобат ва маҳдудсозии фаъолиятҳои инҳисориро танзим мекунанд, дар қонунҳое мавҷуданд, ки ба идораи фаъолиятҳои биржавӣ, бонкӣ, сармоягузорӣ, навоварӣ, суғурта ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ нигаронида шуда, барои таъмини муҳити бозории мӯътадил ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни он хизмат мекунанд. Д.П. Бойматова таъкид мекунад: «Қисми зиёди санадҳои қонунгузории амалкунандаи зиддиинҳисориро асноди зерқонунӣ, аз қабили фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои вазорату идораҳо ташкил медиҳанд» [145, с. 51].

Баъзе муҳаққиқон бахшҳои мушаххаси қонунгузории кишварро дар ин самт ба марҳилаҳо ҷудо карда, таҳлил намудаанд. Муҳаққиқ Д.А. Ҷаборов чунин зикр мекунад: “Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории марбут ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба инҳисороти табиӣ ба ду марҳилаи асосӣ тақсим мегардад: а) марҳилаи аввал – аз солҳои 1991 то 1996, б) марҳилаи дуюм – аз солҳои 1997 то 2018”. Муаллиф марҳилаи аввали танзими ҳуқуқии инҳисороти табииро бо хусусияти заминавии он, яъне танзим тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ тавсиф карда, қайд мекунад, ки марҳилаи дуюм хусусияти фарогир пайдо намуд, яъне танзими ҳуқуқии инҳисороти табиӣ бо истифода аз воситаҳои дорои хусусиятҳои хусусӣ ва умумӣ ба роҳ монда шуд, ки ин ба таъмини муносибатҳои бозории устувор мусоидат кард. Ба сохтори қонунгузории марбут ба инҳисороти табиӣ омилҳои субъективӣ, аз қабили сатҳи пешрафти техникаи ҳуқуқӣ ва коркарди назариявии масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисороти табиӣ, таъсири назаррас мерасонанд, зеро онҳо барои мукаммал гардидани низоми ҳуқуқӣ ва татбиқи самараноки он дар амал муҳиманд [153, с. 48].

Қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ марҳилаи ташаккул ва рушди худро тай кардааст. Пеш аз таҳлили он зарур аст, ки мазмуни м. 12-и Конститутсияи ҶТ дарк карда шавад. Дар асоси моддаи мазкур дар Тоҷикистон асоси иқтисодиётро шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ ташкил медиҳанд. Дар даврони аввали солҳои соҳибистиқлолии мамлакат аввалин маротиба дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ м. 12-и Конститутсияи мамлакат фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат дод. Маҳз заминаи асосии рақобатро озодии фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, кафолати конститусионии дар м.12-и Конститутсияи мамлакат пешбинишуда

барои муносибатҳои ҳуқуқии рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар Конститутсия меъёри махсус дар бораи кафолати дастгирии рақобат ва манъи фаъолияти инҳисорӣ пешбинӣ нашуда бошад ҳам, муқаррароти м. 12 доираи муносибатҳои мазкурро дар бар мегирад.

Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунанда дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон ва шаҳрванд ҳуқуқи ҳар як шахс ба моликият ва меросро дар мақоми аввал гузошта, кафолатҳои онро ба таври устувор таъмин менамоянд, зеро ин ҳуқуқҳо барои таъмини адолат ва рушди ҷомеа муҳиманд. Лозим аст зикр кард, ки ба ин кафолатҳо озодии амалиёти иқтисодӣ, пешбурди фаъолиятҳои соҳибкорӣ, баробарии ҳуқуқӣ ва имкони истифода аз ҳамаи шаклҳои моликият шомил гардида, барои фароҳам овардани муҳити мусоид барои фаъолиятҳои иқтисодӣ хизмат мекунанд. Маҳз пешрафти соҳибкорӣ тавассути ташаббусҳои шахсӣ дар ташкили бахшҳои мухталифи фаъолиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили истеҳсолот, тиҷорат, сохтмон, хизматрасониҳо ва ғайра, имкониятҳои фарохеро барои рушди иқтисодӣ ва беҳбуди зиндагии мардум эҷод мекунад [106, с. 112].

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба масъалаи таъмин намудани рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисор диққати асосӣ дода шуда, дар ин самт чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ амалӣ карда шудаанд. Барои маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ мавҷудияти қонунгузории мукаммал, ки ба субъекти хоҷагидор имкони пайдо намудани мавқеи ҳукмфармоиро аз байн мебарад, бениҳоят муҳим аст. Бо ҳамин сабаб аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ин самт санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд. Аз ҷумлаи аввалин санадҳои меъёрии бевосита ба ин самт дахлдошта Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи танзими нарху тарифҳои маҳсулот ва хизматрасонии монополистҳои воқеӣ” аз 25 июни соли 1996, №282 ба шумор меравад

[22]. Дар санади мазкур ба як қатор мақомоти давлатӣ иҷозат дода шуда буд, ки онҳо нархномаи мол ва хизматрасониро муқаррар кунанд.

Манфиатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва умумӣ дар ҷараёни ҳифзи рақобати солим, коҳиш додани амалҳои инҳисорӣ ва ба таври умум пешбурди фаъолиятҳои соҳибкорӣ набояд бо якдигар дар муқобилат қарор гиранд, балки бояд бо ҳам мутавозин ва такмил дода шаванд, то муҳити бозории одилона ва устувор барои ҳамаи иштирокчиён фароҳам гардад. Низоми қонунгузории Тоҷикистон дар ин самт ба масъулияти маданӣ аҳамияти кофӣ надодааст ва ин вазъ зарурати қабули чораҳои ҳуқуқии муассирро барои ҳимояи рақобат, аз ҷумла тадбирҳои пешгирикунанда ҷиҳати ҷилавгирӣ аз вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ба миён овардааст, зеро чунин чораҳо барои таъмини шаффофият ва адолат дар бозор муҳиманд. Ғайр аз ин, дар қонунгузорӣ механизмҳои огоҳкунанда коркард нашудаанд ва чораҳои пешгирикунанда низ татбиқ нагардидаанд, ки ин монеи таъмини роҳҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои соҳибкорон гардида, ба рушди онҳо ва муҳити бозор таъсири манфӣ мерасонад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва ҳимояи рақобат коркарди роҳҳои нави мушаххаси ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ба мақсад мувофиқ аст. Вазъи кунунии муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили мунтазами Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат”-ро тақозо мекунад. Аз он, ки рақобат хусусити мураккаб ва гуногунҷанба дорад, аз ин рӯ, пешгирии фаъолияти зиддиинҳисорӣ  ҳамчун воситаи  ҳимояи рақобат дониста мешавад.

Санади дигари танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба фаъолияти инҳисорӣ Қонуни ҶТ “Дар бораи инҳисороти табиӣ” аз 5.05.2007, таҳти №235 дониста мешавад [18].

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” ва “Дар бораи реклама”, аз зумраи

санадҳои ҳуқуқие қарор доранд, ки ба ҷилавгирӣ аз фаъолиятҳои инҳисорӣ нигаронида шуда, барои пешрафти муносибатҳои бозорӣ дар кишвар мусоидат намуда, имкониятҳои васеъро барои рушди соҳибкорон ва таъмини манфиатҳои муштариён фароҳам меоранд.

Тибқи қисми 2-и м. 9-и КМ ҶТ: «Ба истифодаи ҳуқуқҳои маданӣ бо мақсади маҳдуд намудани рақобат, инчунин суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоии худ дар бозор роҳ дода намешавад. Меъёри зерин дар муносибатҳои маданӣ мавқеи калон дошта, озодии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданиро дар истифода ва амалӣ намуданиҳуқуқҳои худ бо мақсади маҳдуд намудани рақобат ва ташкил намудани шароити инҳисорӣ манъ менамояд» [2].

Баъзе муҳаққиқон доираи амали меъёрҳои Кодекси маданиро нисбат ба танзим даровардани фаъолияти инҳисорӣ маҳдуд эътироф менамоянд [63]. Дар воқеъ, тибқи қисми 5-и м. 2-и КМ ҶТ: «Қонунгузории маданӣ нисбат ба муносибатҳои молумулкие, ки ба тобеияти маъмурӣ ё тобеияти дигари ҳокимиятии як тараф ба тарафи дигар асос ёфтаанд, татбиқ намешавад, агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» [2].

Аммо дар мавриди муносибатҳои рақобатӣ меъёрҳои КМ ҶТ субъектонро то соҳиб шудан ба вазъи ҳукмфармоӣ ба худдорӣ намудан аз маҳдуд кардани рақобат масъул менамояд. Меъёри қисми 2-и м. 9-и КМ ҶТ дар муносибатҳои доир ба рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ нақши муҳим дорад, зеро тибқи меъёрҳои қонунгузории маданӣ, ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бояд худро тавре амалӣ намоянд, ки рақобатро маҳдуд накарда, ба фаъолияти инҳисорӣ даст назананд.

Бинобар ин, дар КМ ҶТ ҳамчун ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ маҳдуд накардани рақобат ва суиистифода накардан аз мавқеи ҳукмфармоӣ мустаҳкам гардидааст.

Аз ин рӯ, дар м. 58-и КМ ҶТ омадааст: «Бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисорӣ дар қонун мумкин аст ҳолатҳо ва тартиби маҷбурии азнавташкилдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси санади судӣ пешбинӣ карда шавад. Агар муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ, мақомоти ваколатдори онҳо ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ барои азнавташкилдиҳии он ваколат доранд, азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро дар муҳлати муқаррарнамудаи санади судӣ анҷом надиҳанд, суд мудири берунаи шахси ҳуқуқиро таъин намуда, ба ӯ супориш медиҳад, ки азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро анҷом диҳад. Аз лаҳзаи таъин гардидани мудири беруна ваколати идоракунии шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи ӯ мегузарад. Мудири беруна аз номи шахси ҳуқуқӣ дар суд амал мекунад ва тавозуни тақсимотро тартиб дода, онро якҷоя бо ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ бавуҷудоянда ҷиҳати тасдиқ ба суд месупорад. Аз ҷониби суд тасдиқ гардидани ҳуҷҷатҳои мазкур барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии навтаъсис асос мебошад» [2].

Тибқи муқаррароти м. 543-и КҲМ ҶТ: «Барои аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) бастани шартномаҳо, карордодҳо ё дигар намуди аҳдҳо ё анҷом додани амалҳои мувофиқашудае, ки ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ мухолиф буда, рақобатро маҳдуд менамоянд, ҷазои маъмурӣ пешбинӣ гардидааст» [3].

Барои кирдорҳои дорои хусусияти махсусан зараровар дар м. 273-и Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 (минбаъд – КҶ ҶТ) – «кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат» чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд.

Пас метавон гуфт, ки дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи махсус ва мустақили қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба вуҷуд омадааст, ки заминаи пешарафти ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мегардад. Ин падида дорои мавзуи танзими ҳуқуқии худ мебошад, ки дар он усулҳои танзими ҳуқуқӣ накши муҳим доранд.

Дар идора ва танзими муносибатҳои марбут ба коҳиш додани фаъолиятҳои инҳисорӣ, нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ аҳамияти хосса бархӯрдор аст, зеро онҳо барои таъмини шаффофият, адолат ва муҳити рақобати солим дар бозор мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷилавгирӣ аз амалҳои инҳисорӣ як қатор санадҳои зерқонунӣ тасвиб гардидаанд, ки ба пешрафти муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни он нигаронида шудаанд, аз ҷумла:

- роҳнамои ташкил ва идораи Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори маҳсулот мавқеи бартарӣ доранд ва ин роҳнамо бо фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 5 марти соли 2007 тасвиб шудааст;

- тартиби баррасии қазияҳо вобаста ба нақзи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 5 марти соли 2007 мавриди таҳлил муқаррар гардидааст;

- тавсияҳои методӣ барои муайянсозии намудҳои шартномаҳо, ки бо фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 5 марти соли 2007 муайян ва тасдиқ гардидаанд;

- қоидаҳои марбут ба тартиби санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва созмонҳои ваколатдори ин мақомот, ки бо фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 5 марти соли 2007 тасвиб шудааст;

- роҳнамои танзими муайянсозии нархҳо (тарифҳо) ё сатҳи ниҳоии онҳо барои субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи бартарӣ доранд ва ин роҳнамо бо фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 5 марти соли 2007 таҳлил ва муқаррар гардидааст;

- қоидаҳо оид ба муайянсозии мавқеи бартарӣ дар бозорҳои маҳсулот барои субъектҳои хоҷагидор, ки бо фармоиши сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, таҳти №85 тасдиқ шудааст;

- қоидаи марбут ба тартиби гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ ва дигар мақомот, ки бо фармоиши сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, таҳти №85 тасдиқ гардидааст,

- тартиби ташкил ва идораи Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори маҳсулот мавқеи бартарӣ доранд ва ин тартиб бо фармоиши сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, таҳти №85 тасдиқ шудааст.

Чунонки аз таҳлилҳо бармеояд, ҳамқадам бо ҷаҳон дар ҶТ низ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти зиддиинҳисорӣ таъмин гардидаанд. Қонунгузории зиддиинҳисории мамлакат аз низоми санадҳое иборат аст, ки қоидаҳои танзими азнавбавуҷудоӣ ва дастгирии рақобати бовиҷдонона, огоҳонидан, маҳдуд кардан, пешгирӣ намудани фаъолияти зиддиинҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро дар бар мегирад.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, “дар шароити муосир «Барномаи давлатии аз инҳисорот баровардани иқтисодиёт ва рушди рақобат дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” зарур аст» [100, с. 118]. Дар воқеъ, қабули чунин ҳуҷҷат муҳим буда, барои рушди муҳити рақобатӣ ва  маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ метавонад накши муҳим гузорад.

Дар асоси меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Муносибатҳое татбиқ мегарданд, ки ба ҳимояи рақобат, аз ҷумла огоҳкунӣ, пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти

инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона дар бозорҳои мол ва молиявӣ равона гардидаанд. Дар ин муносибатҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ, шахсони хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар ташкилотҳои давлатие, ки ваколатҳои онҳоро амалӣ менамоянд, инчунин фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон иштирок менамоянд» [13].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар доираи боби мазкур мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Инҳисор фаъолиятест, ки дар бозори мол ё хизматрасонии муайян "мавқеи инҳисорӣ" дорад ва ворид шудани дигар субъектонро ба бозор роҳ намедҳанд. Ҳамзамон, ба субъектони ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда аксар вақт метавонанд ба амалияи рақобати бевиҷдонона оварда расонанд, ба монанди муқаррар кардани нархҳои баланд ва пасти инҳисорӣ ва ғайра.

Аз сабаби набудани рақобат, субъектони ба фаъолияти инҳисорӣ машғулбуда аксар вақт зарурати навсозӣ, нигоҳдорӣ ва беҳтар кардани сифати маҳсулот ва хидматҳои худро дарк намекунанд.

Ҷиҳати дастгирӣ ва ҳимояи рақобат бояд механизми дурусти ҳуқуқии он таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд.

2. Ҷиҳати такмили Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" мувофиқ намудани мазмуни матни дар қисми 1-и м. 4-и дарҷгардида ба мафҳуми "мавқеи ҳукмфармоӣ", ки дар сархати 9-и м. 2-и қонуни мазкур омадааст, пешниҳод карда мешавад.

3. Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" меъёри мавқеи ҳукумфармоӣ дошта вуҷуд надорад, ба монанди мавҷудияти имконияти аз ин бозори мол хориҷ кардани дигар субъектҳои хоҷагидор ва ғ. Аз ин ҷо холигии мазкур бояд бо роҳи дохил кардани мафҳуми мавқеи ҳукумфармоӣ дошта дар қонунгузорӣ бартараф

карда шавад. Тавсия дода мешавад, ки “Мавқеи бартарӣ ҳамчун истифодаи нодуруст аз амалҳои яктарафа арзёбӣ гардад, ки бо истифода аз имкониятҳои бартар дар бозор фазои рақобати солимро маҳдуд карда, ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор зиён расонад ва ба ин васила ба муносибатҳои одилонаи бозорӣ таъсири манфӣ мерасонад”.

4. Бо назардошти ақидаи зикргардида, мо ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисориро ба давраҳои зерин ҷудо менамоем:

1. Давраи аввал, ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ, аз соли 1991 то соли 1994. Дар ин давра Қонуни ҶТ “Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ” аз соли 1993 қабул карда шуд.

2. Давраи дуюм, давраи гузаштани заминаи асосии қонунгузории рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ. Аз қабули Конститутсияи ҶТ 1994 то соли 2007. Дар ин давра Қонуни ҶТ “Дарбораи инҳисори табиӣ” аз 5 марти соли 2007 [21], Қонуни ҶТ “Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ”, аз 9 ноябри соли 2000 [15] ва Конуни ҶТ “Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ”, аз 28 июли соли 2006 [13] қабул карда шуд.

# БОБИ 2. НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ

## 2.1. Суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор

Дар замони муосир роҳи самараноки ташкили иқтисодиёти бозорӣ пешгирӣ ва маҳдуд намудани суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор мебошад.

Ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ имконияти амалигардонии ҳуқуқҳои мадании марбутаро бо салоҳдиди худ фароҳам оварда, қонунгузорӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфитаҳои дигар иштирокчиёни муомилоти мадании доираи рафтори иҷозатдодашударо муқаррар менамояд, ки берун аз он иҷозат дода намешавад.

Рақобати озод як унсури калидии пешрафти навовариҳои илмию техникӣ ва рушди устувори иқтисодиёт ба шумор меравад, зеро соҳибкор бо истифода аз технологияҳои муосир сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои худро беҳтар карда, хароҷоти истеҳсолиро коҳиш медиҳад ва нархҳоро дастрастар мегардонад, ки ин ба манфиати муштариён ва рушди бозор хизмат мекунад.

Фаъолияти инҳисорӣ зидди рақобат буда, онро коҳиш медиҳад. Дар м.2-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” омадааст: «мавқеи ҳукмфармоӣ мавқеи махсуси субъекти хоҷагӣ (гурӯҳи шахсон) ва ё якчанд субъектҳои хоҷагӣ (гурӯҳи шахсон) дар бозори моли муайян (кор, хизматрасонӣ) дар ҳолате ҳисобида мешавад, ки ба чунин субъекти хоҷагӣ (гурӯҳи шахсон) ё субъектҳои хоҷагӣ (гурӯҳҳои шахсон) имконият медиҳад ба шарту шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли муайян таъсири ҳалкунанда расонад ё ворид шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозори мол мушкил гардонад» [13].

Бояд қайд намуд, ки кирдори инҳисорӣ ба муомилоти мол (кор, хизмат) таъсири манфӣ расонида, барои фаъолияти дигар субъектони соҳибкорӣ монеаро ба вуҷуд меорад.

Аз ин рӯ, «амал ё беамалии як субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон, ки натиҷаи он ба пешгирӣ, маҳдудсозӣ, ё барҳам додани рақобати солим оварда расонад ё ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон зиён расонад, аз ҷумла: хориҷ кардани маҳсулот аз муомилот бо мақсад ё натиҷаи эҷод ё ҳифзи камбуди маҳсулот дар бозор ё афзоиши нархҳо, таҳмили талаботи ғайримуфид ё ғайримутаносиб бо мавзуи шартнома ба тарафҳои шартнома (масалан, талаби беасоси интиқоли воситаҳои молиявӣ, молу мулки дигар, ҳуқуқҳои моликият, нерӯи корӣ ва ғайра), дохил кардани шартҳои табъизӣ ба шартнома, ки тарафҳои шартномаро дар муқоиса бо дигар субъектҳои хоҷагидор дар вазъияти нобаробар қарор медиҳад, монеъ шудан ба воридшавии дигар субъектҳои хоҷагидор ба бозор ё хориҷ шудан аз он, вайрон кардани тартиби нархгузорӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, муқаррар ва нигоҳ доштани нархҳои аз ҳад баланд ё пасти инҳисорӣ, эҷоди шароити нобаробар (дискриминатсионӣ), беасос худдорӣ кардан аз бастани шартнома бо харидорон ё фармоишдиҳандагони алоҳида дар ҳолати мавҷуд будани имкони истеҳсол ё таҳвили маҳсулоти дахлдор ва ғайра фаъолияти инҳисорӣ дониста мешавад» (моддаи 9-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат”) [13].

Дар айни замон, зикр мегардад, ки «вазъияти хоси як субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон, ё якчанд субъектҳои хоҷагидор ё гурӯҳҳои шахсон дар бозори маҳсулот, кор ё хизматрасонии мушаххас, дар сурате мавқеи бартарӣ ҳисобида мешавад, ки ба ин субъект ё гурӯҳ имконият медиҳад, то ба шароити умумии гардиши маҳсулот дар бозори мушаххас таъсири муҳим расонад ё воридшавии дигар субъектҳои хоҷагидор ба ин бозорро мушкил гардонад ва ин ба муҳити рақобатии бозор таъсири манфӣ мерасонад» (моддаи 4-и Қонуни мазкур) [13].

Илова бар ин, «вазъияти як субъекти хоҷагидор дар сурате мавқеи бартарӣ эътироф мегардад, ки ҳиссаи он дар бозори маҳсулоти мушаххас аз сию панҷ фоиз зиёд бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки субъекти

хоҷагидор, сарфи назар аз баланд будани ин нишондиҳанда тавонад исбот кунад, ки дар бозор мавқеи бартарӣ надорад ва ин ба таъмини шаффофияти муносибатҳои бозорӣ мусоидат мекунад» (моддаи 4-и Қонуни мазкур) [13].

Ҳамчунин, «вазъияти субъекти хоҷагидор дар ҳолатҳое низ ҳамчун мавқеи бартарӣ шинохта мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори маҳсулоти мушаххас аз сию панҷ фоиз камтарро ташкил диҳад, агар ин аз ҷониби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бо дарназардошти устувории ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор нисбат ба андозаи нисбии ҳиссаи рақибон, имкони воридшавии рақибони нав ба бозор, ё дигар меъёрҳое, ки бозори маҳсулотро тавсиф мекунанд, муайян гардида бошад» (моддаи 3-и Қонуни мазкур) [13].

Вазъияти субъекти хоҷагидор дар сурате мавқеи бартарӣ дониста намешавад, агар ҳиссаи он дар бозори маҳсулоти мушаххас аз понздаҳ фоиз зиёд набошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қисмҳои 4 ва 6-и моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, то аз таъсири манфии эҳтимолӣ ба рақобат ва манфиатҳои иштирокчиёни бозор пешгирӣ шавад.

Ишғол намудани мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор барои дилхоҳ субъекти фаъолияти иқтисодӣ манъ карда намешавад.

Бояд қайд намоем, ки мушкилии дастрасӣ ба бозорро метавон ҳамчун ташкил намудани шароите фаҳмид, ки имконнопазирии ворид шудан  ба бозорро мушкил мегардонад. Аз ин рӯ, «имконияти дастрасӣ ба бозор маънои ташкили субъекти нави хоҷагидорӣ барои фаъолият дар бозори дахлдори маҳсулот ё тавсеаи фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки аллакай берун аз ҳудуди бозори дахлдор мавҷуд буда, ба бозор маҳсулот ворид мекунад» [126, с. 14].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» ҳолати мавқеи ҳукмфармоӣ, ба монанди ҳолати аз бозори мол берун кардани дигар иштирокчиён бозор муқаррар карда нашудааст. Мувофиқи мақсад аст, ки пешниҳоди мазкур оид ба ҳолатҳои аз бозори мол ҳангоми ворид

намудани тағйиру илова ба мафҳуми қонунгузории мавқеи ҳукмфармоӣ бартараф карда шавад.

Барои ба субъекти хоҷагидорӣ додани мақоми ҳукмфармоӣ мавҷудияти ҳадди ақал яке аз имконоти болозикр кофист.

Чуноне, ки Г.В. Вердиян қайд мекунад, дар ҳолати дар бозор ба муомилоти мол ва хизматрасонӣ дахолат намудан қобилияти аз бозори маҳсулот хориҷ кардани дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ва монеъ шудан ба бозори маҳсулот барои дигар субъектҳои хоҷагидор ченакҳои ҳамроҳшаванда мебошанд» [105, с. 8-13].

Ба андешаи В.И. Емелянов мавқеи ҳукмфармоӣ, ки дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ зикр шудааст, маҷмуи ҳуқуқҳои маданӣ мебошад, ки ба шахс нисбат ба дигар иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ дошта имконияти бештарро ҷиҳати муайян намудани шартҳои ҳамкорӣ медиҳад [68, с. 29].

Мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидориро дар бозор ҳам ба маънои маҳдуд ва ҳам ба маънои васеъ баррасӣ кардан мумкин аст. Ба маънои маҳдуд ҳиссаи субъекти хоҷагидор ба назар гирифта мешавад. Агар ҳисса аз меъёри муайяни муқарраршуда зиёд бошад, пас, субъекти хоҷагидор мавқеи ҳукмфармоиро ишғол менамояд. Ба маънои васеъ бошад, мавқеи хукмфармоӣ аз ҷониби суд бо назардошти имкониятҳои махсуси субъекти хоҷагидор барои таъсир расондан ба вазъи бозор муқаррар карда мешавад.

Ба андешаи Н. Шонасридинов ва Ф.М. Нодиров: «Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд мавқеи ҳукумфармоиро дар бозор ишғол намоянд ва чунин ҳолат худ аз худ ғайриқонунӣ ҳисобида намешавад. Агар ин гуна мавқеъро субъекти соҳибкорӣ дар асоси иродаи давлат ё дар натиҷаи рушд набудани бозори муайян ё самаранок ба амал баровардани рақобати бовиҷдонона ва ғолиб омадан дар он ба даст оварда бошанд, пас ин натиҷаи қонунии рақобат мебошад. Агар ҳолати инҳисориро соҳибкор бо ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба даст орад, ин

маънои вайрон намудани меъёрҳои қонунгузориро дорад ва чунин ҳаракатҳо ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ ҳисобида мешаванд. Мавқеи «ҳукмфармоӣ» ҳамчун оқибати зараровари ин ҳаракат ҳисобида шуда, нисбат ба чунин субъектҳо чораҳои ҷавобгарӣ татбиқ карда мешаванд» [90, с. 73].

Субъектҳои бозор, ки бо хусусиятҳои зерин тавсиф шуда, дар бозор мавқеи бартарӣ доранд, бо ин нишонаҳо муайян мегарданд, ки ба онҳо имкони таъсир ба муносибатҳои бозорӣ ва рақобати солим медиҳад:

-доштани мавқеи бартар дар бозор, ки ба онҳо қудрати назорати шароити бозорро фароҳам меорад;

-бартарии бештар дар истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулот, корҳо ё хизматрасониҳо, ки онҳоро аз рақибон болотар мегузорад;

-ишғоли мавқеи бартар дар як бозори мушаххаси маҳсулот, кор ё хизматрасонӣ, ки ба онҳо имкони таъсир ба ин бахшро медиҳад;

-доштани мавқеи бартар аз рӯи ҳиссаи бозори маҳсулоти мушаххас, ки қобилияти идораи нархҳо ва муомилотро таъмин мекунад;

-аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ ҳамчун субъекти дорои мавқеи бартар муайян ва расман эътироф шудан, ки ин ба ҳифзи муҳити одилонаи бозор мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, инкор кардан ғайриимкон аст, ки мавқеи ҳукмфармоӣ ба субъект афзалиятҳои муайян медиҳад. Чунин афзалиятҳо инҳо мебошанд:

«Якум, ин имконияти таъсиррасонии ҳалкунанда ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори дахлдор мебошад. Имконияти субъекти хоҷагидор оид ба таъсири ҳалкунанда ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори дахлдори мол ва (ё) монеъ шудан ба дастрасии дигар субъектҳои хоҷагидор ба бозор номида мешавад» [69, с. 83].

Дуюм, имконияти аз бозори муайяни мол хориҷ кардани дигар субъектҳои хоҷагидор. Дар ин ҷо имконияти аз байн бурдани рақибон,

яъне субъектҳои хоҷагидор, ки молҳои шабеҳ истеҳсол мекунанд, дар назар дошта мешавад.

Сеюм, афзалиятҳо имкони монеъ шудан ба дастрасии дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ба бозори мушаххаси молро дар бар мегиранд.

Бо назардошти хусусиятҳои гуногун барои ҳар як мол бозори моли худӣ муайян карда мешавад, ки дар ҳудуди он мавқеи ҳукмрони субъекти хоҷагӣ муқаррар мегардад.

Чорум, аломати босифати мавқеи ҳукмфармо истисноии мавқеи субъектеро, ки ба он имконияти таъсир расондан ба вазъи муҳитирақобатӣ дар бозори муайяни молро медиҳад.

Панҷум, ҳиссае, ки субъект дар бозор дорад.

Шашум, ҳолати субъект ҳамчун ҳукумфармо бояд аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ (зерсохтори минтақавии он) бо риояи расмиётҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Тибқи қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ ҳукмфармоӣ дар бозори ин ё он мол худ аз худ манъ карда нашудааст. Суиистифода аз ин муқаррарот ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад, ки бо истифода аз он субъекти хоҷагидор метавонад рақобатро маҳдуд карда, ба рақибон ва шахсони дигар зиён расонад.

Суиистифодаи мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор аз ҷониби субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи чунин субъектҳои хоҷагидор мавқеи ҳукмфармоӣ, ки ба рақобат монеъ мешавад, ба ҳисоб меравад [134, с. 87].

Мавҷудияти мавқеи ҳукмфармоӣ, гарчанде моҳияти он қонунӣ бошад ҳам, имкон медиҳад, ки ба шароити муомилоти мол ва вазъи муҳити рақобат дар бозор таъсири ҷиддӣ дошта бошад. Ба ин муносибат масъалаи таъмин намудани амалиёти бовиҷдононаи ин шахсон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ин вазифаро қонунгузор бо роҳи муқаррарнамудани манъи содир намудани кирдорҳое, ки аз ҳадди рафтори қобили қабул берунанд, ҳал мекунад.

Дар баробари амал (беамалӣ), унсури зарурии ҳуқуқвайронкуние,ки дар м. 9-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” омадааст: «Эҳтимолияти оқибатҳои номатлуб дар намуди роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва (ё) халалдор намудани манфиати дигар шахсон мебошад» [13]. Ҳамин тариқ, суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ  ҳамаи амали субъекти хоҷагидори мавқеи ҳукмфармоӣ дорад, ки боиси пешгирӣ ва маҳдуд кардани рақобат нагашта, инчунин манфиатҳои дигар шахсон маҳдуд мегарданд.

Амали субъектҳои инҳисори табиӣ ё шахсони дигаре, ки мавқеи ҳукмфармоиро ишғол намудаанд, дар рад кардани пешниҳоди мол ё дастрасӣ ба қобилияти худ ба шахсони воқеӣ (яъне шахсоне, ки субъектҳои соҳибкорӣ нестанд) зоҳир мешавад.

Суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ аз ҷониби субъекти хоҷагидор аз ҷониби қонунгузор тавре ифода карда мешавад, ки оқибатҳои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ дар натиҷаи амалҳое, ки суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ мебошанд ё дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ метавонад хавфи воқеии оқибатҳои манфӣ ба вуҷуд ояд.

Истифодаи нодуруст аз ҳуқуқҳои маданӣ, тибқи қисми 2-и моддаи 9-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади коҳиш додани рақобати солим ё нигоҳ доштани мавқеи бартар дар бозор анҷом мегирад, қатъиян манъ аст, зеро он ба муҳити одилонаи бозор ва манфиатҳои иштирокчиёни он зиён мерасонад. Ба дидгоҳи М.З. Раҳимзода, доираи манъкунии пешбинишуда дар моддаи 9-и Кодекси маданӣ хеле маҳдуд буда, имкониятҳои он барои танзими муносибатҳои бозорӣ пурра истифода намешавад. Дар навбати аввал, ин манъкунӣ танҳо ба иштирокчиёни муомилоти маданӣ, яъне шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дахл дошта, на ба ҳамаи субъектҳои бозор паҳн мегардад. Сипас, он дар муносибатҳое, ки бар асоси тобеияти як тараф ба тарафи дигар бунёд ёфтаанд, татбиқ намегардад, ва ин маҳдудият самаранокии онро

коҳиш медиҳад. Ин манъкунӣ ба бозорҳои маҳсулоте нигаронида шудааст, ки дар онҳо бо сабабҳои объективии иқтисодӣ рақобат ғайриимкон аст, аз ҷумла бозорҳои инҳисоротҳои табиӣ, қонунӣ ва муваққатӣ, ки барои идораи онҳо чораҳои махсус заруранд. Аз рӯи таркиби субъектҳо ин манъкунӣ ба он шахсоне татбиқ мегардад, ки дар бозор мавқеи бартарӣ дошта, қобилияти таъсир ба нархгузорӣ ва муомилотро доранд. Хусусияти моддаи 9-и Кодекси маданӣ ба таври бланкетӣ буда, зеро мафҳумҳои расмии “рақобат” ва “мавқеи бартарӣ” дар Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” муайян шудаанд ва ин ба фаҳмиши дақиқи онҳо мусоидат мекунад. Татбиқи ин модда ба тафсири он ва риояи меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ вобаста буда, барои самаранокии он такмили доимиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, васеъ ё маҳдуд кардани доираи амали қисми 2-и моддаи 9-и Кодекси маданӣ танҳо тавассути ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни “Дар бораи ҳимояи рақобат” имконпазир аст, то муносибатҳои бозорӣ ба таври одилона танзим гарданд ва манфиатҳои соҳибкорон ва муштариён ҳифз шаванд [63, с. 492-493].

Суиистифода аз мавқеи ҳукмрон боиси ба миён омадани оқибатҳои манфӣ ҳамчун зиёни мустақим ба муносибатҳои муътадили иқтисодию соҳибкорӣ ё манфиатҳои шахсони сеюм эътироф карда мешавад. Дар навбати худ, эҳтимолияти оқибатҳои манфиро ҳамчун эҳтимолияти воқеӣ ва объективии ин оқибатҳо фаҳмидан лозим аст.

Азбаски ин масъала хусусияти баҳодиҳӣ дорад, дар доираи санҷиши зиддиинҳисорӣ чунин робитаи сабабу оқибат бояд ҳамаҷониба таҳқиқ ва бо далелҳои дахлдор тасдиқ карда шавад. Ғайр аз ин, бо дарназардошти он, ки аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ анҷом додани пажуҳишҳои дақиқ ва воқеъбинонаи оқибатҳои ба вуҷуд омада барои муайян ва собит кардани мавҷудияти нақзи ҳуқуқ аҳамияти калон дорад, чунин танзим на танҳо барои муқаррар кардани ҳуқуқвайронкунӣ, балки ҳангоми муайянсозии ҷавобгарии маъмурӣ низ нақши муҳим мебозад,

зеро он ба таъмини шаффофият ва адолат дар муносибатҳои бозорӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчун меъёри асосӣ, масъулияти исботи унсурҳои нақзи ҳуқуқ, ки дар моддаи 9-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" пешбинӣ шудаанд, ба зиммаи мақомоти зиддиинҳисорӣ вогузор гардидааст, то аз амалҳои зиддирақобатӣ пешгирӣ шуда, манфиатҳои соҳибкорон ва муштариён ҳифз гарданд.

Дар асоси меъёрҳои муайяншудаи моддаи 9-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат", оқибатҳои ҳуқуқии фаъолиятҳои инҳисорӣ ба эътибор гирифта мешаванд ва аз мақомоти зиддиинҳисорӣ талаб карда намешавад, ки ин оқибатҳоро алоҳида исбот намоянд, зеро ин равиш барои содда кардани раванди ҳифзи рақобати солим ва таъмини муҳити бозории устувор мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, фарзияи мавҷудият ё таҳдиди оқибатҳои зарарнок маънои фарзияи амалҳои ғайриқонунии шахси мавқеи ҳукмфарморо надорад.

Дар ин маврид сухан танҳо дар бораи аз нав тақсим намудани уҳдадории исботи ин ҳолатҳо аз мақоми зиддиинҳисорӣ ба ҷавобгар меравад, ки субъекти хоҷагидорро аз ҳуқуқи «бартараф кардан»-и ин фарзия ва исботи мавҷудият ё таҳдиди оқибатҳои манфии амали худ маҳрум намесозад.

Ҳамин тариқ, суиистифода аз ҳукмфармоӣ рафтори якҷонибаест, ки мавқеи ҳукмфармоиро дар бозор ба даст оварда, рақобатро маҳдуд менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ин амалҳо ба роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат равона карда мешаванд.

Тибқи м. 4-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» намудҳои фаъолияти инҳисорӣ муайян шудаанд. Яъне: «дар асоси моддаи мазкур тартиби эътироф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори хизматрасонии молиявӣ фаъолият менамоянд, аз ҷониби

мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) қабул карда мешаванд (м. 4-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат») [13].

Мавқеи ташкилотҳои молиявӣ дар чунин ҳолатҳо ҳукмфармо ҳисобида мешаванд:

- маҷмуи ҳиссаи на бештар аз ду ташкилоти молиявӣ, ки ба онҳо ҳиссаи бештар дар бозори дахлдори хизматрасонии молиявӣ тааллуқ дорад, аз панҷоҳ фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад;

- маҷмуи ҳиссаи на бештар аз се ташкилоти молиявӣ, ки ба онҳо ҳиссаи бештар дар бозори дахлдори хизматрасонии молиявӣ тааллуқ дорад, ҳафтод фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад.

Тартиби эътироф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори хизматрасонии молиявӣ фаъолият менамоянд, аз ҷониби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Мавқеи ташкилотҳои молиявӣ дар ҳолате ҳукмфармо ҳисобида мешавад, агар маҷмуи ҳиссаи на бештар аз ду ташкилоти молиявӣ, ки ба онҳо ҳиссаи бештар дар бозори дахлдори хизматрасонии молиявӣ тааллуқ дорад, аз панҷоҳ фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад. Ҳамзамон, маҷмуи ҳиссаи на бештар аз се ташкилоти молиявӣ, ки ба онҳо ҳиссаи бештар дар бозори дахлдори хизматрасонии молиявӣ тааллуқ дорад, ҳафтод фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад» [13].

Ба андешаи П.Р. Пирзода: «Бозори хизматрасонии бонкӣ соҳаи ташаккули талаботу пешниҳоди хизматҳои бонкӣ аст, ки ба қонеъгардонии талаботи муштариён дар самтҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ мусоидат мекунад. Бо назардошти он, ки ташкилоти қарзӣ хизматрасонии бонкиро анҷом медиҳад, дар ин самт ҷустуҷӯи муштариҳои наву нигаҳдории муштариҳои қаблан ҷалбшуда ва бунёди низоми таъмини расониданиин хизматҳо ба истеъмолкунанда аз

вазифаҳои муҳимтарини бозори хизматрасонии бонкӣ ба ҳисоб мераванд» [150, с. 58].

Ҳамзамон, қайд мегардад, ки мушкилоти зерин боиси дар сатҳи дахлдор рушд накардани фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидаанд. Ба монанди фоизҳои баланд аз бонкҳо барои гирифтани қарз, сатҳи пасти идоракунии корпоративии бонк, самаранок истифода нашудани иқтидори сафарбаркунии пасандозҳо ва механизми табдилдиҳии онҳо ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузориҳо, сатҳи нокифояи ташкилоти қарзӣ. Барои аз байн бурдани монеаҳои зикршуда зарур аст, ки иқтидор ва рақобатпазирии ташкилоти қарзӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият пурзӯр гардад, паст кардани талаботи барои ҳадди ақали сармояи оинномавии бонк, нигоҳ доштани захира барои суботи молиявӣ, инчунин ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо таъмин гардонида шуда, ба таҷдиди бонкҳои амалкунандаи беэътимод мусоидат карда шавад [150, с. 58].

Ба ақидаи Н. Акобирзода, Бонки миллии Тоҷикистон мақоми ваколатдори самти фаъолияти бонкӣ буда, тибқи м. 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ҳангоми азнавташкилдиҳӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) ташкилоти қарзӣ танҳо дар ҳолати риоя шудани талаботҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ низ розигӣ медиҳад. Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки дар ин ҷо муқаррароти қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба инобат гирифта мешавад [100, с. 118].

Д.А. Ҷаборов қайд мекунад, ки: «Мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор дар асоси таҳлил ва арзёбии бозори моли муайян аз ҷониби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ муқаррар карда мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҳлил маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои молиявӣ, иттиҳодияҳои

ташкилотҳои молиявӣ, маълумоти маркетингӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ, пурсиши интихобӣ ва саволномаи субъектҳои бозор, шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маълумоти таҳқиқоти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, коршиносон, инчунин дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода карда мешавад.  Мавқеи субъекти хоҷагидор – субъекти монополияи табиӣ дар бозори мол,  ки дар ҳолати инҳисории табиӣ қарор дорад, ҳукмфармо мебошад» [153, с. 31].

Бояд қайд намуд, ки инкишофи рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ танҳо дар заминаи рушди низоми бонкдорӣ таъмин карда мешавад. Ташкили босамари низоми қарздиҳӣ ба рушди бахши хусусӣ, сатҳи камбизоатӣ ва мувозинати нархҳои истеъмолӣ дар сатҳи ҳама бозорҳо ҳаллу фасл карда шуда, дурнамо ва нақша ба ояндаи наздику дур таҳия карда мешавад.

Рафторе, ки метавонад суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ ва муқаррароти шабеҳро дар бар гирад, нархгузории беасос, аҳдҳои истисноӣ, тахфифҳо, бастабандӣ, рад кардани аҳдҳо ва дар баъзе ҳолатҳо аз ҳад зиёд нархгузорӣ намудан мебошанд.

Фарқ миёни рафтори қобили қабул ва рафторе, ки муқаррароти ҳукмфармоиро вайрон мекунад, аксар вақт душвор аст.

Дар Иттиҳоди Аврупо (ИА) рафтори қатъии якҷониба ё «ҳукмфармоидошта» тибқи м. 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо танзим карда мешавад. Аз ҷумла, м. 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо ба корхонаҳое, ки (ба таври инфиродӣ ё дастаҷамъӣ).

Ин муқаррарот дар қонунҳои миллии рақобати кишварҳои узви ИА инъикос ёфтааст ва ҳатто дар ҳолатҳое татбиқ карда мешавад, ки таъсири  он ба савдои байнидавлатӣ муқаррар нашудааст. Қонунгузории ҳар як давлат суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоиро дар дохили давлат дар дохили ҳамон давлат муқаррар мекунад.

Корхонаҳое, ки дорои мақеи ҳукмфармоии аксарияти бозорро доро мебошанд, метавонанд ҳаҷми истеҳсолотро маҳдуд карда, нархҳоро баланд намоянд. Онҳо метавонанд кӯшиш кунанд, ки дигар шахсонро аз воридшудан ба бозор тавассути тахфиф пешгирӣ намоянд, то рақибони эҳтимолиро берун созанд. Инчунин, онҳо метавонанд кӯшиш кунанд, ки таъминоти маҳсулотро бо пешниҳоди молҳои дигар пайваст намоянд [51, с. 441].

Моддаи 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо ба корхонаҳои ҳукмфармоидошта "ҷавобгарии махсус" мегузорад, то ширкату ҷамъиятҳои таъсиргузор бозорҳоро таҳриф накунанд, нисбат ба муштариён бевиҷдонона рафтор нанамоянд ё мавқеи рақобатро тавассути истисно кардани рақибон, аз ҷумла бо роҳҳои зерин кам намоянд:

– бевосита ё бавосита ҷорӣ намудани нархҳои ғайриодилонаи хариду фурӯш ё дигар шартҳои ғайриодилона;

– қасдан кам кардани истеҳсоли маҳусулот.

Бояд қайд намуд, ки Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо аз се унсури таркибӣ иборат аст:

1) муқаррар намудани мавқеи «ҳукмфармоӣ»;

2) тасдиқи "*prima facie*" рафтори маҳдудкунандаи яктарафа;

3) арзёбии мавқеи ҳукумфармоидошта дар бозор (м.102).

Муқаррароти моддаи мазкури Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо (ё эквиваленти миллии он) танҳо дар сурате мубрам мебошад, ки агар ширкат ё ҷамъият (ё гурӯҳи ширкатҳо) дар бозори дахлдори инҳисорӣ мавқеи "ҳукмфармоӣ" дошта бошад. Мутобиқи таҷрибаи судҳои ИА (аз ҷумла Комиссияи Ҳоффман-Ла Роше) ширкату ҷамъияти мавқеи ҳукмфармо дошта имкон медиҳад, ки ба таври назаррас аз муҳити самараноки рақобатӣ истифода намояд [97, p. 5950].

Мавҷудияти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (МЗ) низ метавонад омили муҳимми арзёбии ҳукмфармоӣ бошад, зеро ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

(масалан, патент) дар баъзе ҳолатҳо на танҳо инҳисорро ба дорандаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ таъмин карда метавонанд, балки барои ворид шудан ба рақибон (масалан, дар шароите, ки рақибон наметавонанд аз технологияи патентӣ озод шаванд) шароит муҳайё месозад.

Мафҳуми бозор барои арзёбии ҳокимияти бозор ва таҳлили оқибатҳои созишномаҳо ё рафтор замина муқаррар мекунад. Мафҳуми бозор маъмулан маҳсулот, минтақаи ҷуғрофӣ ва андозаи вақтро дар бар мегирад (дар мавридҳои зарӯрӣ). Бояд таъкид намуд, ки мафҳуми бозори дахлдор ҳадафи худ нест, балки як қадами калидӣ дар муайян кардани маҳдудиятҳои рақобат барои ташкилот, босалоҳият, боз ҳам дар асоси ҳар як ҳолат муайян кардани бозор, зеро шартҳои рақобат метавонанд бо мурури замон тағйир ёбанд ва аз ҳолатҳои мушаххас вобаста аст.

Ҳангоми муайян кардани бозор ба назар гирифтани доираи мол зарур аст, то мавриди рақобат қарор гиранд. Рақибон метавонанд воқеӣ ё эҳтимолӣ бошанд. Агар бозори мол хеле маҳдуд муайян карда шавад, корхона метавонад ҳукмфармо ҳисобида шавад. Аммо он метавонад дар бозори васеъ ҳукмфармо набошад.

Иваз кардан ё қобилияти иваз кардани маҳсулот бо маҳсулоти рақобаткунанда омили муҳим аст. Комиссия ба дараҷаи ивазкунии тақозо ва осонии аз як маҳсулот ба дигар гузаштани харидорон диққати махсус медиҳад. Комиссия ченаки “афзоиши хурд, вале назарраси ғайримустақими нархҳо”-ро татбиқ мекунад.

Агар далеле вуҷуд дошта бошад, ки натиҷаи чунин афзоиш боиси гузаштан ба маҳсулоти дигар мегардад, эҳтимол дорад, ки маҳсулоти дахлдор ва махсулоти ивазшуда қисми ҳамон як бозор ҳисобида шаванд. Санҷиш бо истифода аз маҷмуи бештари маҳсулоти рақобаткунанда гузаронда мешавад, то он лаҳзае, ки ивазкунандаи дигар ба санҷиш мувофиқат накунад.

Агар ширкат ё ҷамъият тамоми маҳсулоти ивазнашавандаро истеҳсол кунад, он фаъолияти инҳисорӣ дониста мешавад. Комиссия

наметавонад танҳо дар асоси назария амал кунад. Барои ин бояд далелҳо дошта бошанд. Далелҳо метавонанд таҳлили бозор ва андешаҳои иштирокчиёни бозорро дар бар гиранд. Амалан, дар бозорҳои хурд ҷамъ овардани далелҳои кофӣ душвор хоҳад буд.

Асосан, ҳамеша маҳдудияте вуҷуд дорад, ки ҳар як субъекти фаъолияти инҳисорӣ метавонад нархҳои худро бидуни истифодаи ягон ивазкунӣ боло барад. Эҳтимол барои зиёд намудан маҳдудият вуҷуд дорад, зеро он дар акси ҳол фоидаро коҳиш медиҳад. Доираи васеътари маҳсулот ҳамчун ивазкунанда бо нархи баландтар амал мекунад.

Агар субъекти фаъолияти инҳисорӣ, чунонки маъмул аст, аллакай нархи худро то ба ин сатҳ боло бурда бошад пас, афзоиши минбаъдаи 5-10% метавонад боиси ивазшавӣ ва мақсади ташкил намудани рақобат гардад. Комиссия аз ин имконият огоҳ гардида, тамоми далелҳоро барои муайян кардани он, ки оё ин ҳолат воқеан рӯй дода истодааст, баррасӣ хоҳад кард.

Ивазшавандагии маҳсулотро вобаста ба хусусиятҳои объективии онҳо ба назар гирифтан мумкин аст. Ҳар қадаре, ки хусусияти маҳсулот ба ҳам шабеҳ бошад, вазифаҳое, ки онҳо иҷро менамоянд, ҳамон қадар ба сифати ивазкунанда амал мекунанд.

Ҳангоми баррасии масъалае, ки оё маҳсулот дар ҳамон як бозор мавҷуд мебошад, паҳлуҳои муҳокима метавонанд ба миён оянд.

Доираи нархҳои молҳо ва хизматрасониҳо метавонад ба дарки он, ки бозори мувофиқро ташкил медиҳад, таъсир расонад.

Маҳсулот метавонад якчанд соҳаи татбиқ дошта бошад. Барои ҳар як намуди истифода метавонанд бозорҳои гуногун вуҷуд дошта бошанд. Масалан, бозори чархҳои нақлиёти автомобилӣ вобаста ба намуди талабот фарқ мекунад. Чархҳои аслие, ки дар воситаҳои нақлиёт васл карда мешаванд, ҳангоми истеҳсол, иваз ва таъмир дар бозорҳои гуногун баррасӣ мешаванд. Дар ҳар ҳолат фарқияти назаррас дар шароит ва қувваи қудрати бозори харидорон вуҷуд дорад. Дар ҳолати аввал чархҳо

ба таври чакана ба микдори зиёд фармоиш дода мешаванд, дар ҳолати дуюм бошад, эҳтимолан онҳо ҳангоми зарурат фармоиш дода шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки тарафи пешниҳодкунанда аҳаммиятдошта мебошад. Ин рақобати эҳтимолӣ метавонад бозорро рақобатпазиртар гардонад.

Зарур аст, ки бозори ҷуғрофӣ бояд ба назар гирифта шавад. Ин соҳаеро муайян мекунад, ки дар он шартҳои рақобат байни маҳсулот татбиқ мешаванд. Омилҳои фарҳангӣ, амалӣ ва ҳуқуқие мавҷуданд, ки маҳсулот метавонад танҳо дар як минтақаи муайян рақобат кунад. Мақомоти суд бозори ҷуғрофиро ҳамчун минтақае мешуморад, ки дар он сабабҳои объективӣ дар асоси маҳакҳои дар боло зикршуда ба ҳама молҳо ва фурӯшандагон дахл доранд. Дар он ҷое, ки бозорҳои дигар шароитҳои куллан гуногун доранд, метавонанд қисми як бозори ҷуғрофӣ набошанд [96, p. 454].

Хароҷоти нақлиёт метавонад хусусияти муҳим бошад. Молҳои зудвайроншаванда ё молҳое, ки интиқолашон гарон аст, дар бозори маҳдудтар фурӯхта мешаванд. Баъзе бозорҳои мушаххас метавонанд мавсимӣ ё муваққатӣ бошанд.

“Бозори дуюмдараҷа” ҳама гуна бозорест, ки дар он муштариёне, ки як маҳсулот ё хизматрасониро дастрас мекунанд, эҳтимол (ё ҳатто маҷбуранд) маҳсулоти минбаъдаи алоқаманд ё иловагиро харидорӣ намоянд. Масалан, муштариёне, ки бастаи барномавиро насб мекунанд, метавонанд бозори дуюмдараҷаи хизматрасониҳои дастгирии барномавиро ифода кунанд.

Тибқи қонунгузории ИА ҳукмфармоӣ дар бозори ягонаи дуюмдараҷа, ки ҳамчун бозори аввалия рақобатпазир боқӣ мемонад, аз эҳтимол дур нест.

Субъектҳои мустақил метавонанд дар якҷоягӣ мавқеи ҳукмфармоии дастаҷамъӣ дошта бошанд.

Баъзан ширкат ё ҷамъиятҳоро “аз ҳад зиёд ҳукмфармоидошта” номидан мумкин аст. Ба фарқ аз ҳукмронӣ, мафҳуми расмии ҳуқуқии ин истилоҳ вуҷуд надорад. Аммо ҳукмфармоии аз ҳад зиёд одатан ба вазъияте дахл дорад, ки мавқеи ширкат (ҷамъият) дар бозор он қадар бузург аст, ки ҳама гуна рақобати боқимонда дар беҳтарин ҳолат назарногир аст.

Дар ҳолатҳое, ки дар бозорҳои чакана ё яклухти рақамӣ як ё якчанд оператор ба таври инфиродӣ ё муштарак дорои қудрати назарраси бозорӣ мебошанд, танзими пешакии соҳавӣ татбиқ мегардад, то аз истифодаи нодуруст аз мавқеи бартарӣ ҷилавгирӣ шуда, муҳити рақобати одилона ва манфиатҳои муштариён дар ин бозорҳо ҳифз гарданд.

Тибқи “Тавсия” ва “Дастур”-и Комиссия вобаста ба арзёбии ҳокимияти назарраси бозорӣ, мафҳуми ҳокимияти назарраси бозорӣ ба мафҳуми ҳукмфармоӣ баробар аст. Аммо Комиссия фарқияти байни ду мафҳумро дар он қайд мекунад, ки ҳокимияти назарраси бозорӣ бояд дар асоси дурнамо арзёбӣ карда  шавад, дар ҳоле ки ҳукмфармоӣ бо мақсади татбиқи моддаи 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо, асосан дар асоси ретроспективӣ арзёбӣ карда мешавад.

Инчунин,  он тарзи ба даст овардани ҳукмфармоиро дар навбати аввал танзим намекунад (дар доираи низомномаи назорати якҷояшавии Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аъзо баррасӣ мешавад). Махсусан «суиистифода» аз мавқеи ҳукмронӣ ва мавҷудияти он мавзуи манъкунии моддаи 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо ба ҳисоб меравад [51, с. 441].

Сиёсати ИА дар соҳаи рақобат ба он нигаронида шудааст, ки чӣ гуна ҳукмфармоиро бе асосҳои объективӣ беадолатона истифода бурдан мумкин буда, аммо маънои «ҷавобгарии махсус» ба зиммаи як субъети ҳукмфармо гузошташударо мефаҳмонад.

Вақтҳои охир Комиссияи ИА ва судҳо аз равиши анъанавии шаклӣ ба рафтори мамнуъ даст кашидаанд ва ба таври умум ба таҳлили таъсири иқтисодӣ диққат кардаанд. Аммо тамоюли арзёбии расмии баъзе намудҳои рафтори якҷониба дар судҳо давом дорад.

Ширкат ё ҷамъятҳои мавқеи ҳукмфармоидошта дар ИА масъулияти махсус доранд, то рафторашон ба рақобати воқеӣ ва таҳрифнашаванда дар бозори дохилӣ зарар нарасонад.

Аммо моддаи 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо барои ҳимояи рақибони камсамар пешбинӣ нашудааст [97, p. 5950].

Намудҳои суиистифода:

Суиистифодае, ки ҳамчун "истисноӣ" тавсиф мешавад, рафтори як ширкат ё ҷамъияти ҳукмфармо мебошад ва дорои қувваи пурра ё қисман аз ворид шудан ё боқӣ мондани рақибон ба бозори фоидаовар мебошад.

Таҷрибаҳои истисноӣ одатан ҳамчун зиёновартарин шакли суиистифода дида мешаванд. Ин ба он вобаста аст, ки онҳо метавонанд дар муддати тӯлонӣ раванди рақобатро халалдор созанд ва рақибони хурд ё навро аз рақибони қобили эътимод ба ширкату ҷамъияти ҳукмфармоидошта пешгирӣ кунанд. Ба ин васила онҳо муштариёнро аз имконияти интихоби беҳтар ва рақобат бахра бурдан маҳрӯм месозанд.

Мисоли суиистифодаи ба истисно асосёфта аз инҳо иборат аст:

1. Нархгузорӣ - рафтори махсус барои аз байн бурдан ё суст кардани мавқеи рақиб ҳамчун рақиби қобили қабул (ё бо роҳи пеш кардани он аз бозор ё бо роҳи боздоштани вуруд ба бозор). Ин ба он оварда мерасонад, ки ташкилоти ҳукмфармо дар муддати кӯтоҳ аз фоида даст мекашад, то рақибонро иваз карда, руҳафтода намояд. Вақте ки ташкилоти ҳукмфармо рақибони мавҷуда ё иштирокчиёни эҳтимолиро бомуваффақият нобуд мекунад, он мавқеи худро мустаҳкам хоҳад кард ва аз ҷиҳати назариявӣ озод аст, то нархҳои рақобатпазирро талаб кунад ва ё пешниҳодҳои худро бидуни оқибат паст намояд.

2. Даст кашидан аз бастани аҳд аз ҷониби созмонҳои дорои мавқеи ҳукумфармоӣ бартар дар интихоби шарикони тиҷоратӣ дар ҳолатҳое маҳдуд мегардад, ки ин созмонҳо, ба мисли ширкатҳо ё иттиҳодияҳои ба таври амудӣ муттаҳидшуда, (ки дар бозори иктишоф ё истихроҷ бо дарёфти захираҳои муҳим, доштани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ё дигар объектҳои арзишманд мавқеи бартар доранд) метавонанд аз мавқеи худ дар таъмини захираҳо ё объектҳои муҳими "асосӣ" истифода бурда, рақибонро аз дастрасӣ ба ин захираҳо маҳрум созанд ва бо ин роҳ ба қобилияти онҳо барои рақобат бо созмонҳои бартардошта зиён расонанд, ки ин ба муҳити рақобати одилона ва манфиатҳои муштариён таъсири манфӣ мерасонад.

3. Тахфифҳои дастгирӣ - ситондани маблағ.

4. Алоқамандкунӣ ва муттаҳидшавӣ - усулҳое, ки ширткатҳо барои ба ҳам пайвастани фурӯши ду маҳсулоти гуногун истифода мебаранд. Он метавонад рақобати рақибони маҳсулоти алоҳидаро душвор созад.

5. Таъмини риояи ҳуқуқҳои патентӣ – тавассути манъкунии судӣ метавонад дар ҳолатҳои муайян ба суиистифода баробар шавад.

Масъалаи асосии рафтори инҳисор ҳолатест, ки ширкат ё ҷамъияти ҳукмфармо аз муштариёни худ аз ҳад зиёд маблағ меситонад, яъне нархҳое, ки ҳам аз хароҷоти ташкилоти ҳукмфармо ва ҳам маҳсулоти муқоисашаванда хеле зиёд мебошанд ё маблағи аз ҳад зиёд ситонидашаванда ба арзиши иқтисодии маҳсулоти супурдашуда алоқаи асоснок надорад. Ҳарчанд нигаронӣ дар бораи нархгузории аз ҳад зиёд мубрам аст, аз ин рӯ, он ба таври самаранок танзими нархро ба вуҷуд меорад.

Ҳамзамон, суиистифодаи аз мавқеи инҳисорӣ метавонад бо табъизи ташкилоти ҳукмфармои байни муштариён алоқаманд бошад (масалан, ситондани нархҳои гуногун ё пешниҳоди шартҳои гуногун ба муштариёни якхела дар шароите, ки ин фарқиятҳоро бо фарқияти арзиши хизматрасонии ин муштариён асоснок кардан ғайриимкон аст ва

махсусан, дар ҳолате, ки аз баъзе муштариён нархгузории аз ҳад зиёд ситонида мешавад) ё маҳсулоти алоқаманд то он дараҷае, ки он муштариёни маҳсулоти аввалияро маҷбур мекунад, ки маҳсулоти дуюмдараҷаи алоқамандро бо нархҳои баланд ва ё бо шартҳои ноодилона харидорӣ намоянд.

Субъети ҳукмфармо кӯшиш мекунад, ки шарики тиҷоратӣ ё рақибро бо роҳи баланд бардоштани нархҳои ситонидашуда, қатъ кардани муносибатҳои маҳсулотсупорӣ, харид ё ташаббуси оғози мурофиаи судӣ огоҳ кунад ва ҷазо диҳад. Суиистифодаҳои мазкур аксар вақт аз ҷиҳати мақсад ва таъсири худ истисноӣ мебошанд, аммо як масъалаи алоҳида (хусусан дар робита бо шарикони тиҷоратӣ, ки рақиб намебошанд) дар он ифода меёбад, ки чораҳои андешидашуда номутаносиб ва беадолатона мебошанд.

Яке аз хусусиятҳое, ки доираи амали м. 2-и Қонуни Шерманро маҳдуд мекунад, дар он ифода меёбад, ки он эҳтимолияти инҳисорро дар ҳар як бозоре, ки ба он татбиқ мешавад, талаб мекунад. Дар ин масъала қонунгузории ИМА аз қонунгузории бисёре аз мамлакатҳои дигар фарқ мекунад. Масалан, ИА чунин ҳуқуқвайронкуниҳои шабеҳро ҳамчун "суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ" тавсиф мекунад. Дар қонунгузории Иттиҳоди Аврупо (ИА) ин имкон фароҳам оварда шудааст, ки рафторҳое, ки ба бозорҳои марбута зиён мерасонанд, дар бар гирифта шаванд, ҳатто агар ин рафторҳо хатари ҷиддии эҷоди инҳисор дар бозори дуюмдараҷаро ба вуҷуд наоранд, то муҳити рақобати одилона ва манфиатҳои муштариён дар ин бозорҳо ҳифз гарданд [93, p. 1071].

Тибқи баррасии муқоисавии қонунгузории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар мавриди истифодаи нодуруст аз мавқеи бартар (инҳисорӣ) дар шароити бозор, дидгоҳҳо ва ҳудуди амали ҳуқуқии онҳо равшан мегардад, ки ба амалҳое, чун муқаррар кардани нархҳои гуногун ё пешниҳоди шартҳои нобаробар

барои муштариёни якхела, коҳиш додани имкониятҳои интихоби маҳсулот, фишор овардан ба рақибон ва амалҳои монанд ишора мекунанд ва ин амалҳо ба муносибатҳои бозори шаффоф ва рақобати солим таъсири манфӣ мерасонанд, ки барои соҳибкорон ва муштариён зараровар аст.

Аз рӯи мазмуни худ қонунгузории ИМА талаб мекунад, ки ҳузури эҳтимолии инҳисор дар ҳар як бозори дахлдор исбот шавад. Қонунгузории ИА бошад, чунин амалҳоро ҳамчун ҳолати суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ арзёбӣ менамояд.

Дар Фаронса қонунгузории рақобат асосан дар асоси Ордонанси №86-1243 аз 1 декабри соли 1986 “Дар бораи озодии нархҳо ва рақобат” ва Декрети № 86-1309 аз 26 декабри соли 1986 танзим карда мешавад. Ин санадҳо меъёрҳои асосии мубориза бо фаъолияти монополистиро муқаррар намуда, ба стандартҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) мутобиқ мебошанд. Илова бар ин, Фаронса ба меъёрҳои умумиаврупоии танзими рақобат, аз ҷумла моддаҳои 101 ва 102-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо (TFEU), риоя мекунад. Назорати риояи қонунгузории рақобат дар Фаронса ба зиммаи Мақомоти рақобат (Autorité de la Concurrence) вогузор шудааст. Ин мақомот масъулияти тафтиши амалҳои зиддирақобатӣ, аз қабили созишҳои картелӣ, суиистифода аз мавқеи ҳукмрон ва амалияҳои маҳдудкунандаи рақобатро дорад. Илова бар ин, Комиссияи Аврупо низ дар ҳолатҳои марбут ба бозорҳои байналмилалӣ ё ширкатҳои бузург фаъолона иштирок мекунад.

Хусусиятҳои асосӣ:

- Мубориза бо амалияҳои зиддирақобатӣ: Фаронса ба пешгирии созишҳои картелӣ, ки нархҳоро муқаррар мекунанд ё бозорро тақсим мекунанд, диққати махсус медиҳад. Масалан, ширкатҳое, ки дар чунин амалҳо даст доранд, метавонанд то 10% аз гардиши солонаи худ ҷарима шаванд.

- Назорати нархгузорӣ: Фаронса яке аз кишварҳои нодир дар ИА аст, ки танзими нархҳоро дар баъзе бахшҳо, аз қабили кишоварзӣ ва фурӯши чакана, ҷорӣ кардааст.

- Рақобати ғайриодилона: Қонунгузории Фаронса рақобати ғайриодилонаро, аз қабили паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё истифодаи ғайриқонунии аломатҳои тиҷоратиро, қатъиян манъ мекунад. Чунин амалҳо метавонанд ҳамчун ҷинояти ғайримуқаррарӣ дар суд баррасӣ шаванд.

Яке аз хусусиятҳои қонунгузории Фаронса ин аст, ки он таърифи дақиқи "фаъолияти монополистиро" пешниҳод намекунад, ки ин метавонад ба тафсири васеи меъёрҳо оварда расонад. Инчунин, дар муқоиса бо дигар кишварҳо, Фаронса ба танзими бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ диққати бештар медиҳад, ки аз таҷрибаи он дар соҳаи кишоварзӣ сарчашма мегирад.

Дар Италия қонунгузории рақобат асосан дар асоси Қонуни № 287 аз 10 октябри соли 1990 "Меъёрҳо барои ҳифзи рақобат ва бозор" танзим карда мешавад. Ин қонун ба меъёрҳои ИА мутобиқ буда, масъалаҳои марбут ба созишҳои маҳдудкунандаи рақобат, суиистифода аз мавқеи ҳукмрон ва назорати мутамарказии иқтисодиро дар бар мегирад. Масъулияти назорати риояи қонунгузории рақобат ба Мақомоти рақобат ва бозор (Autorità Garante della Concorrenza e del Mercato, AGCM) вогузор шудааст. AGCM дорои салоҳиятҳои васеъ буда, метавонад тафтишот гузаронад, ҷаримаҳо ҷорӣ кунад ва қарорҳои маъмурӣ қабул намояд.

Хусусиятҳои асосӣ:

- Назорати мутамарказӣ: Италия ба назорати якҷояшавии ширкатҳо диққати махсус медиҳад, то пешгирӣ аз ташкили монополияҳо. AGCM ҳар як амали якҷояшавии ширкатҳоро, ки метавонад ба бозор таъсири манфӣ расонад, бодиққат таҳлил мекунад.

- Суиистифода аз мавқеи ҳукмрон: Қонунгузории Италия суиистифода аз мавқеи ҳукмронро, аз қабили муқаррар кардани нархҳои аз ҳад баланд ё паст қатъиян манъ мекунад.

- Рақобати ғайриодилона: Дар Италия рақобати ғайриодилона асосан тавассути меъёрҳои Кодекси граждании Италия танзим карда мешавад, ки ба муносибатҳои байни соҳибкорон ва истеъмолкунандагон дахл дорад.

Яке аз мушкилоти асосии қонунгузории Италия ин зарурати мувозинат байни меъёрҳои миллии худ ва талаботи ИА мебошад. Инчунин, AGCM баъзан бо мушкилоти марбут ба тафтиши ширкатҳои бузурги байналмилалӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки ин аз сабаби маҳдудияти захираҳо ва салоҳиятҳо ба вуҷуд меояд.

Дар Британияи Кабир қонунгузории рақобат асосан дар асоси Қонуни рақобат аз соли 1998 ва Қонуни корхонаҳо аз соли 2002 танзим карда мешавад. Пас аз хуруҷи Британия аз ИА (Brexit) ин кишвар низ баъзе меъёрҳои ИА-ро дар қонунгузории худ нигоҳ доштааст, аммо ба таҳияи стандартҳои мустақили худ шурӯъ кардааст. Назорати рақобат дар Британияи Кабир аз ҷониби Мақомоти рақобат ва бозорҳо (Competition and Markets Authority, CMA) анҷом дода мешавад. CMA дорои салоҳиятҳои васеъ буда, метавонад тафтишоти мустақилона гузаронад, ҷаримаҳо ҷорӣ кунад ва тавсияҳо барои ислоҳи бозор пешниҳод намояд.

Хусусиятҳои асосӣ:

- Мубориза бо картелҳо: CMA ба пешгирии созишҳои картелӣ, ки ба истеъмолкунандагон зарар мерасонанд, диққати махсус медиҳад. Ҷаримаҳо барои чунин амалҳо метавонанд, то 10% аз гардиши ҷаҳонии ширкатро ташкил диҳанд.

- Назорати якҷояшавӣ: CMA якҷояшавии ширкатҳоро бодиққат назорат мекунад ва метавонад онҳоро манъ кунад, агар онҳо ба коҳиши рақобат оварда расонанд.

- Ҳифзи истеъмолкунандагон: Дар муқоиса бо Фаронса ва Италия, Британияи Кабир ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон диққати бештар медиҳад, ки ин яке аз самтҳои афзалиятноки СМА мебошад.

Қонунгузории рақобат дар Фаронса, Италия ва Британияи Кабир дар маҷмуъ ба меъёрҳои умумиаврупоии ИА асос ёфтааст, аммо ҳар як кишвар хусусиятҳои хоси худро дорад. Фаронса ба танзими нархҳо ва бозорҳои кишоварзӣ диққати махсус медиҳад. Италия бошад ба мувозинати байни меъёрҳои миллӣ ва ИА тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки Британияи Кабир ба ҳифзи истеъмолкунандагон ва мубориза бо ширкатҳои технологии бузург афзалият медиҳад. Ин фарқиятҳо аз таърих, афзалиятҳои иқтисодӣ ва мушкилоти мушаххаси ҳар як кишвар сарчашма мегиранд. Барои такмил додани қонунгузории рақобат, ин кишварҳо метавонанд аз таҷрибаи якдигар омӯзанд. Масалан, Фаронса метавонад таърифи дақиқи "фаъолияти монополистиро" ҷорӣ кунад. Италия метавонад захираҳои AGCM-ро барои тафтиши ширкатҳои байналмилалӣ афзоиш диҳад ва Британияи Кабир метавонад мубодилаи таҷрибаро бо мақомоти ИА идома диҳад, то мутобиқати қонунгузориашро бо стандартҳои байналмилалӣ таъмин намояд.

Бояд қайд наумуд, ки суиистифода аз мавқеи инҳисорӣ на танҳо ба рақобати бозорӣ, балки ба ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон низ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, қонунгузории ИА дар ин самт нисбат ба қонунгузории ИМА васеътар мебошад, зеро бо ин восита ҳатто амалҳои ғайримустақими зараровар низ, пешгирӣ карда мешаванд.

## 2.2. Созишнома (амалҳои мувофиқашуда)-и маҳдукунандаи рақобати субъектҳои хоҷагидор

Рақобати озод яке аз унсурҳои асосии фаъолияти иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад, зеро он ба навоварӣ, беҳтар шудани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо мусоидат мекунад. Пешрафти иқтисодиёт ба

мавҷудияти фазои рақобати солим ба таври зич вобаста буда, барои рушди устувори бозор ва манфиатҳои муштариён замина фароҳам меорад. Ҳифзи рақобати одилона ва коҳиш додани амалҳои инҳисорӣ вазифаи муҳими иқтисодии давлати муосир мебошад, зеро он барои таъмини муҳити бозории шаффоф, баробарӣ байни соҳибкорон ва пешгирӣ аз таъсири манфии инҳисорот ба иқтисодиёт хизмат мекунад.

Дар қонунгузорӣ яке аз шаклҳои маҳдуд намудани рақобат созишномаҳои зиддирақобатӣ муқаррар карда шудааст. Созишномаҳои зиддирақобатӣ дар тӯли таърих шаклҳои гуногунро фаро гирифтаанд, ки мисоли зиндаи онҳо картелҳо (созишномаҳои уфуқӣ) ва трастҳо (созишномаҳои амудӣ) мебошанд. Мақсади чунин созишномаҳо маҳдуд кардани рақобат байни тарафҳои дар созишномаҳо иштироккунанда мебошад. Усулҳои умумӣ муқаррар кардани нарх, назорати истеҳсолот ва қисмҳои бозорро дар бар мегиранд. Мафҳуми рақобат дар қонунгузории марбут ба бозор ба дараҷае муҳим аст, ки бисёре аз кишварҳо бо ҳадафи ҳифзи муҳити рақобати одилона ва пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ дар низоми ҳуқуқии худ созишномаҳои зиддирақобатиро татбиқ мекунанд, ба монанди қонунҳои зиддиинҳисорӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Олмон, ки барои таъмини шаффофияти бозор, баробарии соҳибкорон ва ҳифзи манфиатҳои муштариён хизмат мекунанд. Созишномаҳои зиддирақобатӣ таваҷҷуҳи зиёди мақомоти зиддиинҳисориро ҷалб мекунанд.

Созишномаҳои зиддирақобатӣ бори аввал дар охири асри нуздаҳум таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб намуданд. Аммо, ҳадафи аслӣ на маҳдуди рақобат, балки ёфтани роҳи худсарфкунӣ дар байни як гурӯҳи ташкилотҳо барои якҷоя бартараф кардани бухрони иқтисодӣ буд. Аз ин рӯ, созишномаҳои зидди рақобат дар аввал барои ҷомеа мусбат ҳисобида мешуданд, зеро онҳо метавонистанд нархҳо ва шуғли аҳолиро ба эътидол оваранд.

Аммо ба зудӣ маълум шуд, ки созишномаҳои зиддирақобатӣ метавонанд механизми бозорро ба таври назаррас заиф карда, ба ин васила ба иқтисодиёт аз фоида дида бештар зарар оваранд. Гарчанде кӯшишҳои қонунгузорӣ дар як вақт дар ду тарафи Атлантик анҷом дода шуда буданд, Қонуни зиддиинҳисории Шерман, ки соли 1890 дар ИМА қабул шудааст, аввалин қонуни муосир оид ба рақобат барои танзими созишномаҳои зиддирақобатӣ гардид. Бо қабул шудани қонунҳо дар бораи рақобат, созишномаҳои зиддирақобатӣ дар ҳама низоми қонунгузории рақобат ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд.

Ба андешаи Ф.М. Нодиров: «Созишнома созиши миёни субъектҳои хоҷагидор аст, ки дар шакли хаттӣ ё дар якчанд ҳуҷҷатҳо инъикос ёфтааст, инчунин созише, ки дар шакли шифоҳӣ ба маҳдудкунии рақобат равона гардидааст» [53, с. 441].

Дар қонунгузории рақобати мамлакатҳои хориҷӣ ду намуди созишномаҳои зиддирақобатӣ ҷудо карда мешавад: уфуқӣ ва амудӣ. Созишномаҳои уфуқӣ ба созишномаҳои зиддирақобатӣ дахл доранд, ки мустақиман байни рақибон ё ширкаҳо дар як бозор мувофиқа шудаанд. Созишномаҳои амудӣ байни ширкату ҷамъиятҳое, ки дар сатҳҳои ҳамсоя дар як занҷираи истеҳсолӣ ё дар бозорҳои дар як қатор боло ва поён ҷойгир шудаанд, баста мешаванд.

Тақсимоти созишномаҳоро ба таври уфуқӣ ва амудӣ дар ИА ва ИМА мушоҳида кардан мумкин аст.

Фарқ миёни созишномаҳои уфуқӣ ва амудӣ муҳим нест, балки он барои арзёбии рақобат муҳим аст. Аз замони қабули Қонуни зиддиинҳисории Шерман судҳои ИМА пас аз Standard Oil (1911) тадриҷан ду равиши гуногунро барои дастгирии рақобат барои созишномаҳо таҳия карданд. Яъне шартномаҳое, ки ғайриқонунӣ мебошанд, ба таври мухтасар ғайриқонунӣ ҳисоб карда мешаванд. Барои муқоиса, онҳое, ки қоидаи асоснокро фаро гирифтаанд, бояд аз ҷониби

тарафдорони рақобат ва тарафдорони зидди рақобат якҷоя бо далелҳои мушаххас шарҳу баҳо дода шаванд.

Созишномаҳо метавонанд рақобатро бо ин ё он роҳ маҳдуд созанд. Бо вуҷуди ин, ҳадафи қонунгузории зиддинҳисорӣ манъ кардани ҳама созишномаҳо, новобаста аз он ки онҳо рақобатро маҳдуд мекунанд ё намекунанд, дониста мешавад. Қонунгузории рақобат танҳо созишномаҳоеро манъ мекунад, ки рақобатро ба таври назаррас маҳдуд мекунанд. Ҳамин тариқ, дар бисёр ҳолатҳо дастурҳоеро қабул мекунанд, то аз созишномаҳои барномавӣ хориҷ карда шаванд, зеро онҳо рақобатро ба таври ғайримоддӣ маҳдуд мекунанд. Ин одатан бо истинод ба ҳиссаҳои бозории иштирокчиён анҷом дода мешавад. Ҳар қадаре ки ҳиссаи бозор камтар бошад, эҳтимоли баровардани созишнома ҳамон қадар зиёдтар аст.

Илова ба истисноҳои басташавӣ, созишномаҳо низ метавонанд дар як ҳолат озод карда шаванд. Ғайр аз ин, онҳо муваззафанд собит намоянд, ки шартнома ба таври ҷиддӣ рақобати солимро коҳиш намедиҳад ва имконият медиҳад, ки муштариён аз натиҷаҳои ба даст омада қисмати одилонаи манфиатро дарёфт кунанд, то муносибатҳои бозории шаффоф таъмин гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳифз карда шаванд.

Чунин созишномаҳо мутобиқи моддаи 101-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо риоя карда мешаванд.

Созишномаҳо бо мақсади маҳдуд кардани рақобат дар шароити муосир яке аз маъмултарин ҳуқуқвайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар ҶТ маҳсуб мешавад.

Дар қ. 1-и м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳуми созишнома (амал мувофиқашуда)-и субъектҳои соҳибкорӣ муайян шудааст. Тибқи муқаррароти ин модда: «Созишномаи (амали мувофиқашудаи) субъектҳои хоҷагидор, ки рақобатро маҳдуд менамояд, амали субъектҳои хоҷагидор дар бозори мол, ки натиҷаи иқтисодии онҳо

танҳо дар он сурат барои ҳар яке аз чунин субъектҳои хоҷагидор фоидаовар мегардад, ки агар дигар субъектҳои хоҷагидор ба таври мушобеҳ ё бо усули барои ҳар яке аз чунин субъектҳои хоҷагидор пешакӣ маълум амал кунанд ва агар чунин амал боиси иҷозат надодан, маҳдуд сохтан ё барҳам додани рақобат дар бозори мол гардидааст ё метавонад гардад» [13].

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳуми созишномаро бо мафҳуми «амали мувофиқашуда» бидуни маҳдудияти онҳо баробар мекунад, яъне: «амалҳои такрорӣ (шабеҳ), ки бо шароити берунии фаъолияти бозори дахлдори маҳсулот муайян карда нашудаанд ва ҳамкории бошууронаи муносибатҳои рақобатии байни онҳоро иваз намуда, ба истеъмолкунандагон зарар мерасонад» [13].

Дар амалия муайян намудани мавҷудияти амалҳои мувофиқашуда дар рафтори субъектҳо нисбат ба исботи мавҷудияти созишномаҳои зиддирақобатӣ мушкилтар аст.

Дидгоҳе пешниҳод шудааст, ки амалҳои ҳамоҳангшуда бояд ҳамчун як мафҳуми фарохтар нисбат ба шартнома арзёбӣ гарданд, зеро амалҳое, ки барои иҷрои шартномаи қабулшуда анҷом дода мешаванд, низ метавонанд ба сифати амалҳои мувофиқашуда шинохта шаванд ва ин ба танзими муносибатҳои бозорӣ ва таъмини рақобати одилона мусоидат мекунад. Ин изҳорот ба тафсири расмии мантиқии мафҳуми амали мувофиқашуда асос ёфтааст ва дар асл дуруст ва одилона аст.

Аммо дар робита ба қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи рақобат қонунгузор ҳадафи муқаррар намудани манъи алоҳида нисбат ба амалҳои татбиқи созишномаҳоро пеш гирифтааст, зеро манъи созишномаҳои зиддирақобатӣ табиатан мустақил буда, арзёбии амалҳоеро дар бар мегирад, ки дар сурати мавҷуд будани ин созишнома ба амал меоянд.

А. Бикебаев чунин қайд менамояд: «Бо фарқ аз амали мувофиқашуда натиҷаи иродаи мувофиқашудаи тарафҳои созишномавӣ нестанд ва

мутобиқшавии оддии яктарафа такрори амали дигар субъекти бозорро ифода мекунад, ки ин амалҳоро мувофиқашуда набояд ҳисоб кард, чунки имкони ба ҷавобгарӣ кашидани соҳибкор барои амали мазкур ба вуҷуд омаданаш имкон дорад» [103, с. 4-10].

Шакли аз ҳама хатарноки созишномаи зиддирақобатӣ созишномаҳои уфуқӣ (картелӣ) мебошад. Тибқи б. 22-и қ. 1-и м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Созишномаҳои уфуқӣ (картелӣ) амалҳои мувофиқашудаи субъектҳои хоҷагидори бо ҳам рақобаткунанда (рақобаткунандагони эҳтимолӣ) ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки ба фаъолияти мунтазами бозор таъсири манфӣ расонида ва бамаҳдудияти бозори мол равона карда шудаанд» [13].

Тибқи муқаррароти қ. 1-и м. 7-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Бастани шартномаҳо, дигар аҳдҳо, созишномаҳо ё анҷомдодани амалҳои мувофиқашудаи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори як мол (молҳои боҳамивазшаванда) амал менамоянд, ҳамчун картел эътироф карда мешаванд, яъне иштирокчиёни картел дар асоси мафҳуми болозикр ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор буда метавонанд» [13].

Аз муҳтавои ин меъёр бармеояд, ки субъекти рақобаткунанда, ки дар як бозори мол фаъолият мекунанд, иштирокчиёни картел дониста мешаванд. Ба назар мерасад, ки маҳуми картел дар м. 2-и Қонуни мазкур аз рӯйи мазмуни худ васеъ буда, имкон медиҳад, ки байни ғайрирақибон низ созишномаи уфуқӣ баста шавад.

Ин ҳолат метавонад ба мушкилоти ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба тафсири хусусиятҳои созишномаҳои уфуқӣ ва амудӣ оварда расонад. Мутобиқи м. 7-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Созишномаи байни субъектҳои соҳибкорие, ки рақобат намекунанд, дахл дорад, ки яке аз онҳо мол мехарад ё харидори эҳтимолӣ ва дуюмӣ мефурӯшад ё фурӯшандаи эҳтимолӣ мебошад» [13].

Дар ин робита, чунин таклиф карда мешавад, ки истилоҳи «картел»-и дар сархати 22-и қисми 1-и м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» овардашуда бо истилоҳи «картел»-и дар қ. 1-и м. 7-и Қонуни мазкур зикршуда мувофиқ карда шавад. Яъне: «Картел – шартномаи байни субъектҳое, ки дар як бозор мол мефурӯшанд ё харидорӣ менамоянд дониста мешавад (зеро харидорон метавонанд иштирокчиёни созишномаи картелӣ бошанд)» [13].

Дар байни ташкилотҳое, ки дар як сатҳи занҷираи истеҳсолот воқеъ гардидаанд, созишномаҳои уфуқӣ баста мешаванд. Ин созишномаҳо одатан байни ташкилотҳои калон дар бозоре баста мешаванд, ки дар шароити муқаррарӣ бо ҳамдигар рақобат мекунанд. Аммо онҳо розӣ мешаванд, ки нархи поёнии маҳсулотро муқаррар кунанд, ё истеҳсоли маҳсулотро бо мақсади ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархҳо маҳдуд карда, бозори дахлдорро байни худ тақсим кунанд ва ғ. Бо ин васила онҳо метавонанд кафолат диҳанд, ки муштариён аз имконияти маъмулӣ маҳруманд ва ташкилотҳо метавонанд аз набудани имконият баҳра баранд.

Намудҳои зерини созишномаҳои уфуқӣ мавҷуданд:

– созишномаҳои уфуқие, ки барои мустақим ё ғайримустақим муайян кардани нархҳои хариду фурӯш таҳия шудаанд. Азбаски ҳадафи рақобат пешниҳод кардани нархи пасттарин ба муштариён аст, ин кирдор рақобатро маҳв менамояд;

– баъзе шартномаҳои уфуқӣ, ки ҳадафашон ҷудо кардани бозор аст, ба воситаи тақсимоти маҳсулот аз рӯи намуди истеҳсолот ё минтақаҳои ҷуғрофии фурӯш, ё бо муайян кардани шумораи маҳдуди муштариёне, ки ҳар яке аз тарафҳо метавонад хизмат расонад, ба ин гурӯҳи амалҳои зиддирақобатӣ дохил мешаванд, ва ин амалҳо ба муҳити рақобати одилона ва манфиатҳои муштариён дар бозор таъсири манфӣ мерасонанд;

– тақаллуб дар савдо. Ин намуди созишномаҳо танҳо дар ҳолатҳое эътибор пайдо мекунанд, ки раванди пешбурди тиҷорат савдоро дар бар гирад. Тавассути бастани созишномаҳои зиддирақобатӣ иштирокчиён метавонанд рақобатро дар ин раванд коҳиш диҳанд ё ҷараёни савдоро идора намоянд.

Созишномаи уфуқии зиддирақобатӣ метавонад яке аз оқибатҳои зеринро дошта бошад:

– созишномаи байни ду ва зиёда рақибон метавонад бевосита ё бавосита нархҳоро муайян кунад. Чунин созишномаҳо ба рақобат дар бозор таъсири манфӣ мерасонанд, зеро рақибон аллакай аз сиёсати нархгузории ҳамдигар огоҳ мебошанд. Ин ҳолат рақобати байни онҳоро суст намуда, ба манфиати истеъмолкунандагоне, ки фоида ба даст меоранд ва дар ҳолати вуҷуд доштани рақобати нархӣ байни бозингарони бозор маҳсулоти беҳтаринро бо нархҳои пасттарин ба даст оварда метавонанд, зиён мерасонад.

– созишномае, ки истеҳсолот, интиқол, бозор, рушди техникӣ, сармоягузорӣ ё пешниҳоди хизматрасониҳоро маҳдуд ё назорат мекунад.

Созишномае, ки истеҳсоли мол ё пешниҳоди онҳоро дар бозор кам ё назорат мекунад, боиси болоравии нархҳо аз сабаби кам шудани пешниҳод мегардад. Ин рафтор ба корхонаҳо ё шахсони алоҳида бо роҳи пешгирӣ кардани онҳое, ки қобилияти истеҳсоли бештарро доранд, зарар мерасонад ва ба ин васила рақобатро байни корхонаҳо ё шахсон суст мекунад. Кам шудани пешниҳод ва дар натиҷа баланд шудани нарх ба истеъмолкунандагон зиён мерасонад. Инчунин, созишнома метавонад ба рақиб ҷиҳати ҷалби рушди техникӣ ё сармоягузории минбаъда монеа шавад. Масалан, созишнома метавонад истифодаи баъзе таҷҳизоти баландсифат ё раванди муайяни истеҳсолиро маҳдуд гардонад.

Ба воситаи созишнома бозор манбаи истеҳсол ё пешниҳоди хизматрасониҳоро тақсим мекунад. Ин тақсимот бо роҳҳои гуногун анҷом шуда метавонад. Масалан, бо роҳи тақсим кардани бозор дар як

минтақаи мушаххаси ҷуғрофӣ бояд танҳо аз ҷониби як корхона ё шахси мушаххас фаро гирифта шавад ё бо роҳи ҷудо кардани ин навъи мол ё хизматрасонӣ танҳо аз ҷониби корхона ё шахси мушаххас ё бо роҳи тақсим кардани шумораи муайяни иштирокчиён дар бозор ба корхонаҳо ё шахсон монанд бошад.

Ин гуна шартномаҳо ба муштариён тавассути коҳиш додани гуногунии маҳсулот ва хизматрасониҳои дастрас зиён мерасонанд, зеро онҳо имкониятҳои интихоби озодонаро дар бозор маҳдуд мекунанд. Ба унвони мисол, муштариён дигар наметавонанд мустақилона тасмим гиранд, ки дар минтақаи ҷуғрофии худ аз кадом таъминкунанда харидорӣ намоянд ва ин ба озодии онҳо дар бозор таъсири манфӣ мерасонад. Таъминкунандае, ки дар минтақаи муайяншуда ягона рақиб аст, метавонад аз мавқеи инҳисории худ дар он минтақа истифодаи нодуруст карда, нархҳои аз ҳад баландро талаб намояд, чунки муштариён ҳеҷ гузинаи алтернативии харид надоранд ва таъминкунанда огоҳ аст, ки рақибони дигар ба далели шартномаи зиддирақобатӣ бо ӯ рақобат намекунанд, ки ин ба манфиатҳои муштариён ва муҳити рақобати одилона зарар мерасонад.

Ин созишномаҳо инчунин метавонанд ба корхонаҳо ва шахсони воқеӣ зарар расонанд. Масалан, бо роҳи пешгирӣ кардани истеҳсолкунандагон аз истифодаи сарфаи миқёс, ба монанди кам кардани арзиши истеҳсолот.

– созишнома боиси тақаллуб дар савдо ё созиш мегардад.

Асосан, созиши амудӣ байни чунин категорияи иштирокчёни бозор, яъне харидор ва фурӯшанда баста мешаванд.

Мувофиқи қ. 1-и м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Созишномаҳои амудӣ - созиши байни субъектҳои хоҷагидоре мебошад, ки яке аз онҳо харидори мол ё харидори эҳтимолии мол ва дигаре таҳвилгар ё фурӯшандаи эҳтимолии мол мебошанд» [13].

Дар асоси муқаррароти қисми 4-и м. 7-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Ба субъектҳои хоҷагидори дар бозори моли дахлдор байни худ рақобат надошта, ки мол (молҳои ҳамдигарро ивазкунанда) мегиранд (харидорони имконпазир) ва мол фароҳам меоваранд (фурӯшандагони имконпазир), бастани созишномаҳои амудӣ ё анҷомдодани амали мувофиқашуда (ба истисноi созишномаҳои амудие, ки тибқи муқаррароти м. 8-и Қонуни мазкур ҷоиз эътироф шудаанд) манъ аст, агар:

- чунин созишномаҳо ё амалҳои мувофиқашуда ба роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат оварда расонанд;

- чунин созишномаҳо ба муқаррар кардани нархи фурӯши такрории мол таъсир расонанд, ба истисноi ҳолатҳое, ки фурӯшанда ба харидор нархи ниҳоии фурӯши такрории молро муайян мекунад;

- созишномаҳое, ки харидорро барои нафурӯхтани моли субъекти хоҷагидоре, ки рақиби фурӯшанда мебошад, уҳдадор менамоянд. Маҳдудияти мазкур ба шартномаҳо оид ба фурӯши моли дорои тамғаи молӣ ё дигар воситаҳои фардикунонии фурӯшанда ва истеҳсолкунанда паҳн намегардад» [13].

Навъи созишномаҳои амудӣ, ки аз номи он бармеояд, байни бозингарони бозор дар сатҳҳои гуногуни занҷири истеҳсолӣ баста мешаванд. Бо вуҷуди ин, намудҳои муайяни созишномаҳо мавҷуданд, ки метавонанд аз ҷониби бозингарон дар сатҳҳои гуногуни занҷири истеҳсолӣ талаб карда шаванд. Масалан, байни фурӯшанда ва паҳнкунанда шартномае мавҷуд аст, ки паҳнкунандаи моли заруриро мувофиқи шартҳои саривақтӣ бо талаботи фурӯшанда таъмин мекунад. Аз ин рӯ, созишномаҳои амудӣ ғайриқонунӣ ҳисобида намешаванд.

Созишномаҳои амудӣ, ки танҳо ба муқаррар кардани шароити хариду фурӯш, аз қабили нархгузорӣ ё ҳаҷми маҳсулоти пешниҳодшуда равона шудаанд, ба таври умум рақобати солимро коҳиш намедиҳанд,

зеро онҳо ба таъмини муносибатҳои бозори шаффоф ва имкониятҳои баробар барои иштирокчиёни бозор мусоидат мекунанд.

Аммо агар дар шартномаи амудӣ маҳдудият ё талабот нисбат ба фаъолияти ҳар як тараф мавҷуд бошад, шартнома метавонад маҳдудияти манъшудаи рақобатро ифода намояд.

Созишномаҳои амудӣ, пеш аз ҳама созишномаҳои тақсимот мебошанд, ки истеҳсолкунандагон бо тиҷорати сатҳи паҳнкунанда, ба монанди яклухт ва чакана, ки вазифаи онҳо паҳн кардани маҳсулот дар тамоми занҷири таҳвил аст, баста мешаванд. Созишномаҳои амудӣ инчунин созишномаҳои хариди байни истеҳсолкунанда ва таҳвилдиҳандаро дар бар мегиранд, ки маҳсулоти онҳоро истеҳсолкунанда ҳамчун маълумоти воридотии худ (таҳвили саноатӣ) истифода мебарад.

Ба андозае, ки шартҳои шартномавӣ байни истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандаҳо танҳо нархеро, ки паҳнкунанда ба истеҳсолкунанда пардохт мекунад ва ҳаҷми мол ё хизматрасониеро, ки паҳнкунанда аз истеҳсолкунанда мехарад, муайян мекунанд, созишномаҳои амудӣ оқибатҳои зиддирақобатро надоранд. Масалан, ин ҳолатест, ки таҳвилдиҳанда ба паҳнкунанда ҳуқуқи истисноии паҳн кардани маҳсулоти таҳвилгарро дар ҳудуди муайян медиҳад (шартномаи паҳнкунии истисноӣ).

Тибқи ин созишнома, паҳнкунандаҳои дигар наметавонанд маҳсулоти таҳвилдиҳандаро дар ҳудуди паҳнкунандаи имтиёздошта паҳн накунанд (яъне, наметавонанд рақобат кунанд). Оқибатҳои зиддирақобат метавонанд дар асоси шартномаҳое, ки паҳнкунандаро уҳдадор мекунанд, моли мушаххасро танҳо аз як таҳвилдиҳанда харидорӣ кунанд (шартномаи таҳвили истисноӣ). Тибқи ин созишномаҳо паҳнкунанда наметавонад молро аз дигар таҳвилдиҳандагон арзонтар харидорӣ кунад.

Аз тарафи дигар, созишномаҳои амудӣ низ метавонанд ба оқибатҳои мусбат оварда расонанд. Масалан, созишномаи паҳнкунии истисноӣ метавонад барои пешгирӣ кардани саъю кӯшишҳои таблиғотии як паҳнкунандаҳои дигар хизмат кунад ё метавонад ба коҳиш додани эҳтимолияти кӯшиши истифода аз сармоягузориҳои тарафи дигари созишнома дар муносибатҳои мушаххас кӯмак расонад. Илова бар ин, мавқеи истисноӣ метавонад паҳнкунандаро водор намояд, то ба паҳнкунӣ ва маркетинг самаранок диққат кунад, нисбат ба он, ки бо маҳсулоти якхела ё шабеҳи истеҳсолкунандагони сершумор кор мекард.

Дар робита ба сиёсати рақобат, хатарҳое, ки аз маҳдудиятҳои амудӣ ба вуҷуд меоянд, аз хатарҳои марбут ба маҳдудиятҳои уфуқии рақобат камтар арзёбӣ мешаванд. Созишномаҳои зиддирақобат рақобати байни маҳсулоти боҳамивазшавандаи истеҳсолкунандагони гуногунро, ки маъмулан боиси болоравии нархҳо ва интихоби камтари истеъмолкунандагон мегардад, тамин менамоянд.

Барои тарафҳои созишномаҳои амудӣ маҳсули як тараф саҳми дигар аст. Ин маънои онро дорад, ки татбиқи ҳокимияти бозорӣ (суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ) аз ҷониби як корхонаи болоӣ ё поёнӣ, яъне баланд бардоштани нархи махсулоти он ба талаботи маҳсулоти дигар корхона таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ширкату ҷамъиятҳое, ки дар як созишномаи амудӣ иштирок мекунанд, маъмулан ангеза доранд, ки ҳамтоёни худро аз истифодаи ҳокимияти бозор маҳрум созанд.

Бо вуҷуди ин, чун ҳавасмандкуниҳоро набояд аз ҳад зиёд намуд. Ҳамзамон, корхонаҳое, ки ҳокимияти бозор доранд, метавонанд фоидаи худро аз ҳисоби рақибони худ тавассути зиёд кардани харочоти охирин дар бозорҳои болоӣ ва поёнӣ ва кӯшиши аз худ кардани изофаи харидор ва истеъмолкунанда зиёд кунанд.

Таъсири манфии маҳдудиятҳои амудиро дар бозор ба таври зерин ифода кардан мумкин аст: 1) онҳо метавонанд барои эҷоди монеаҳо дар роҳи воридшавӣ истифода шаванд, ки боиси баровардани дигар

таҳвилдиҳандагон ё харидорони маҳсулот дар бозор мешаванд, 2) онҳо метавонанд ба коҳиш додани рақобат байни рақибон ва афзоиши созиш байни таҳвилдиҳандагон ё харидорон мусоидат кунанд, 3) рақобат миёни иштирокчиёни бозор метавонад ба таври назаррас коҳиш ёбад, зеро амалҳои муайяни зиддирақобатӣ имкониятҳои баробари рақибонро маҳдуд карда, ба муҳити бозори одилона ва манфиатҳои муштариён таъсири манфӣ мерасонанд, 4) шартномаҳои паҳнкунии истисноӣ ва созишномаҳои таъминоти истисноӣ метавонанд боиси тақсимоти минтақавии бозорҳо гардида, муштариёнро аз имкониятҳои бозори дохилӣ маҳрум созанд ва ин бо коҳиш додани интихоби озодонаи онҳо ба зарари истеъмолкунандагон ва рушди бозор анҷом меёбад.

Барои арзёбии созишномаҳои амудӣ тибқи қонунгузории рақобат на ҳамеша ба инобат гирифтани танҳо таъсири як созишномаи ҷудогона кифоя аст. Таъсири тамоми низоми шартномавӣ низ бояд ба назар гирифта шавад. Бинобар ин, як созишнома масалан, шартномаи таҳвили оби нӯшокӣ байни корхонаи об истеҳсолкунада ва меҳмонхона метавонад барои бозори дахлдор оқибатҳои назаррас надошта бошад. Лекин дар сурате, ки шартнома ҷузъи як силсилаи фарохи уҳдадориҳои якхелаи қарордодӣ бошад, ки тамоми бозорро фаро мегирад, ба мисли созишномаҳои таъминоти об миёни якчанд корхонаи тавлиди об ва меҳмонхонаҳои зиёд, танҳо баррасии ҳамаҷонибаи ин низоми умумӣ метавонад таъсироти эҳтимолии бозориро барои корхонаҳои тавлиди об, ки дар бозори мушаххас намояндагӣ надоранд, ошкор созад ва ин барои таъмини рақобати одилона ва ҳифзи манфиатҳои муштариён дар бозор муҳим аст.

а) Шартномаҳои таҳвили истисноӣ.

Созишномаҳои таҳвили истисноӣ ба созишномаҳое дахл доранд, ки дар онҳо истеҳсолкунанда дар ҳудуди мушаххас уҳдадор мешавад, ки маҳсулоти муайянро танҳо ба як паҳнкунада бо мақсади фурӯши дубора дар он ҳудуд таҳвил намояд.

б) Шартномаҳои таҳвили истисноӣ.

Дар шартномаи таҳвили истисноӣ харидор уҳдадор мешавад, ки молро танҳо ё асосан аз як таҳвилдиҳандаи мушаххас харад. Ин вуруди таҳвилдиҳандагони рақобаткунандаро ба бозор мушкил мекунад. Он инчунин созиш байни таҳвилдиҳандагони гуногунро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, рақобати маҳсулотсупорандаҳо дар нуқтаи фурӯш аз ҷониби харидор метавонад маҳдуд карда шавад, агар таҳвилдиҳанда на ҳамаи брендҳоро таҳвил диҳад.

в) Низоми таҳвили интихобӣ.

Азбаски низоми таҳвили интихобӣ ба рақобат то дараҷаҳои гуногун таъсир мерасонад, дар доираи қонунгузорӣ рақобат ба онҳо бояд ба таври гуногун баррасӣ гардад.

Низоми таҳвили интихобӣ метавонад боиси коҳиши рақобати байни истеҳсолкунандагон ва агар чунин низомҳо аз ҷониби ҳама истеҳсолкунандагони муҳим истифода шаванд, ба маҳрум намудан аз намудҳои муайяни паҳнкунандагон оварда мерасонад. Чунин низомҳо, созиши байни паҳнкунадагон ва истеҳсолкунандагонро осон мекунанд.

г) Шартномаҳои франшизӣ.

Мафҳуми франчайзинг (мол ё хизмат) ба як шакли паҳнкунӣ дахл дорад, ки дар он франчайзер ба франчайзҳо имкон медиҳад, ки ном, бренд, таҷҳизот ва ноу-хауи франчайзерро дар истеҳсол ё маркетинги маҳсулот ва ё хидматҳои худ истифода баранд. Созишномаҳои франчайзинг одатан пешбинӣ мекунанд, ки франчайзҳо молҳои шартномавиро танҳо аз франчайзер мегиранд. Илова бар ин, чунин созишномаҳо аксар вақт унсурҳои иловагии зиддирақобатиро дар бар мегиранд, ба монанди уҳдадории франчайзҳо барои паҳн кардани моли шартномавӣ танҳо дар минтақаи мушаххаси фурӯш.

Ин барои ҳифзи франчайзҳо ба рақобат аз дигар франчайзҳо хизмат мекунад. Ба ҳамин мақсад қоидаҳое, ки дар минтақа хизмат мекунанд, ки дар он аз франчайзер талаб карда мешавад, ки ягон франчайзҳои

дигарро дар минтақаи муайяни ҷуғрофии атрофи минтақаи фурӯшашон иҷоза надиҳанд. Ба ғайр аз оқибатҳои зиддирақобатӣ чунин созишномаҳо оқибатҳои мусбат низ дошта метавонанд.

Табиат ва таъсири зарурии маҳдудият ба таври возеҳ зиддирақобат аст, ки он бояд бе назардошти таъсири эҳтимолии рақобатпазирии маҳдудият ғайриқонунӣ ҳисобида шавад.

Дар ИМА қоидаи "per se" (худ ба худ) мавҷуд аст, ки судҳо метавонанд маҳдудиятро бо сабабҳои гуногун нақзи қонунгузории рақобат донанд. Чунин сабабҳо метавонанд таъйин кардани маҳдудиятро ҳамчун "ошкоро" ё "бараъло зиддирақобат" дар бар гиранд [94, p. 1071].

Одатан, амалҳои ғайриқонуни «худ ба худ» созишномаҳои бозори уфуқии байни рақибонро дар бар мегиранд. Аз сабаби таъсири манфии онҳо ба рақобат ва набудани ягон арзиши барқароршавандаи иқтисодӣ созишномаҳо аз қабили нархҳо, тақаллуб ва тақсими бозор бидуни санҷиши дақиқи зарари расонидаашон ба таври возеҳ беасос ё асосноккунии тиҷоратӣ барои истифодаи онҳо ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд. Агар ҳуқуқвайронкунӣ исбот карда шавад, айбдоршавандагон наметавонанд ягон далеле пешниҳод кунанд, ки оқилона ё зарурати эҳтимолии рафтори мавриди баҳсро тасдиқ кунад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки созишномаи уфуқӣ зараровар аст. Баръакси ин, созишномаҳои амудӣ талаб мекунанд, ки таъсири зараровари созишнома ба рақобат нишон дода шавад.

Масалан, мувофиқи м. 7-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Созишномаҳои уфуқие, ки боиси оқибатҳои дар ҳамин модда зикршуда мегарданд ё метавонанд гарданд, ғайриқонунӣ эътироф карда мешаванд» [13].

Танзими зиддиинҳисории созишномаҳои амудӣ дар ҶТ қисман ба танзими созишномаҳои уфуқӣ монанд аст.

Дар асоси меъёрҳои м. 8-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат»: «Ба субъектҳои хоҷагидори дар бозори моли дахлдор байни худ рақобат надошта, ки мол (молҳои ҳамдигарро ивазкунанда) мегиранд (харидорони имконпазир) ва мол фароҳам меоваранд (фурӯшандагони имконпазир) бастани созишномаҳои амудӣ ё анҷом додани амали мувофиқашуда (ба истисноси созишномаҳои амудие, ки тибқи муқаррароти м. 8-и Қонуни мазкур ҷоиз эътироф шудаанд) манъ аст, агар:

– чунин созишномаҳо ба муқаррар кардани нархи фурӯши такрории мол таъсир расонанд, ба истисноси ҳолатҳое, ки фурӯшанда ба харидор нархи ниҳоии фурӯши такрории молро муайян мекунад» [13].

Муайян кардани доираи нарх низ ғайри қобили қабул ба назар мерасад. Муқаррар кардани доираи нархҳо як роҳи муқаррар кардани нархҳо мебошад. Фурӯшанда метавонад танҳо нархи ҳадди аксарро барои харидор муқаррар кунад [158].

Вобаста ба ин, ба андешаи муаллиф, агар дар шартнома нархи ҳадди ақали фурӯши такрорӣ муқаррар шуда бошад, пас, чунин шартнома тибқи қ. 4-и м. 7-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» манъ аст.

Шартномаҳо харидорро уҳдадор мекунанд, ки моли субъекти хоҷагидориро, ки рақиби фурӯшанда аст, нафурӯшанд. Шарти шартномаи «амудӣ», ки уҳдадории харидорро оид ба нафурӯхтани моли субъекти соҳибкорӣ ба шартномаи картелӣ монанд мебошад.

Фарқи асосӣ байни созишномаҳои «амудӣ» ва созишномаҳои картелӣ дар он аст, ки созишномаҳои «амудӣ», ки хусусияти картелӣ надоранд, метавонанд муқаррарот дар бораи қобили қабул будани созишномаҳои «амудӣ»-и дар м. 8-и Қонуни болозикр пешбинишударо татбиқ намоянд.

Шартномаҳои “амудӣ”, ки дар қисмҳои 3 ва 4-и моддаи 7-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” пешбинӣ гардидаанд, қатъиян манъ мебошанд, яъне ин манъкунӣ зарурати исботи коҳиши рақобатро талаб

намекунад, зеро чунин амалҳои субъектҳои хоҷагидор ба муҳити рақобати одилона таъсири манфӣ расонида, имкониятҳои баробари иштирокчиёни бозорро маҳдуд месозанд ва ба манфиатҳои муштариён зарар мерасонанд.

Ҳамин тавр, татбиқи манъи зиддиинҳисорӣ ба созишномаҳои амудӣ имконпазир гардид, аммо ба истиснои муайян нисбат ба созишномаҳои уфуқии муракаб.

Барои кам кардани мушкилот дар амалия зарурати ба таври қонунгузорӣ муайян кардани ҳудуди дақиқ байни амалҳои мувофиқашуда ва созишномаҳо бо роҳи дар қонунгузорӣ муқаррар намудани мафҳумҳои алоҳидаи ҳар кадоми онҳо ба миён меояд.

Инчунин, меъёрҳои қисми 1-и м. 7-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» чунин муқаррар мекунанд: «Бастани шартномаҳо, дигар аҳдҳо, созишномаҳо ё анҷом додани амалҳои мувофиқашудаи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори як мол (молҳои боҳамивазшаванда) амал менамоянд, ҳамчун картел эътироф гардида, манъ карда мешаванд, агар онҳо боиси натиҷаҳои зерин гарданд ё гардида тавонанд:

- муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё амалҳои дигар;

- баланд бардоштан, паст кардан ё дастгирии нарх дар музоядаҳо ва савдо,

- муштаракона ворид гардидан ба бозор, баромадан аз бозор, тақсими бозор тибқи аломатҳои ҳудудӣ, аз рӯйи ҳаҷми фурӯш ё харид, аз рӯйи навъҳои молҳои фурӯхташаванда ё вобаста ба доираи фурӯшандаҳо ё харидорон (фармоишгарон);

- маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он;

- маҳдуд сохтани истифодаи иттилоот ё аз иттилоот дар бораи вазъи бозор маҳрум намудани субъектҳои хоҷагидор;

- рад намудани бастани шартнома бо фурӯшандагон ё харидорони (фармоишгарони) муайян;

- ба зиммаи тарафҳои шартнома вогузоштани шарте, ки барояшон судманд нест ва ба мавзуи шартнома алоқаманд намебошад (талабибеасос супурдани воситаҳои молиявӣ, молу мулки дигар, ҳуқуқҳои молумулкӣ, ризоияти бастани шартнома танҳо бо шарти ба он ворид кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки тарафҳои шартнома ба онҳо ҳавасманд нестанд ва амалҳои дигар);

- барои харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва тарзҳои дигар беасос мебошанд;

- коҳиш ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷот ё фармоишот ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо вуҷуд дорад;

- муҳайё сохтани шароит барои узвият (иштирок) дар иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар иттиҳодияҳое, ки ба роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат оварда мерасонанд ё метавонанд оварда расонанд» [13].

Ҳамин тариқ, қонунгузорӣ ҳам созишномаҳо ва ҳам амалҳои мувофиқашударо ҳамчун картелҳо тасниф мекунад. Ин мавқеи қонунгузор мувофиқи танзими прогрессивии хориҷӣ қобили қабул мебошад. Мувофики банди 1-и м. 101 (1)-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо (TFEU): «Бо бозори дохилӣ номувофиқ манъ аст: ҳама созишномаҳо байни корхонаҳо, қарорҳои иттиҳодияҳои корхонаҳо ва амалияи мувофиқашуда, ки эҳтимолан ба тиҷорати байни давлатҳои аъзо, ки мақсад ё таъсир барои бартараф кардан, маҳдуд кардан ё таҳриф кардани рақобат дар бозори дохилиро доранд...» [95].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мафҳуми «картел (созишномаи уфуқӣ»), ки дар м. 2-и Қонуни мазкур муайян шудааст, чун «амали мувофиқашуда» тафсири нодуруст аст ва бояд ба «созишнома (амали мувофиқашуда)» иваз карда шавад.

Нисбат ба ин масъала А. Бикебоев чунин андеша дорад, ки кофӣ будани далелҳо дар ҳар як парвандаи мушаххас бояд дар асоси баҳодиҳии тамоми далелҳо ба таври инфиродӣ муайян карда шавад [103, с. 4-10].

Ҳамзамон, дар моддаи 101(1)-и Шартнома дар бораи фаъолияти ИА чунин омадааст: «созишномаи субъектҳои соҳибкорӣ қарорҳои иттиҳодияҳои корхонаҳо ё амалҳои мувофиқашударо манъ мекунад. Яъне, ки:

- метавонад ба савдои байни давлатҳои узви ИА таъсир расонад;

- мақсади роҳ надодан ва маҳдуд сохтани рақобатро доранд» [95].

Манъи моддаи 101(1) мутлақ нест. Моддаи 101(3)-и ТФЭ истисноро нисбат ба манъи моддаи 101(1) муқаррар мекунад. Он дар ҳолате татбиқ мешавад, ки созишнома гарчанде дар асл зиддирақобатӣ аст, имтиёзҳо пешниҳод мекунанд (масалан, беҳтар намудани истеҳсолот ё тақсимот ё мусоидат ба пешрафти техникӣ ё иқтисодӣ), ки аз ҳама гуна зарари рақобат бартарӣ доранд. Ба шарте, ки:

- истеъмолкунандагон аз фоидаи гирифташуда ҳиссаи одилона гиранд;

- маҳдудият барои гирифтани ин имтиёзҳо шарти ҳатмист;

- маҳдудиятҳо ба тарафҳо имкон намедиҳанд, ки рақобатро нисбат ба қисми зиёди молҳо ё хизматрасониҳои мавриди назар аз байн баранд.

Муайян кардани он, ки оё созишнома аз озодкунии дар моддаи 101(3) пешбинишуда манфиат дорад ё на, таҳлили оқибатҳои иқтисодии маҳдудиятҳои баррасишавандаро талаб мекунад. Муроҷиат кардан ба мақомот ҷиҳати қабули қарори расмӣ, ки дар мавриди мушаххас риоя шудани меъёрҳои озодиро тасдиқ мекунад, зарур ва имконнопазир аст.

Ба ҷои ин, тарафҳои шартнома ва мушовирони онҳо бояд баррасии мустақили худро бо истифода аз доираи маҳдуди машваратҳои дақиқ аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти рақобат анҷом диҳанд, гарчанде ки ин мақомот роҳнамоҳои умумии фаррох дошта, қарорҳои қаблии онҳо низ аксар вақт барои гузаронидани таҳлили муассир заминаи муҳим фароҳам меоранд ва ин равиш ба таъмини шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор мусоидат мекунад.

Ҳуқуқайронкунии рақобат тибқи моддаи 101-и Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо (TFEU) ба ду категорияи васеъ тақсим мешавад: ҳуқуқайронкунӣ аз рӯйи объект ва ҳуқуқайронкунӣ аз рӯйи оқибат.

Дар сурати ҳуқуқайронкунӣ аз рӯйи объект мақсади созишнома ноил шудан ба маҳдудияти зидди рақобат (масалан, муқаррар намудани нарх ё тақсимоти бозор) мебошад. Ҳуқуқайронкунӣ аз рӯйи объект шакли ҷиддии ҳуқуқвайронкунии зиддирақобатӣ мебошад ва аз эҳтимол дур нест, ки қисми 101(3) дар ҳолатҳои марбут ба ҳуқуқайронкунӣ аз рӯйи объект татбиқ карда шавад.

Чунин маҳдудиятҳо эҳтимол ба истиснои қисми 101(3) дохил мешаванд, ҳарчанд шартҳои созишнома, ки ҳуқуқҳои муаллифиро поймол мекунанд, аксар вақт барои қонеъ гардонидани татбиқи меъёрҳои озодкунӣ заруранд.

Аз нуқтаи назари риояи талаботи рақобат, маҳдудиятҳо аз рӯйи объект хатари бештари таваккалро ба вуҷуд меоранд, зеро онҳо бо эҳтимоли зиёд ба таҳримҳои зидди корхонаҳо ва ё шахсони алоҳида оварда мерасонанд. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки имконияти муайян кардани маҳдудиятҳои эҳтимолии аз рӯйи оқибаташон, то ки барои таъмини риояи меъёрҳои истисно ва ё кам кардани ҳама гуна хатари мувофиқат чораҳо андешида шаванд.

Дар поён намунаҳои амалҳои манъ ё таваккалӣ байни корхонаҳо ва рақибони онҳо аз нуқтаи назари қонунгузории ИА оид ба рақобат оварда шудаанд. Инҳо ҳамчун «мушкилоти уфуқӣ» маълуманд, зеро онҳо дар байни корхонаҳое, ки дар як сатҳ дар занҷири таҳвил фаъолият мекунанд, рух медиҳанд. Аксарияти ҳуқуқвайронкуниҳои уфуқӣ оид ба рақобат ҳуқуқвайронкунии "объективӣ" маҳсуб мешаванд, аз ин рӯ, онҳо калонтарин шаклҳои ҳуқуқвайронкунии рақобат ба шумор мераванд.

1. Муқаррар кардани нархҳо.

Ҷиддитарин ҳуқуқвайронкунӣ дар самти рақобат чунин амалҳо мебошанд:

– муқаррар кардани нархи баланд ва паст, тахфифҳо ё дигар амалҳои вобаста ба нархгузорӣ,

– шартҳое, ки дар асоси онҳо маҳсулот ё хизматрасониҳо таҳвил ё ба даст оварда мешаванд.

Созишномаҳо дар бораи муқаррар намудани нархгузорӣ, новобаста аз он, ки онҳо бо кадом шакл баста мешаванд ва ба таври ғайрирасмӣ ба даст оварда шудаанд, ғайриқонунӣ хоҳанд буд. Созиши картелии нархгузорӣ ҳамеша ба муқаррар намудани ҷарима оварда мерасонад, ки он метавонад хеле баланд бошад.

Мубодилаи маълумот оид ба нархгузорӣ байни рақибон метавонад боиси ҳуқуқвайронкунии қонунгузорӣ оид ба рақобат гардад. Масъалаи мазкурро дар поён баррасӣ хоҳем кард.

2. Шартномаҳои тақсими бозор ва тақсимоти муштариён.

Чун қоида, агар ширкат ё ҷамъият мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозорро надошта бошад, он метавонад инро бо ягон сабабҳои асоснок рад кунад.

Бо вуҷуди ин, вобаста ба ин масъала бо рақиб ба якдигарфаҳмии муштарак омадан қобили қабул нест.

3. Созишномаҳо оид ба маҳдуд кардани истеҳсолот, иқтидор ё сифати хизматрасонӣ.

Чун қоида, рақибон набояд мустақиман ё бавосита барои маҳдуд кардани микдор ё сифати ҳама гуна хизматрасоние, ки онҳо пешниҳод мекунанд, розӣ шаванд. Созишномаҳо оид ба маҳдуд кардани сатҳи истеҳсолот ё истеҳсол (ки маъмулан боиси болоравии нархҳо бо кам шудани пешниҳодот мегарданд) ё ҳама гуна созишнома оид ба кам кардани иқтидори истеҳсолӣ ғайриқонунӣ мебошанд.

Ба монанди созишнома дар бораи маҳдуд кардани рушди технологӣ ё сармоягузорӣ ҷиҳати беҳтар кардани сифати маҳсулот ё хизматрасонӣ метавонад ба рақобат зарар расонад ва барои давлат ғайри қобили қабул бошад, агар он ба навоварӣ (инноватсия) монеа эҷод кунад.

Созиш дар савдо метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, аз ҷумла:

- алоқаи мустақим байни рақибон барои ҳар як пешниҳод. Ҳама гуна мубодилаи иттилоот байни рақибон дар бораи муқаррар намудани нарх ё шартҳое, ки онҳо пешниҳод мекунанд, метавонад аз нуқтаи назари қонунгузории рақобат таваккалнок бошад;

- созиши пешакӣ дар бораи фоиз ё арзиши шартномаҳое, ки ҳар як иштирокчӣ ҳамасола ғолиб мешавад;

- инъикоси созишномаҳои васеътари картели байни тарафҳо, ба монанди муқаррар намудани нарх ё тақсими бозор.

Агар соҳибкор мустақилона дар савдо иштирок карда натавонад, дархости қонунии муштарак бо рақибро пешниҳод намояд.

4. Созишнома ва созиш байни харидорон.

Созиши муштарак оид ба нархе, ки харидорон ба таҳвилдиҳанда пардохт менамоянд, метавонад чун ҳуқувайронкунии қонунгузорӣ оид ба рақобат дониста шавад.

Қабл аз ҳама, ин вазъият бо рақобати солим мухолифат дорад, чунки хариди муштарак ба унвони мисол ба як гурӯҳ корхонаҳои хурд имконият медиҳад, ки тавоноии харидории худро якҷоя карда, нархҳои яклухтро ба таври муассиртар муқаррар намоянд ва ин метавонад ба

муҳити бозории одилона ва имкониятҳои баробари дигар иштирокчиёни бозор таъсири манфӣ расонад.

Муҳитеро ба вуҷуд оранд, ки ба онҳо имкон диҳад, то онҳо бо рақибони калони худ рақобат кунанд.

Шартномаҳо бо рақибон дар бораи нахаридан аз таҳвилдиҳандаи мушаххас ё таҳвилдиҳандаи хизматрасонӣ низ таваккали рақобатро дар бар мегиранд. Ҳарчанд қабули қарори яктарафа дар бораи аз кадом таҳвилдиҳанда харидорӣ кардан комилан қонунӣ аст, мушкилоти рақобат метавонад дар ҳолате ба миён ояд, ки ин масъалаҳо байни рақибон баррасӣ мешаванд ва ҷавоби муштарак мувофиқа карда мешавад.

5. Созишномаҳои муштарак ҳамоҳангшуда ё шартҳои ба роҳ мондани фаъолият.

Созиш байни рақибон барои идораи муштараки унсурҳои муайяни тиҷорати худ, ҳамкорӣ ё ҳамоҳангсозии тарзи пешниҳоди хизматрасониҳои онҳо низ метавонад қонунгузории рақобатро вайрон кунад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи рақобат ба шартномаҳои муштарак ба таври мусбат муносибат мекунанд, агар онҳо ба интихоб ё нархи мол ё хизматрасоние, ки ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ дастрас аст, бевосита таъсир нарасонанд.

6. Мубодилаи иттилоот, воҳӯриҳо ва иттиҳодияҳои тиҷоратӣ.

Ҳама гуна мубодилаи мустақими иттилоотӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ байни рақибони воқеӣ ё эҳтимолӣ метавонад боиси вайрон кардани қонунгузории рақобат гардад. Дар баъзе мавридҳо ҳатто ифшои якҷонибаи чунин иттилоот метавонад ҳуқуқвайронкуниро ташкил диҳад.

Дар баъзе ҳолатҳо мубодилаи иттилоот тавассути як мақоми мустақил, аз қабили иттиҳодияи тиҷоратӣ ё таҳвилдиҳандаи хизматрасонии мазкур, ки иттилоот ҷамъоварӣ мекунад ва омори таърихиро дар асоси маҷмуӣ тартиб медиҳад, мувофиқ аст. Дар ҳар ҳол, мубодилаи иттилоот набояд ба тавре анҷом гирад, ки гирандаи иттилоот

тавонад муайян кунад, кадом ширкат ё иттиҳодия маълумоти марбута пешниҳод кардааст, ё ин ки маълумоти лоиҳавиро барои шиносоии ширкатҳо ё иттиҳодияҳои алоҳида истифода намояд, ҳатто агар шахсияти ин ширкатҳо ё иттиҳодияҳо пинҳон боқӣ монад, зеро ин амал метавонад ба шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва рақобати одилона таъсири манфӣ расонад ва манфиатҳои иштирокчиёни бозорро зери хатар гузорад.

Қоидаи асосӣ ин аст, ки ҳама гуна мубодила ё ифшои иттилоот (хоҳ мустақиман бо рақибон ё тавассути иттиҳодияи тиҷоратӣ ё дигар шахси сеюм) набояд ба корхона имкон диҳад, ки рафтори рақобатии рақибони худро дақиқтар пешгӯӣ кунад, ё паст кардани дараҷаи номуайяниро дар бораи фаъолияти бозор, ки дар сурати мавҷуд набудани чунин мубодилаи иттилоот вуҷуд дорад, ба миён орад.

Созишномаҳо байни корхонаҳо ва таҳвилдиҳандагони он ё байни корхона ва агентҳо ё паҳнкунандагони он низ метавонанд дар доираи қонунгузории рақобат нигарониҳоро эҷод кунанд. Инҳо ҳамчун «мушкилоти амудӣ» маълуманд, зеро онҳо дар байни корхонаҳое, ки дар сатҳҳои гуногуни занҷири таҳвил фаъолият мекунанд, рух медиҳанд.

Баъзе мушкилоти эҳтимолии «амудӣ»-и соҳаи мазкур дар зер тавсиф мешаванд.

1. Нигоҳдории нархи фурӯши такрорӣ.

Нигоҳдории нархи фурӯши такрорӣ вақте ба миён меояд, ки ба паҳнкунандагони мустақил аз ҷониби таҳвилдиҳандаи худ дастур мегирад, то маҳсулоти харидаашро ба ин таҳвилдиҳанда бо нархи муайяни муқарраршуда ё пасти фурӯши такрорӣ фурӯшад. Ҳама фурӯшандагон бояд имконияти мустақилона муқаррар кардани нархҳои худро дошта бошанд. Нархҳои баланд ё тавсиядодадшуда аз ҷониби таҳвилдиҳанда иҷозат дода мешаванд, ба шарте ки онҳо дар амал ҳамчун нархҳои муқарраршуда ё паст амал накунанд.

Назорати нархи маҳсулот, ки аз ҷониби миёнараве, ки воқеан, “агент”-и таҳвилдиҳанда аст, бидуни мустақилияти амал кардан қобили қабул аст. Гарчанде ин фарқияти техникӣ аст ва аз рӯйи он машварати ҳуқуқӣ гирифтан лозим аст. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми истилоҳи «агент» бо мақсади мазкур барои қонунгузории самти рақобат мувофиқ буда, бештар аз дараҷаи таваккале, ки ба зиммаи агент гузошта мешавад, вобаста аст. Муносибатҳои агентии тиҷоратӣ наметавонанд ҳамчун муносибатҳои «агентӣ» барои мақсадҳои қонунгузорӣ оид ба рақобат баррасӣ карда шаванд.

2. Муҳокима бо муштариён.

Муштариён бо роҳи ифшои нархҳое, ки рақиб пешниҳод кардааст, метавонанд барои паст кардани нархҳо кӯшиш кунанд. Ин комилан қобили қабул аст ва аксар вақт дар амалия рӯй медиҳад. Масалан, вақте ки муштариён мунтазам талаб мекарданд, ки нархҳои рақибонро ифшо кунанд. Дар он ҷое, ки иттилоот дар бораи нархҳои минбаъдаи муштариён (ё шартҳои дигар) байни муштариён тавассути як таҳвилдиҳандаи умумӣ ҷорӣ мешавад, таваккали ташаккули картели "секунҷа" вуҷуд дорад, яъне ҳар як муштарӣ нияти рақибони худро медонад.

3. Муносибат бо таъминкунандагон.

Муносибат бо таъминкунандагон дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи он харидорон розӣ мешаванд якҷоя бо роҳи мушаххас амал кунанд, то аз таҳвилдиҳандагон натиҷаи мушаххас ба даст оваранд. Масалан, тавре ки дар боло зикр гардид, созишномаи байни рақибон дар бораи нархҳои харид, ки ба таҳвилдиҳандаи умумӣ пешниҳод карда мешавад, метавонад қонунгузории рақобатро вайрон кунад.

Байни харидорони рақобаткунанда созишномаи рад кардани воридкунандае, ки ба таври дуруст рафтор мекунад, оқибати вайронкунии қонунгузории рақобатро ба вуҷуд меорад. Картелҳои секунҷа метавонанд ҳангоми интиқоли иттилоот дар бораи нархҳои

яклухт (ё шартҳои дигар) байни таҳвилдиҳандагони рақобат тавассути муштарии умумӣ ба вуҷуд оянд. Монандии ҷараёни иттилоот байни муштариёни фурӯши такрорӣ тавассути таҳвилдиҳандаи умумӣ сурат мегирад, ки ин муодили картел ҳисобида мешавад.

Метавон гуфт, ки тиҷоратро дар ҳолати ҳукмфармоӣ қарор додан мумкин аст, вақте ки он «ҳокимияти бозор» дорад. Аз ин рӯ, метавонад новобаста аз рақибон, муштариён ва дар ниҳоят истеъмолкунандагонаш комилан рафтор кунад. Масъалае, ки оё корхона ҳукмфармо ба ҳисоб меравад, масъалаи мураккаби ҳуқуқ ва иқтисодиёт аст, аммо дар мавриде, ки тиҷорат аз 35 то 40 дарсад ё бештар аз он таҳвил ё хариди молҳо ё хизматрасониҳоро дар бозори муайяни ҷуғрофӣ ва маҳсулот ташкил медиҳад, ба таври умум мушкилот ба миён меояд. Сатҳи ҳиссаи бозор танҳо як ҳадаф аст: масъалаи асосӣ ин аст, ки оё тиҷорати баррасишаванда ҳокимияти бозорӣ дорад?

Барои арзёбии ин масъала, шартҳои бозореро, ки тиҷорат дар он рақобат мекунад, баррасӣ кардан лозим аст. Аз ҷумла:

– шумораи рақибон ва ҳиссаи дахлдори онҳо дар бозор;

– воридшавии осони рақибони нав ба бозор;

– дараҷаи ҳама гуна ҷуброни қобилияти харидории муштариён.

Асосан, дар ИМА ду қонуни зиддиинҳисорӣ қабул гардидааст:

– Қонуни зиддиинҳисории Шерман;

– Қонун «Дар бораи комиссияи федералии савдо», ки “усулҳои бевиҷдононаи рақобат” ва “амал ё амалҳои бевиҷдонона ё фиребгарона”-ро манъ мекунад.

Қонуни Шерман метавонад аз ҷониби Шуъбаи зиддиинҳисории («Сохтор») Вазорати адлияи ИМА («DOJ») ба таври мурофиаиҷиноятӣ ё маданӣ татбиқ карда шавад. Вазорати адлия метавонад дар мурофиаи маданӣ парвандаҳои камтар хавфнокро баррасӣ кунад. Қисми 4-и Қонуни Клейтон ҳуқуқи хусусиро барои иҷрои Қисми 1-и Қонуни Шерман пешбинӣ мекунад. Даъвогарони хусусӣ метавонанд товони

зарари се баробар ва хароҷоти судиро ҷуброн кунанд, инчунин метавонанд ба ҳалномаи судӣ ноил шаванд [96, с. 79].

Гарчанде қисми 1-и Қонуни Шерман аз нигоҳи аввал ҳама маҳдудиятҳоро дар тиҷорат манъ мекунад, Суди Олӣ онро чунин тафсир намудааст, ки танҳо маҳдудиятҳои "беасос" манъ карда мешаванд. Ниг. ба Standard Oil Co. бар зидди Иёлоти Муттаҳида, 221 ИМА 1, 60-68 (1911) [97, с. 80].

Дигар намудҳои шартномаҳо мувофиқи меъёри "қоидаи бошуурона" мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор мегиранд, ки дар он зиёни зиддирақобатие, ки аз маҳдудиятҳои ба қобилияти рақобатпазирии он расонида шудааст, барои муайян кардани он, ки оё рақобати солим дар бозори мушаххаси зиддиинҳисорӣ осеб дидааст ё не, нигаронида шудааст ва ин равиш ба таъмини муносибатҳои бозори шаффоф, ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва пешгирӣ аз амалҳои securitiesзараровар ба муҳити рақобат мусоидат мекунад [144, с. 5-13].

Нуқтаи марказӣ дар ҳама созишномаҳои картелии Фасли 1 далели созишномаи ғайриқонунӣ мебошад. Созишномаҳои ғайриқонунӣ набояд дар шакли хаттӣ бошанд, онҳо метавонанд ба таври шифоҳӣ, тавассути почтаи электронӣ ё ҳатто бо чашмак задан ё ишораи сар ба даст оварда шаванд, яъне «уҳдадории бошуурона ба нақшаи умумӣ» кифоя аст.

Далелҳо дар бораи он ки айбдоршавандагон ба рафтори нодуруст машғуланд, худ аз худ барои нишон додани чунин «уҳдадории бошуурона» кофӣ нестанд. Даъвогарон бояд ба баъзе «омилҳои мусбат» такя кунанд, то дар бораи мавҷудияти созишнома хулоса бароранд.

Бояд қайд намуд, ки ҳарчанд Комиссияи федералии тиҷоратӣ Қонуни Шерманро аз иҷро дур намекунад, лекин он метавонад тибқи банди 5(а)-и Қонуни FTC парвандаҳои маданиро баррасӣ намояд.

Дар ИМА прокурорҳои генералии иёлотҳо метавонанд риояи қонунҳои федералии зиддиинҳисориро аз номи сокинони иёлот ё дар маҷмуъ аз номи кишвар талаб намоянд.

Прокурорҳои генералии иёлот барои иҷрои оммавии ин қонунҳо масъул мебошанд ва тақрибан ҳама иёлотҳо даъвоҳои хусусиро барои ҷуброни зарари маданӣ иҷозат медиҳанд. Аксари онҳо барои ҷуброни зарар секарата мебошанд, гарчанде баъзе иёлотҳо ҷуброни зарари воқеӣ ё дукаратаро маҳдуд мекунанд.

Прокурорҳои генералии иёлотҳо метавонанд барои вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисории иёлот парвандаи ҷиноятиро оғоз кунанд. Ин намуди амалҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, чун қоида, асосан ба амалҳои тақаллуби савдои маҳаллӣ нигаронида шудааст.

Дар ИМА қонунгузории зиддиинҳисорӣ чунин истисноҳоро муайян кардааст, ба монандӣ аз пардохтҳо озод намудан, амалҳо бо мақсади таъсиррасонӣ ба ҳукумат (доктринаи Ноер-Пеннингтон), гуфтушунидҳои коллективӣ тибқи озодкунӣ аз уҳдадории меҳнатӣ, доктринаи меъёри баробар, ки даъвоҳои зиддиинҳисориро дар асоси тарифҳое, ки ба мақомоти танзимкунандаи федералӣ ё давлатӣ пешниҳод шудаанд, манъ мекунад, озодкунии маҳдуди пешбинишуда аз қонунҳое, ки фурӯши коғазҳои қиматнокро танзим мекунанд.

Дар моҳи августи соли 2022, Комиссияи Федералии Тиҷоратии Иёлоти Муттаҳида (FTC) қарори фарогиреро тасдиқ намуд, ки ба баррасии ҳатмии амалҳо ва равишҳои шартномавӣ, ки ба нақзи боби 5-уми Қонун дар бораи FTC марбутанд, дар тӯли даҳ соли оянда иҷозат медиҳад ва ин ба FTC имконият фароҳам меорад, ки таҳдидҳои навпайдои рафторҳои зиддирақобатиро ба зудӣ мавриди санҷиш қарор диҳад, то муҳити рақобати одилона ва манфиатҳои муштариён ҳифз гарданд [98].

Дар натиҷаи омӯзиш, татбиқ ва баррасии муқоисавии қонунгузории марбут ба рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, инчунин бо дарназардошти дидгоҳҳо ва хулосаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки бастани шартномаҳо ё анҷом додани амалҳои ҳамоҳангшуда миёни иштирокчиёни

муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба коҳиши рақобати солим монеъ шуда, ба пешрафти бозор ва манфиатҳои иштирокчиёни он зарар мерасонанд, бояд ба таври қатъӣ манъ карда шаванд, то шаффофияти бозор ва баробарии соҳибкорон таъмин гардад.

## 2.3. Рақобати бевиҷдонона ҳамчун натиҷаи фаъолияти инҳисорӣ

Яке аз хусусиятҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ мавҷудияти рақобат мебошад. Вале ба инкишофи рақобати озод рақобати бавиҷдонона мамоният менамояд [13].

Аз ин ҷо, дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ рақобати бевиҷдонона ҳамчун амали бархилофи рақобати бовиҷдонона фаҳмида мешавад.

Дар м.3-и Кодекси мадании ҶТ омадааст, ки: «Барои ҳар як иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи мадании уҳдадории бовиҷдонона ҳангоми муқаррар кардан, фаолият намудан, ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ муқаррар карда шудааст. Ба иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аз амали ғайриқонунӣ ё бевиҷдононаи худ бартарӣ ба даст овардан манъ аст». [2]

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов, бовиҷдонӣ дар мафҳумҳои гуногун баррасӣ ва таҳлил карда мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқот шаклҳои зерини зоҳиршавии бовиҷдонӣ ошкор гардиданд: бовиҷдонӣ-шарт, бовиҷдонӣ-мақсад, бовиҷдонӣ-ангеза, бовиҷдонӣ-қарз, бовиҷдонӣ-уҳдадорӣ [149]. Вобаста ба ин, муҳаққиқ бовиҷдониро ҳамчун маҷмуи унсурҳои объективӣ ва субъективӣ муайян менамояд.

Тибқи қисмҳои 4-5-и м. 9-и КМ ҶТ, субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дар вақти амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ уҳдадоранд, то меъёрҳои қонунгузориро «оқилона, одилона ва боинсофона, принсипҳои ахлоқии ҷомеа, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд» [2].

Вайрон кардани одоби касбии соҳибкор бо суиистифода аз рақобати бевиҷдонона аз тарафи субъектҳои хоҷагидор ба андешаи М.З. Раҳимзода мухолифи принсипи асосии иқтисоди бозорӣ, озодии рақобат ва фаъолияти соҳибкорӣ буда, гувоҳи фарҳанги ҳуқуқии начандон баланд доштани ҳуқуқии соҳибкор мебошад.

Барои он, ки ҳангоми анҷом додани амали дилхоҳ ҳудуд, сарҳади манфиати одилонаи дигар шахс ва ҳамаи ҷомеа вайрон нагардад, субъект бояд бовиҷдонона ва оқилона рафтор намояд [149, с. 26].

Умуман, мафҳуми рақобати бевиҷдонона дар Фаронса тақрибан соли 1850 пайдо шудааст. Сарфи назар аз он, ки дар он вақт манъи рафтори бевиҷдононаи соҳибкорӣ вуҷуд надошт, дар асоси муқаррароти умумии моддаи 1382-и Кодекси мадании Фаронса судҳои Фаронса тавонистанд як низоми умумӣ ва муассири ҳуқуқии ҳимоя аз рақобати бевиҷдононаро эҷод кунанд. Ин муқаррарот ҷуброни ҳатмии зиёнро дар сурати содир шудани кирдорҳои ғайриқонунӣ пешбинӣ мекард. Дар мавриди ҳимояи рақибон принсипҳое, ки дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ ба вуҷуд омадаанд, то имрӯз дар Фаронса ҳамчун ҳимояи асосии судӣ аз рақобати бевиҷдонона боқӣ мондаанд [135, с.85].

Дар қонунгузории кишварҳое ба монанди Фаронса ва Белгия на танҳо меъёрҳои умумии ҳуқуқи маданӣ барои пешгириии рақобати бевиҷдонона асос дониста мешаванд, балки баъзе меъёрҳои махсус низ қабул карда шудаанд. Асосан, дар Фаронса асоси ҳифзи ҳуқуқӣ аз рақобати бевиҷдонона моддаҳои 1382 ва 1383-и Кодекси мадании Фаронса мебошанд, ки дар онҳо манъ кардани амалҳои ғайриқонунии умумӣ тавсиф шудаанд [43, с. 142].

Дарвоқеъ, категорияи бовиҷдонӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мураккаб буда, муайян кардани моҳияти он душвор мебошад. Бояд қайд намоем, ки мафҳуми рақобати бевиҷдонона андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад.

Муҳаққиқ О.А. Городов дар пажуҳишҳои худ, ки ба масъалаҳои рақобати бевиҷдонона бахшида шудаанд, таърифи мафҳуми рақобати

бевиҷдононаро дар илм бо баррасии муфассали назарияҳои муаллифони мухталифе, ки ин мавзуро омӯхтаанд, ба таври дақиқ баён намудааст, то дарки амиқи ин падида ва таъсири он ба муносибатҳои бозорӣ фароҳам ояд [33, с. 214].

Аз дидгоҳи А.А. Одинсов, рақобати бевиҷдонона ҳамчун равиши рақобат бо вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои қабулшудаи бозор фаҳмида мешавад, ки ин амалҳо ба шаффофияти бозор ва баробарии иштирокчиёни он зарар мерасонанд [54, с. 363].

Тибқи ақидаи В.А. Дозортсев, рақобати бевиҷдонона дар бар мегирад «пешниҳоди иттилоот ба муштариён, ки метавонад дар бораи хусусиятҳо, тарзи истеҳсол, хосиятҳо, мутобиқат ба истифода ё ҳаҷми маҳсулот иштибоҳ ба вуҷуд орад, ё боиси иштибоҳ бо рақиб, фаъолияти ӯ ё маҳсулоти вай гардад» ва ин ба эътимоди муштариён ва муҳити рақобати одилона таъсири манфӣ мерасонад [115, с. 10-15].

Муҳаққиқи дигар, Ю.И. Свядостс, рақобати бевиҷдононаро ҳамчун «анҷоми амалҳое дар фаъолиятҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ муайян кардааст, ки бо ҳадафи ба даст овардани манфиати молиявӣ тавассути рафторҳои бевиҷдонона, хилофи меъёрҳо ва одатҳои ахлоқии тиҷоратӣ нисбат ба рақибон дар муомилот мебошанд» ва ин амалҳо ба эътибори тиҷоратӣ ва рақобати солим зиён мерасонанд [72, с. 60].

В.И. Еременко мафҳуми рақобати бевиҷдононаро чунин тавсиф кардааст, ки он «ҳар гуна рафтори ғайриқонуние мебошад, ки хилофи одатҳои тиҷоратӣ, ахлоқи касбӣ ва принсипҳои бовиҷдонӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади рақобат буда, ба дигарон зарар мерасонад ё метавонад зарар нарасонад» ва ин ба муносибатҳои бозории шаффоф ва манфиатҳои иштирокчиёни он таъсири манфӣ мерасонад [119, с. 10-14].

Я. Касянов рақобати бевиҷдононаро ба таври зерин таъриф медиҳад: «Рақобатпазирии мустақили субъектҳои соҳибкорӣ дар бозори маҳсулот бо ҳадафи дарёфти бартарият ё манфиати иқтисодӣ тавассути

эҷоди тасаввуроти манфии муштариён нисбат ба маҳсулоти рақибон ё ташаккули иттилооти ғайривоқеӣ дар бораи маҳсулоти худ», ки ба эътимоди муштариён ва рақобати одилона зиён мерасонад [122, с. 131-137].

Мувофиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат”, рақобати бевиҷдонона ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидориест, ки ба дарёфти афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шуда, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат мекунад, ба рақибон – субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонад ё метавонад расонад, ё ба эътибори тиҷоратии онҳо осеб мерасонад ё метавонад расонад. Аз муқаррароти зикршуда чунин хулоса бармеояд: а) рақобати бевиҷдонона танҳо амалҳои фаъолонаест, ки ба дарёфти афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст; б) ин амалҳо хилофи қонунгузорӣ буда, ҳуқуқвайронкунӣ мебошанд; в) чунин амалҳо ба субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонанд ё метавонанд расонанд, ва ин ба муҳити бозории одилона ва манфиатҳои иштирокчиёни он таъсири манфӣ мерасонад [13].

Аз нуқтаи назари М.З. Раҳимзода: «Рақобати бевиҷдонона ҳуқуқвайронкунӣ буда дорои нишонаҳои зерин мебошанд: 1) кам гардидани шумораи субъектҳои хоҷагие, ки дар бозори мол ба як гурӯҳи шахсон шомил нестанд, 2) баланд ва (ё) паст гардидани нархи моле, ки бо тағйироти дахлдори дигар шароити умумии муомилоти мол дар бозори мол алоқаманд нест, 3) даст кашидани субъектҳои хоҷагидори ба як гурӯҳи шахсон шомил набуда аз фаъолияти мустақилона дар бозори мол, 4) муайян намудани шартҳои умумии муомилоти мол дар бозорҳои мол бо роҳи ноилшавӣ ба созиши байни субъектҳои хоҷагӣ ё тибқи дастури барои иҷро ҳатмии дигар шахсон ва ё дар натиҷаи мувофиқаи (аҳди) амалҳои худ дар бозори мол аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ ба як гурӯҳи шахсон шомилнабуда, 5) дигар ҳолатҳое, ки ба субъекти хоҷагӣ ва ё якчанд субъекти хоҷагӣ имконияти таъсиррасонии яктарафаро ба

шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол муҳайё месозанд» [65, с. 206-207].

Муайян намудани доираи амал ҷиҳати соҳиб шудан барои ба даст овардани бартарият ҳангоми амалӣ намудани фаъолияте, ки бо ин рафтор ба даст омадааст, муқаррар мешавад. Дар ин маврид сухан танҳо дар бораи афзалиятҳои ба истилоҳ беасос меравад, зеро афзалиятҳое, ки тавассути усулҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои пешбурди тиҷорат ба даст оварда шудаанд, маҳсули рақобати бовиҷдонона мебошанд. Афзалиятҳои беасос дар мафҳуми расмии рақобати бевиҷдонона бояд танҳо ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дахл дошта бошанд.

Ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф будани амал имкон медиҳад, ки амали шахс ҳамчун рафтори ғайриқонунӣ ҳуқуқвайронкунӣ эътироф карда шавад.

Мусаллам аст, ки формулаи «хилоф ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки қонунгузор истифода менамояд, бояд ба маънои васеъ баррасӣ кард. Ин маънои онро дорад, ки амали субъекти хоҷагидор агар рақобати бевиҷдонона эътироф шавад, бояд на танҳо ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ, балки ба дигар санадҳои қонунгузорӣ низ мухолиф бошад.

Мавҷудияти зиёни воқеӣ ё эҳтимолии субъекти хоҷагидор – рақиб, ки дар натиҷаи амалҳои андешида ба вуҷуд омадаанд, рақобати бевиҷдононаро аз оқибатҳои молумулкии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимми амали рақобати бевиҷдонона тавсиф мекунад. Зиён ба маънои васеъ оқибатҳои номатлуберо дар назар дорад, ки дар натиҷаи поймол шудани ҳуқуқҳои мадании субъектҳои хоҷагидор ё шахси дигар дар соҳаи молумулкӣ дучор меояд. Масалан, дидаю дониста истифодаи тамғаи молии дигар  ширкат ё ҷамъиятро ғайриқонунӣ истифода бурдан. Ба монанди оне, ки  ҶДММ “Аристон Термо Рус” ба суди иқтисодии ш. Душанбе муроҷиат намуда, талаботи худро бо он асоснок намудааст, ки дар ҳақиқат соҳибҳуқуқи тамғаи молии байналмиллалии “ARISTON

(АРИСТОН)” он буда, аз руйи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии баналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва қонунгузории миллии Тоҷикистон амал карда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ин тамға мол ворид намуда, кор ва хизматрасониҳоро дар самти фурӯши мол тамғаи зикршуда амалӣ мегардонид. Вале ҶДММ “Оро” нишонаи “ARISTON & TERMOLUX (АРИСТОН)” –ро ба тамғаи молии “ARISTON (АРИСТОН)” то дараҷаи иштибоҳангез шабоҳат дода, аз сатҳи байналмилалии шуҳрат пайдонамудаи тамғаи моллии “ARISTON (АРИСТОН)” истифода карда, бо ҳар роҳ моли қалбакиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фурӯш баровbooking, ба ин васила ҳуқуқ ва манфитаҳои ҶДММ “Аристон Термо Рус”-ро поймол кардааст. Суди иқтисодии ш. Душанбе санаи 06 феврали соли 2020 бо ҳалномаи худ даъвои ҶДММ “Аристон Термо Рус”-ро (манъ кардани воридоти маҳсулот бо нишонаи молии “ARISTON (АРИСТОН)” дар хусуси он, ки маҳусулоти қалбакии ҶДММ “Оро” аз гардиш ва муомилот бароварда шуда, маҳсулоти он бо нишонаи молии “ARISTON (АРИСТОН)” нест карда, қонеъ гардонид [164].

Вақте амали як субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон ҳамчун бевиҷдонона арзёбӣ мегардад, тарзи расмии муайян кардани зарар бо мафҳумҳои нав ғанӣ гардонида шуда, ба муносибатҳои бозори шаффоф ва манфиатҳои иштирокчиёни он таъсири манфӣ мерасонад. Ин аз ҷониби қонунгузор ду намуди таъсироти манфии молиявиро равшан нишон медиҳад, ки ба муҳити рақобати одилона зарар мерасонанд, аз ҷумла:

- таъсироте, ки аллакай ба вуҷуд омадаанд (зиёни воқеӣ);
- таъсироте, ки эҳтимолан ба вуҷуд меоянд (зиёни эҳтимолӣ).

Мавҷудияти зарари воқеӣ ё эҳтимолии ба эътибори кории субъекти хоҷагидор – рақиб, дар натиҷаи амал андешидашуда рақобати бевиҷдононаро аз оқибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти ғайримолумулкии амалҳои рақобати бевиҷдонона тавсиф мекунад.

Ҷиҳати таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани рақобати бевиҷдонона ва фаъолияти инҳисорӣ аз тарафи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди иқтисодӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Тибқи омори Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва Суди иқтисодии ш.Душанбе пайваста аз ҷониби субъектони фаъолияти соҳибкорӣ чунин амалҳои рақобати бевиҷдонона ба чашм мерасад. Танҳо дар давраи таҳлилӣ дар суди иқтисодии ш. Душанбе 17 парванда дар самти мазкур баррасӣ карда шуд. Масалан, ҶДММ “Бовар савдо” дидаю дониста ба рақобати бевиҷдонона даст зад, яъне ӯ нишонаи моли соҳибкор Б.Ф. яъне ғайриқонунӣ тамғаи моли “OSMAN”-ро истифода бурда, маҳсулоти бесифати худро бо тамғаи моли соҳибкор Б.Ф. ба фурӯш гузошт. Дар натиҷа соҳибкор Б.Ф. муштариёни худро аз даст дода, зарари моддӣ ва маънавӣ дид. Суди иқтисодии ш.Душанбе санаи 12 апрели соли 2022 бо ҳалномаи худ даъвои соҳибкор Б.Ф.-ро нисбат ба ҶДММ “Бовар савдо” қонеъ гардонд [163].

Мафҳуми эътибори корӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ба сифати ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ муайян карда мешавад (моддаи 243-и КМ ҶТ), вале қонунгузор мафҳуми ҳуқуқии онро надода, инчунин мазмуни онро ошкор мекунад.

Мафҳуми рақобати бевиҷдонона дар Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ ба маънои каме дигар ва васеътар таҳия шудааст. Мувофики банди 2-и моддаи 10.bis Конвенсияи мазкур, ҳама гуна амале, ки хилофи амалияи бовиҷдонӣ дар моликияти саноатӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ аст, амали рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешавад.

Дар доираи меъёри конвенсионӣ ҳама гуна амали рақобат ва тибқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ низ ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор эътироф карда шудааст.

Тибқи қонунгузории миллӣ муайян кардани мафҳуми рақобати бевиҷдонона нисбат ба модели анъанавии он хеле маҳдуд аст. Илова бар ин, нишондоди меъёри дар конвенсия муқарраршуда оид ба зиддияти байни амали рақобат ва одатҳои бовиҷдонона дар моликияти саноатӣ ва тиҷоратӣ тибқи мафҳуми қабулнамудаи қонунгузории ҶТ аз он шаҳодат медиҳад.

Мутобиқат накардани мафҳуми рақобати бевиҷдонона тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мафҳуми дар конвенсия овардашуда ба назар мерасад. Мафҳуми рақобати бевиҷдонона бояд бо мафҳуми рақобат, ки дар банди 1-и м. 2-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" оварда шуааст, мувофиқ карда шавад.

Агар мафҳуми рақобати бевиҷдонона ба нуқтаи дар боло зикршуда таҳлил карда шавад, он гоҳ амали рақобати бевиҷдонона бояд ҳама гуна амали рақобати озоди байни субъектҳои хоҷагидор эътироф гардад.

Тавре аз таҳлили рақобати бевиҷдонона бармеояд, сухан оид бадоираи амали субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати ба даст овардани афзалият ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун амали ғайриқонунӣ, маҳдуд кардани қобилияти таъсиррасонӣ ба ҳамдигар дар доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар доираи рақобат бо мақсади бартараф кардани таъсири яктарафаи ҳар кадоми онҳо ба муомилоти мол меравад.

Паст кардани эътибори корӣ барои паст кардани боварии муштариён (истеъмолкунандагон ё дигар шарикон) ба рақиб ё маҳсулоти он ва ҷалби истеъмолкунандагон ба маҳсулоти худ тавассути паҳн кардани иттилооти номуносиб, ки маълумоти нопурра дар бораи рақибон, молҳо ва хизматҳои онро дар бар мегирад, равона карда шудааст.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода: «Паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, ки боиси расонидани зарар ба дигар субъектҳои хоҷагӣ мегардад, обрӯи кориашонро паст мегардонад.

Шакли дуюми рақобати бевиҷдонона ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оид ба хусусият, тарз, ҷойи истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолӣ, сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад. Тибқи муқарароти қонунгузорӣ рақобати бевиҷдонона бинобар фиреб додани истеъмолкунандагон аз рӯйи макони истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолӣ, сифат ва миқдори маҳсулот ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯй намебошанд, муқаррар менамояд» [67, с. 420].

Ба андешаи Ш.К. Ғаюрзода ва П.З. Мирзозода, мафҳуми сифат мафҳуми мураккаб мебошад ва худ аз худ риояи дақиқи ҳама талаботҳои ҳатмиро дар вақти истеҳсоли маҳсулот на ҳамеша кафолат медиҳад. Дар ин ҷараён риояи чанд талабот муҳим мебошад: якум, пеш аз оғози омодакунӣ бевосита як қатор зинаҳои иловагӣ вуҷуд дорад – ихтироъ, лоиҳакашӣ, азхудкунии маҳсулоти нав, тайёр намудан барои истеҳсол, дуюм, сифати маҳсулот, чунин ҳолатро фаро мегирад, ки пас аз омодасозии он сарф мегардад –ҳангоми интиқол нигоҳдорӣ чорандешӣ намудан, устуворӣ  дар рафти истифодаи дурудароз, дастрасӣ ва имконияти таъмири фаврӣ  ва ғайра [109].

Ҳолати мазкур дар амалия бештар ба чашм мерасад ва дар ин самт Хадамоти зиддиинҳисорӣ чораандешӣ менамояд. Масалан, санаи 13 ноябри соли 2023 аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба соҳибкори инфиродӣ Н.И. Тошев қарор кабул карда шуд. Номбурда дар мағозаи худ дар бозори “Кушониён” қисмҳои эҳтиётии нақлиёти сабукрав бо тамғаи қалбакии «BOSCH»-ро ба фурӯш гузоштааст. Дар рафтори соҳибкор риоя нагардидани талаботи моддаи 6-и Қонуни ҶТ “Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” мавҷуд буда, нисбати ӯ бо назардошти қисми 2-

и мод.377-и Кодекси ҳуқуқвайронкунӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст [161].

Қонунгузорӣ рақобати бевиҷдононаро ҳангоми муқоисаи нодурусти субъекти соҳибкорӣ (аз ҷумла дар ҷараёни фаъолияти рекламавӣ), истеҳсол намудан ё фурӯши мол манъ менамояд.

Муқоисаи нодуруст метавонад ду намуд бошад: а) манфӣ, б) мусбат. Дар муқоисаи манфӣ субъекти хоҷагидор кӯшиш мекунад, ки моли рақибро паст намуда, моли худро таблиғ кунад. Муқоисаи мусбат, баръакс, эътибори моли рақибро суст намекунад, балки онро истифода мебарад. Муқоисае, ки рақиби алоҳида ё рақибон, умуман, моли истеҳсолшаванда ё фурӯхташавандаро нисбат ба моли субъекти дигар истифода менамоянд, муқоисаи номуносиб мебошад.

Рақобати бевиҷдонона, ки бо дарёфт ва истифодаи ғайриқонунии ҳуқуқҳои истисноии марбут ба воситаҳои мушаххас кардани шахсони ҳуқуқӣ, фардигардонии маҳсулот, истифодаи нишонаҳои тиҷоратии шинохташуда, корҳои анҷомшуда ё хизматрасониҳо алоқаманд аст, ба таври қатъӣ манъ карда шудааст, зеро чунин амалҳо ба шаффофияти муносибатҳои бозорӣ, эътимоди муштариён ва муҳити рақобати одилона зарар мерасонанд.

Чунин амалҳо мутобиқи қонунгузории ҶТ шакл (амал)-и мустақили рақобати бевиҷдонона мебошанд. Бояд гуфт, ки бо мақсади татбиқи ин манъкунии қонунгузорӣ на як, балки маҷмуи амалҳо оиди ба даст овардан ва истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаи фардикунонӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Таҳти мафҳуми бевиҷдонона ба даст овардани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои фардикунонӣ амали субъекти хоҷагидор фаҳмида мешавад, ки ҳамчун қасдона ба даст овардани ҳуқуқҳои истисноӣ ба аломате ифода меёбад, ки аз ҷониби рақиб аллакай ҳамчун воситаи фардикунонии фаъолияти худ, моли истеҳсолшаванда ё фурӯхташаванда истифода шуда, дар байни истеъмолкунандагон эътирофи муайянро пайдо

кардааст.Илова бар ин, дар сурати бевиҷдонона ба даст овардани ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ, бо вуҷуди аз ҷониби соҳиби он дар фаъолияти соҳибкорӣ васеъ истифода шудан чунин нишона қаблан бо тартиби муқарраршуда ҳамчун тамғаи молӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Соҳибкори инфиродӣ Ҳ.А. Зиёев дар маркази савдои “Шаҳриёр”, воқеъ дар шаҳри Душанбе, тавассути шабакаи иҷтимоии “Инстаграм” ба фурӯш ва таблиғи маҳсулоти қалбакии таҳти нишонаи тиҷоратии “Самсунг” (Samsung) машғул буда, бо ин рафтораш муқаррароти моддаи 16-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат”-ро нақз карда, ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳиби ҳуқуқи нишонаи тиҷоратиро поймол намудааст, ки ин ба эътимоди муштариён ва муҳити рақобати одилона зарар расонд. Бо қарори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 2024, нисбат ба Ҳ.А. Зиёев тибқи қисми 1-и моддаи 445-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин амалҳои ғайриқонунӣ ҷазо дар шакли ҷаримаи молиявӣ муқаррар гардид, то аз такрори чунин рафторҳо ҷилавгирӣ шавад [162].

Тибқи дидгоҳи Д.А. Сидиқов, шубҳае вуҷуд надорад, ки рақобати бевиҷдонона аксар вақт бо нақзи ҳуқуқи муаллифӣ пайванд буда, дар бештари ҳолатҳо дар истифодаи ғайриқонунӣ ва бидуни иҷозат аз нишонаҳои тиҷоратии маъруфи маҳсулот зоҳир мегардад, ва ин амалҳо ба обрӯи тиҷоратӣ, эътимоди муштариён ва шаффофияти муносибатҳои бозорӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Аммо ин маънои онро надорад, ки бояд онро ба номгӯйи объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ворид намуд, зеро объектхои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ хусусиятҳо ва талаботи худро доранд ва фарогири рақобати бевиҷдонона буда наметавонанд [132].

Истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба чунин нишонаҳо бо мақсади рақобати бевиҷдонона боиси пайдоиши оқибатҳои эҳтимолӣ ё воқеӣ дар шакли омехташавӣ дар бозор ва гумроҳӣ нисбат ба истеҳсолкунандаи

мол (хизматрасонӣ) мегардад. Вобаста ба ин, ҳолатҳои рақобати бевиҷдонона эътироф шудани кирдори субъекти хоҷагидор, ки мақсади гумроҳ намудан бо нишон додани тамғаи моли рақиб, ки дар он шабоҳати чунин тамғаи молӣ бо тамғаи молии рақиб пешбинӣ шудааст, дар идораи патентӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Бо мақсади муқаррар намудани амали рақобати бевиҷдонона, инчунин амалҳои дорои ҳуқуқи тамғаи молӣ фаҳмида мешавад, ки расондани зиён ё осеб бевосита ба эътибори кории рақибе нигаронида шудааст, ки ин нишонаро муддати тӯлонӣ қабл аз пешниҳод намудани ариза барои бақайдгирии он ҷиҳати фардикунонии мол, кор ва хизматрасонии шабеҳ, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқии ин тамғаи молӣ фаро гирифта шудаанд, истифода намудааст. Яъне сухан дар бораи пешгирии вайроншавии ҳуқуқи субъекти хоҷагидор ҷиҳати аз тарафи рақиб истифода кардани тамғаи молии шабеҳи истифодакунандаи ӯ меравад.

Ин ҳолатҳо ба воситаи пешниҳоди даъво оид ба бастани шартномаи литсензионӣ вобаста ба ҳуқуқи истифодаи тамғаи молӣ, пешниҳоди даъво ба суд ҷиҳати қатъ намудани истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ ва пардохти зиён, муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба мақомоти зиддиинҳисорӣ дар бораи рақобати бевиҷдонона пешгирӣ карда шавад.

Қонун чунин рақобати бевиҷдононаи: «ғайриқонунӣ истифодаи тамғаҳои хизматрасонии тамғаҳои молии маъруф, номҳои фирмавӣ ё тамғаҳо, инчунин нусхабардории бастабандӣ ва ороиши берӯнии моли субъекти хоҷагидори дигари алоқамандандро муқаррар менамояд, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкорӣ маҳрум намояд ё ба манфиати онҳо зиён расонад» [13].

Тибқи муқарароти модаи 6-и Қонуни ҶТ «Дар бораи тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ» аз 5 марти соли 2007: «Бе иҷозати соҳибҳуқуқ дар муомилоти маданӣ истифода бурдани тамғаи молӣ (ё нишонае, ки он то дараҷаи иштибоҳангез монанд аст) нисбат ба молҳое, ки барои

фардикунонии онҳо тамғаи молӣ ба қайд гирифта шудааст (ё нисбат ба молҳои бо ин молҳо якхела), ҳамчун вайронкунии ҳуқуқи истисноии соҳибҳуқуқ (истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ) эътироф карда мешавад, чунин амал манъ мебошад» [16].

Истифодаи худсарона ҳамчун истифодаи объекти моликияти зеҳнӣ фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби дорандаи он иҷозат дода нашудааст. Оқибатҳои манфии истифодаи худсарона ва афзалият танҳо ҳангоми ворид шудани маҳсулоти дорои истифодаи ғайриқонунии моликияти зеҳнӣ дар муомилоти маданӣ зоҳир мегардад.

Тибқи моддаи 165-и КМ ҶТ: «Қонунгузории маданӣ иттилооти дорои сирри тиҷоратиро ҳимоя менамояд, ба шарте ки он бинобар ба шахсони сеюм маълум набудан арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта, дар асоси қонун барои истифодаи озодона дастрас набошад ва дорандаи иттилоот ҷиҳати махфӣ (конфиденсиалӣ) нигоҳ доштани он тадбирҳо андешад» [2].

Таҳти мафҳуми ба даст овардани иттилоот бояд имконияти шинос шудан бо маълумоте, ки сирри бо қонун ҳифзшавандаи субъекти хоҷагидор – рақибро ташкил медиҳад ва истифода аз он бо мақсади ба даст овардани афзалият дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ мегардад, фаҳмида шавад. Ифшои иттилоот маънои интиқоли бе иҷозати иттилооти ҳифзшаванда ба шахсонеро дорад, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба ин иттилоотро надоранд.

Бояд қайд намуд, ки: «Шахсоне, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ чунин иттилооти дастрасиаш маҳдудро ба даст овардаанд, инчунин кормандоне, ки хилофи шартномаи меҳнатӣ ё тарафҳои шартнома, ки хилофи шартномаи ҳуқуқи маданӣ сирри тиҷоратиро фош кардаанд, бояд зиёни расондашударо ҷуброн намоянд» [2].

Дар ин маврид маълумоти мавриди назар бояд аз шахсе гирифта шавад, ки ҳуқуқи ихтиёрдории онро дорад. Он метавонад соҳиби иттилоот бошад, ки ба таври қонунӣ маълумот дорад, аммо ҳуқуқи

додани маълумотро ба шахсони сеюм надорад. Масалан, шахс бар хилофи уҳдадориҳои шартномавӣ оид ба истифодаи маълумоти махфӣ онро ба шахси сеюм медиҳад.

Рафторҳое, ки ҳамчун рақобати бевиҷдонона шинохта мешаванд, ба муҳити бозори шаффоф ва эътимоди муштариён зарар расонида, баробарии иштирокчиёни бозорро вайрон мекунанд, аз ҷумла:

– таблиғ, фурӯш, мубодила ё дигар шаклҳои гардиши маҳсулот тавассути истифодаи ғайриқонунии нишонаҳои тиҷоратӣ, аломатҳои хизматрасонӣ, ном ё нишонгузории тиҷоратӣ, инчунин нусхабардории бастабандӣ ё намуди зоҳирии маҳсулоти субъектҳои хоҷагидор, ки ба ҳуқуқи онҳо таҷовуз мекунад;

– мудохила ба фаъолияти тиҷоратии дигарон, пешниҳоди бартариҳои гуногуни моддӣ ба кормандони субъектҳои хоҷагидори рақиб бо мақсади ҷалби онҳо ба манфиати худ ва боздоштани онҳо аз иҷрои вазифаҳои меҳнатиашон, ки ба обрӯи тиҷоратӣ ва рақобати одилона осеб мерасонад;

– амале, ки дастрасии иштирокчиён ба бозорро ба таври ҷиддӣ маҳдуд месозад ва бо ин роҳ имкониятҳои баробари рақобатро коҳиш дода, ба манфиатҳои муштариён ва рушди бозор таъсири манфӣ мерасонад.

Ба ин амалҳо, инчунин рекламаи бевиҷдонона низ дохил мешавад. Тибқи қонунгузорӣ ба рекламаи бевиҷдонона роҳ дода намешавад. Тибқи муқаррароти моддаи 6-и Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, таҳти №34 [19] чунин амалҳо ҳамчун рекламаи бевиҷдонона дониста мешаванд:

«Рекламаи бевиҷдонона рекламае мебошад, ки:

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки аз молҳои рекламашаванда истифода намекунанд, беобрӯ менамояд;

- дорои муқоисаҳои носаҳеҳи моли рекламашаванда бо моли (молҳои) дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда, инчунин мулоҳизаҳо ва

тасвирҳое дорад, ки иззат, шаъну шараф ё эътибори кории рақибонро паст мезанад;

- истеъмолкунандагонро нисбати моли рекламашаванда ба воситаи тақлиди (нусхабардории ё тақлидкории) лоиҳаи умумӣ, матн, формулаҳои рекламавӣ, тасвир, таъсироти мусиқӣ ва савтии дар рекламаи молҳои дигар истифодашаванда ё тавассути суиистифодаи боварии шахсони воқеӣ ё нокифоя будани таҷрибаю дониши онҳо, аз ҷумла бо сабаби дар реклама мавҷуд набудани қисматҳои муҳимми иттилоотӣ ба иштибоҳ меандозад» [19].

Пешгирӣ кардани рақобати бевиҷдонона аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ошкор шудани аломатҳои рақобати бевиҷдонона мақомоти зиддиинҳисорӣ ба онҳо огоҳӣ медиҳад ва дар сурати ошкор шудани амалҳои рақобати бевиҷдонона қарор мебарорад, ки бояд иҷрои чунин амалҳо қатъ карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки бовиҷдонӣ ё бевиҷдонии рафтори субъект амали баҳодиҳии ҷомеа мебошад. Дилхоҳ баҳодиҳӣ аз рӯйи пайдоиши худ субъективӣ мебошад. Бинобар ин, бевиҷдонии объективӣ ба баҳогузорӣ эҳтиёҷ надорад [149, с. 26].

Ҳамин тариқ, рақобати бевиҷдонона рафтори иштирокчии бозор аст, ки бо роҳи гумроҳ намудан, фиреб додан, бевиҷдонӣ, қаллобӣ, маҷбуркунӣ ё рафтори беадолатона дар фаъолияти соҳибкорӣ ё тиҷорат нисбат ба рақибони худ амад намуда, афзалият ба даст меорад. Масалан, соҳибкори инфиродӣ Сироҷиддини Б.Ҳ. дар шаҳри Душанбе маводҳои шустушӯиро бо тамғаи қалбакии “Рамис” ба фурӯш гузошта, ба соҳиби тамғаи моли ҶДММ “Сатурн 1” зарар расонид. Нисбати номбаршуда аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 25 октябри соли 2023 тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 377-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи аз даҳ то понздаҳ нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳо пешбинӣ карда шуд [162].

Ба андешаи А.Д. Ғафурзода ва А.Қ. Каримов: «Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рақобат меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқии мушаххас аҳаммият пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, амалҳои рақобати бевиҷдонона, ки хилофи ин меъёру принсипҳо мебошанд, ғайриқонунӣ дониста мешаванд. Эътироф намудани рақобати бевиҷдонона душвор намебошад, ки чунин рафторро қонунгузорӣ ба таври мушаххас муайян намудааст. Тавсифи он дар моддаи 16-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» омадааст» [108, С. 10-14]. Ба андешаи М.З. Раҳимзода "дар умум рақобати бевиҷдонона на танҳо ба меъёрҳои ҳуқуқ, балки ба ахлоқ низ мухолифат мекунад, зеро шаҳрвандон, соҳибкорон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ бояд принсипҳои ахлоқии ҷомеа ва қоидаҳои одоби тиҷоратро риоя намоянд" [61, с. 41].

Таҳқиқоти дар доираи боби мазкур гузаронидашуда ба мо имконият медиҳад, ки ба хулосаҳои зерин биёем:

1. Мувофиқи ин, муайян кардани картели пешбининамудаи сархати 22-и моддаи 2-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат"-ро ба муайян кардани муқаррарнамудаи м. 7-и он мувофиқ мешуморем, ё онро ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидор-рақибон, яъне байни субъектҳои хоҷагидор, ки молро дар як бозори мол мефурӯшанд ё байни субъектҳои хоҷагидор, ки молро дар як бозори мол харидорӣ мекунанд (зеро харидорон низ метавонанд иштирокчиёни созиши картелӣ бошанд).

Бо мақсади дар амал кам кардани мушкилот зарурати гузаронидани ҳудуди дақиқи қонунгузорӣ байни амалҳои мувофиқашуда ва созишномаҳо бо роҳи муайян кардани таърифи алоҳидаи ҳар яки онҳо дар қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз ин рӯ, мафҳуми картел (созишномаи уфуқӣ), ки дар моддаи 2-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" нишон дода шудааст, бояд ба созишнома (амалҳои мувофиқашуда) иваз карда шавад.

2. Мутобиқат накардани мафҳуми рақобати бевиҷдонона тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мафҳуми дар конвенсия

овардашуда ба назар мерасад. Мафҳуми рақобати бевиҷдонона бояд бо мафҳуми рақобат, ки дар банди 1-и м. 2-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” оварда шуааст, мувофиқ карда шавад.

3. На ҳамаи амалҳои субъекти хоҷагидор ё гурӯҳи шахсон ҳамчун рақобати бевиҷдонона дар қонунгузорӣ баррасӣ карда мешаванд, зеро танҳо он фаъолияте, ки бо аз худ намудани бартарият дар вақти амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бо расонидани зарар (воқеӣ ё эҳтимолӣ) ба дигар субъектҳои хоҷагидор равона карда шудааст, рақобати бевиҷдонона мебошад.

4. Дар мафҳуми рақобати бевиҷдонона тибқи қонунгузорӣ риоя нагардидани меъёрҳои одобу ахлоқ дарҷ нагардидаанд, аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар мафҳуми “рақобати бевиҷдонона” пас аз ибораи “хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” ибораи “принсипҳои одобу ахлоқ ва адолат” низ ворид карда шавад.

5. Бо мақсади дақиқ кардани масъулияти афроде, ки дар рафторашон аломатҳои рақобати бевиҷдонона мушоҳида мешавад, аммо ба хусусиятҳои дар қонун муқарраршуда мутобиқат намекунанд, дар низоми қонунгузорӣ ба рӯйхати амалҳое, ки рақобати бевиҷдононаро ташкил медиҳанд, бояд банди иловагии “рафторҳои дигаре, ки ба рақобати бевиҷдонона оварда мерасонанд” ворид карда шавад, то муҳити бозори шаффоф, баробарии иштирокчиёни бозор ва эътимоди муштариён аз таъсири амалҳои зиддирақобатӣ ҳифз гардад.

# БОБИ 3. ЧОРАҲОИ МАҲДУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ

## 3.1. Азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагӣ

Дар асоси қисми 1-и м. 58-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) метавонад бо қарори муассисон (иштирокдорон)-и он ё мақомоти шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дорои чунин ваколат мебошанд, анҷом дода шавад» [2].

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд: «Анавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ қатъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба миён наоварда, танҳо гузариши онҳоро аз як шахси ҳуқуқӣ ба шахси ҳуқуқии дигар ба амал мебиёрад» [86].

Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ метавонад ба таври ихтиёрӣ (дар асоси қарори муассисон) ва маҷбурӣ (дар асоси санади судӣ) анҷом дода шавад.

Ҳолатҳо ва шартҳои азнавташкилдиҳии маҷбурии шахси хукуқӣ дар қисми 2-и м. 58-и КМ ҶТ чунин муқаррар гардидааст: «Бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисорӣ дар қонун мумкин аст, ки ҳолатҳо ва тартиби маҷбурии азнавташкилдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси санади судӣ пешбинӣ карда шаванд. Агар муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ, мақомоти ваколатдори онҳо ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ барои азнавташкилдиҳии он ваколатдоранд, азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро дар муҳлати муқаррарнамудаи санади судӣ анҷом надиҳанд, суд мудири берунаи шахси ҳуқуқиро таъин намуда, ба ӯ супориш медиҳад, ки азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро анҷом диҳад. Аз лаҳзаи таъин гардидани мудири беруна ваколати идоракунии шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи ӯ мегузарад. Мудири беруна аз номи шахси ҳуқуқӣ дар суд амал мекунад ва тавозуни тақсимотро тартиб дода, онро якҷоя бо ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ бавуҷудоянда ҷиҳати тасдиқ ба суд месупорад. Аз ҷониби суд тасдиқ гардидани

ҳуҷҷатҳои мазкур барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии навтаъсис асос мебошад» [2].

Муттаҳидшавӣ, яъне якҷоя кардани ду ё зиёда шахсони ҳуқуқӣ ба як шахси ҳуқуқии навтаъсис, равандест, ки дар натиҷаи он шахсони ҳуқуқии қаблӣ фаъолияташонро қатъ мекунанд ва ин ба таъмини муносибатҳои бозори шаффоф ва пешгирӣ аз таъсири манфӣ ба рақобат мусоидат мекунад. Дар ҳолати ҳамроҳшавӣ як шахси ҳуқуқӣ ба сохтори шахси дигари ҳуқуқӣ ворид мегардад ва дар ин маврид танҳо фаъолияти шахси ҳуқуқии ҳамроҳшуда ба поён мерасад, дар ҳоле, ки шахси ҳуқуқии қабулкунанда фаъолияташро идома медиҳад. Лозим ба зикр аст, ки ҳангоми муттаҳидшавӣ ё ҳамроҳшавӣ, дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявии субъекти фаъолияташ қатъгардида тибқи санадҳои расмӣ ба субъекти навтаъсис ё субъекти қабулкунанда интиқол дода мешаванд, то идораи молиявӣ ва ҳуқуқии онҳо мутобиқ ба қонунгузорӣ сурат гирад.

Бояд таъкид намуд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис ё азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор, инчунин таъсис ва азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагидор, ки арзиши сармояи оинномавии онҳо аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, танҳо бо гирифтани иҷозати пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ имконпазир аст, то аз эҳтимоли ташкили инҳисор дар бозор пешгирӣ шавад.

Дар баробари ин, муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ ё ҳамроҳшавии як шахси ҳуқуқӣ ба шахси дигари ҳуқуқӣ, дар сурате ки арзиши умумии тавозунии дороиҳои онҳо (ё дороиҳои гурӯҳи шахсони онҳо) тибқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад, таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо пардохти сармояи оинномавии (шариконаи) он тавассути саҳмияҳо, ҳиссаҳо ё дигар дороиҳои шахси ҳуқуқӣ, ба даст овардани саҳмияҳо ва ҳиссаҳое, ки ҳуқуқи овоздиҳиро дар сармояи оинномавии (шариконаи) субъектҳои хоҷагидор таъмин мекунанд, инчунин бархамдиҳӣ ё тақсимшавӣ (ҷудошавӣ)-и шахси

ҳуқуқӣ, ки арзиши дороиҳояш аз бисту панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, агар ин боиси таъсиси шахси ҳуқуқие гардад, ки дар бозори маҳсулот мавқеи бартар дорад, бояд бо тасдиқи пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ анҷом дода шавад, то рақобати солим ва манфиатҳои иштирокчиёни бозор ҳифз гарданд (моддаи 25-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат") [13].

Дар ҳолатҳои номбаршуда шахс ё мақомоти манфиатдор, илова бар ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти сабти давлатӣ пешниҳод мекунанд, ба мақомоти зиддиинҳисорӣ дархосте барои гирифтани иҷозат ба таъсис ё азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод менамоянд, ки дар он маълумот дар бораи самтҳои асосии фаъолият, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, кор ё хизматрасониҳо дар бозорҳои мушаххас дарҷ гардидааст, то шаффофияти раванди бозорӣ ва пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ таъмин карда шавад [13].

Дар чунин ҳолат шахсе, ки дар бораи азнавташкилдиҳӣ қарор қабул мекунад, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои мақомоти бақайдгирии пешниҳодшаванда ба мақомоти зиддиинҳисорӣ ҷиҳати розигӣ додан барои азнавташкилдиҳӣ дархост пешниҳод менамояд.

Дар қонунгузорӣ ҳолати азнавташкилдиҳии ширкату ҷамъиятҳои тиҷоратиро, ки дар асоси қарори мақомоти ваколатори давлатӣ муайян гардидаанд, бояд талаботи меъёрҳои қонунгузории зиддинҳисориро ба инобат гиранд. Дар бархе аз асноди меъёрии ҳуқуқӣ, азнавташкилдиҳии баъзе созмонҳои тиҷоратӣ бо тасдиқи мақомоти дигари давлатӣ муқаррар гардидааст, ки ин мақомот дар мавриди масъалаҳои мухталиф иҷозат дода, ҳамзамон мутобиқати ин амалҳо бо талаботи қонунгузории зиддиинҳисориро низ ба таври ҷиддӣ ба инобат мегиранд, то муҳити бозории шаффоф ва рақобати одилона барои иштирокчиёни бозор ва муштариён ҳифз карда шавад. Масалан, тибқи моддаи 27-и Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19 майи соли 2009, таҳти №524: «Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ,

ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) ташкилоти қарзӣ танҳо бо розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад» [11].

Қисми 3-и м. 27-и қонуни мазкур муайян менамояд, ки: «Бонки миллии Тоҷикистон ба захираҳои молиявӣ, идоракунӣ ва дурнамои фаъолияти ташкилотҳои қарзии амалкунанда ва навтаъсис баҳо дода, то ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҷавобгӯ нагардидани ташкилоти қарзии навтаъсис ба дархости онҳо розигӣ намедиҳад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қисми 1-и моддаи мазкур дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ низ розигӣ намедиҳад» [11]. Меъёри мазкур маънои онро дорад, ки ҳангоми азнавташкилдиҳии ташкилотҳои қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон оид ба масъалаи риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ розигӣ медиҳад.

Сабти давлатии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо, ки таъсис ё азнавташкилдиҳии онҳо бидуни гирифтани иҷозати пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ сурат гирифтааст, тибқи тартиби муқарраршудаи судӣ бо даъвои мақомоти зиддиинҳисорӣ ғайриқонунӣ эътироф гардида, бекор карда мешавад, то муҳити бозори шаффоф ва рақобати одилона барои иштирокчиёни бозор ва муштариён ҳифз карда шавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, назорати зиддиинҳисорӣ ба ду намуди асосӣ тақсим мешавад: назорати пешакӣ ва назорати баъдӣ, ки аз рӯи мубтанӣ ва равишҳои гузаронидани онҳо фарқият доранд ва ин тақсимбандӣ барои пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ ва таъмини баробарии иштирокчиёни бозор муҳим аст.

Назорати пешакӣ пеш аз анҷоми якҷояшавӣ, ҳамроҳшавӣ, таъсиси созмонҳои тиҷоратӣ, иҷрои муомилот ё дигар амалҳои марбута гузаронида мешавад ва дар ин маврид гирифтани тасдиқи мақомоти зиддиинҳисорӣ барои амалисозии амалҳои дар дархост зикршуда шарти ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, то аз ташкили инҳисорот ва маҳдудияти рақобат пешгирӣ карда шавад.

Иҷозати мақомоти зиддиинҳисорӣ ҳангоми бастани шартномаҳо ё анҷоми дигар амалҳо ҳамчун назорати пешакии риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва амалҳои баъдӣ арзёбӣ гардида, барои таъмини шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва пешгирӣ аз вайронкуниҳои зиддиинҳисорӣ хизмат мекунад [117, с. 8-13].

Ҳамчун меъёри асосии назорати мутамарказияти иқтисодӣ, дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" рӯйхати нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз қабили андозаи сармояи субъектҳо, муқаррар шудааст, ки барои арзёбии таъсири азнавташкилдиҳӣ ба бозор муҳим аст. Аз ин рӯ, агар азнавташкилдиҳӣ боиси коҳиши рақобати солим гардад ё имкони чунин коҳишро дошта бошад, ё ин ки мақомоти зиддиинҳисорӣ ҳангоми санҷиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда норасоии маълумот ё иттилооти ғайривоқеиро ошкор намоянд, қарори рад кардани дархости азнавташкилдиҳӣ қабул карда мешавад, то манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва муштариён ҳифз гарданд [13].

Дар сурате, ки созмони тиҷоратӣ маълумоти дархостшудаи мақомоти зиддиинҳисориро пешниҳод накунад ё маълумоти мавҷударо дар ихтиёр нагузорад, қарори дахлдор дар бораи тасдиқи азнавташкилдиҳӣ қабул карда намешавад, то аз амалҳои ғайриқонунӣ ва таъсири манфӣ ба рақобат пешгирӣ карда шавад.

Агар субъектҳои хоҷагидоре, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, мавқеи бартар дошта бошанд ва ба таври мунтазам (зиёда аз ду мавриди нақз дар тӯли се сол) муқаррароти қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кунанд, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳақ доранд ба суд бо талаби азнавташкилдиҳии маҷбурии онҳо (ба шакли тақсим ё ҷудо кардани воҳидҳои сохтории онҳо) муроҷиат намоянд, ба шарте ки ин амал ба пешрафти рақобати солим мусоидат кунад ва барои барқарорсозии муҳити бозории одилона хизмат намояд.

Яке аз тадбирҳои муассир бар зидди нақзкунандагони қонунгузории зиддиинҳисорӣ азнавташкилдиҳии маҷбурии созмонҳои тиҷоратӣ мебошад, ки танҳо дар шакли ҷудо кардани шахси ҳуқуқӣ ё тақсим кардани як ё якчанд шахсони ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, то ба ширкатҳо ва иттиҳодияҳо имкон дода нашавад, ки рақобати солимро коҳиш диҳанд ё аз мавқеи бартар дар бозор истифодаи нодуруст намоянд ва ин ба ҳифзи манфиатҳои муштариён ва иштирокчиёни бозор кӯмак мекунад.

Ба ин тартиб, азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун як воситаи самараноки пешгирии фаъолиятҳои инҳисорӣ эътироф гардида, барои таъмини муҳити бозори шаффоф, баробарии соҳибкорон ва пешгирӣ аз таъсири манфӣ ба рақобат хизмат мекунад.

Дар асоси нуқтаи назари В.Г. Филлипов: «Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро метавон ҳамчун маҷмуи амалҳои муайяни ҳуқуқӣ донист, ки ба қатъ ва (ё) таъсис (тағйир додани)-и як ё якчанд шахсони ҳуқуқӣ, ки бо гузариши ҳуқуқ ва ухдадориҳои ташкилоти азнавташкилшаванда бо тартиби таъин намудани ворис тағйироти дахлдори таркиби субъективии муносибатҳои ҳуқуқиро ҳамроҳӣ мекунанд, равона карда шудааст» [84, с. 111].

Пеш аз ҳама, чораи азнавташкилдиҳӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон амалӣ карда мешавад [130, с. 20-25].

Мувофиқи меъёрҳои умумӣ, азнавташкилдиҳии ташкилотҳо ба таври ихтиёрӣ анҷом дода мешавад, ки ин ба соҳибкорон ва иштирокчиёни бозор имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои худро бо хоҳиши худ мутобиқ ба талаботи бозор ва қонунгузорӣ идора намоянд. Аммо дар ҳолатҳои махсуси муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, азнавташкилдиҳӣ ба шакли маҷбурӣ татбиқ мегардад, то аз амалҳои зиддирақобатӣ пешгирӣ шуда, муҳити бозори шаффоф ва манфиатҳои муштариён ҳифз карда шаванд.

Ба тариқи маҷбурӣ ташкилотҳои тиҷоратӣ, инчунин ғайритиҷоратии машғули фаъолияти соҳибкорӣ, ки вазъи ҳукмфармоиро соҳиб шуда,

қонунвайронкуниҳои зиддиинҳисориро содир намудаанд, метавонанд аз нав ташкил карда шаванд [46, с. 1000].

Мутобиқи м. 27-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат”: «Дар ҳолатҳое, ки субъектҳои хоҷагидори машғули фаъолияти соҳибкорӣ буда, мавқеи ҳукмфармоиро соҳиб мебошанд ва мунтазам талаботи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон мекунанд, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад, бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисорӣ дар бораи markaзнавташкилдиҳии (тақсимкунии, ҷудокунии) онҳо дар доираи воҳидҳои сохториашон, агар ин барои инкишофи рақобат мусоидат намояд, ба суд муроҷиат кунад.

Аз ҷониби субъекти хоҷагидор содир намудани беш аз ду далели вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се сол, ки бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ошкор карда шудааст, мунтазам вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад» [13].

Ба ақидаи К.Ю. Тотев, азнавташкилдиҳии маҷбурӣ татбиқи воқеии чораҳо оид ба ғайриинҳисорикунонии фаъолияти субъекти хоҷагидор мебошад ва аз тарафи дигар, ба таъмини мавҷудияти субъектҳои мустақили хоҷагидор, ки дар ҷараёни чунин тартиб ба вуҷуд меоянд, равона карда шудааст [81, с. 264]. Мо чунин мешуморем, ки зарурати азнавташкилдиҳии маҷбурии субъектҳои хоҷагидор аз сабаби номувофиқатии объективии фаъолияти онҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳои давлат ҳамчун таъсири манфии ин фаъолият ба муҳити рақобат ба инобат гирифта шуда мебошад.

Қарори марбут ба азнавташкилдиҳии маҷбурии созмони тиҷоратӣ дар сурате қабул карда мешавад, ки фаъолиятҳои инҳисории он, ба далели мавқеи бартар дар бозор, рақобати солимро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳад ва ин боиси маҳдудияти имкониятҳои баробари иштирокчиёни бозор ва зарар ба манфиатҳои муштариён мегардад. Дар

чунин ҳолат, суд салоҳият дорад, ки дар бораи тақсимоти маҷбурии созмони тиҷоратӣ ё ҷудо кардани як ё якчанд созмони тиҷоратӣ аз сохтори он қарор қабул намояд, аммо танҳо ба шарте, ки ин амал ба пешрафти рақобати одилона мусоидат кунад ва муҳити бозори шаффофро таъмин намояд. Ин талаботи қонун ба қабули қарорҳои мутавозин ва асоснок дар мавриди markaзнавташкилдиҳии маҷбурӣ аз ҷониби мақомоти судӣ нигаронида шудааст ва ба он вобаста аст, ки азнавташкилдиҳии маҷбурӣ ҷазои субъекти хоҷагидор барои нақзи қонунгузории зиддиинҳисорӣ нест, балки шарҳ барои таъсир ба сохтори бозор, ки шароити мусоидро барои рушди рақобати солим фароҳам меорад ва барои ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор хизмат мекунад.

Бо дарназардошти он, ки азнавташкилдиҳии маҷбурӣ метавонад ба натиҷаҳои номатлуби бозор оварда расонад, барои қабули қарори судӣ дар бораи татбиқи азнавташкилдиҳии маҷбурӣ бояд шартҳои муайяни зарурӣ мавҷуд бошанд, то аз таъсири манфӣ ба иштирокчиёни бозор ва муштариён пешгирӣ карда шавад. Тақсимоти маҷбурии созмони тиҷоратӣ ё ҷудо кардани як ё якчанд созмони тиҷоратӣ аз сохтори он дар ҳолатҳои зерин имконпазир аст:

1) Лозим аст, ки сохторҳои нави мустақил дар доираи созмон таъсис дода шаванд, то фаъолияти онҳо ба таври муассир ба пешрафти рақобат мусоидат намоянд.

2) Сохторҳои наве ташкил карда мешаванд, ки аз ҷиҳати технологӣ ва дигар равандҳои истеҳсолӣ набояд бо воҳидҳои сохтории созмони тиҷоратӣ робитаи мустақими технологӣ дошта бошанд, ба шарте, ки ҳаҷми маҳсулот, кор ё хизматрасонии аз ҷониби ҳамин шахси ҳуқуқӣ истеъмолшаванда аз сӣ фоизи ҳаҷми умумии маҳсулот, кор ё хизматрасонии истеҳсолшудаи воҳидҳои сохтории ин созмони тиҷоратӣ зиёд набошад, то мустақилияти онҳо таъмин гардад.

3) Бояд имкони фаъолияти мустақилона дар бозори мушаххаси маҳсулот барои шахсони ҳуқуқие, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтаанд, вуҷуд дошта бошад, то онҳо тавонанд ба таври баробар бо дигар иштирокчиёни бозор рақобат кунанд ва ба рушди муҳити бозори одилона мусоидат намоянд.

Шартҳои дар боло зикршуда дар асоси даъвои мақомоти зиддиинҳисорӣ барои муайян кардани далели исбот дар парвандаҳои тақсими маҷбурӣ ё ҷудо кардани ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дар ниҳоят барои дуруст қабул кардани қарори суд аз рӯйи моҳияти баҳс хеле муҳим мебошанд.

Бояд дар бораи як қатор фарқиятҳои ин шаклҳои азнавташкилдиҳӣ сухан ронд. Ҳамин тавр, ҳангоми ҷудошавӣ ҳадди ақал ду ҷамъияти нав ҳамчун субъектҳои мустақили хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд. Дар айни замон ҳангоми ҷудошавӣ танҳо як субъекти нави хоҷагидорӣ ҳангоми идомаи мавҷудияти он, ки аз субъекти нав ҷудо карда шудааст, ба вуҷуд меояд. Ҳангоми тақсимшавӣ субъекти хоҷагидори амалкунанда амалан мавҷудияти худро қатъ мекунад, дар ҳоле, ки дар сурати ҷудо шудан аз ҳайати субъекти амалкунанда субъекти нав ҷудо карда шуда, мавҷудияти субъекти аввал қатъ намегардад.

Ба ақидаи мо, камбудии қонунгузорӣ набудани мустаҳкамкунии меъёрии мафҳуми "маҷбуран азнавташкилдиҳӣ" мебошад.

Ба андешаи мо м. 27-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" ба талаботи объективии мубориза бо вайронкунандагони қонунгузории рақобатӣ ҷавобгӯй нест. Дар робита бо ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи мазкур дар қисми алоҳида меъёри азнавташкилдиҳии маҷбурӣ муқаррар карда шавад [13].

Мувофиқи муқаррароти қонун: "Азнавташкилдиҳии маҷбурии созмони тиҷоратӣ як раванди ҳатмист, ки бо ҳадафи пешбурди рақобати солим тавассути қарори судӣ оид ба тақсимоти субъекти хоҷагидор (шахси ҳуқуқӣ) ё ҷудо кардани воҳидҳои он дар ҳолати такроран анҷом

додани амалҳои инҳисорӣ бо истифода аз мавқеи бартар дар бозор сурат мегирад, то муҳити бозори шаффоф ва баробарии иштирокчиёни бозор таъмин гардад ва манфиатҳои муштариён ҳифз карда шаванд.”

Ҳолати мазкур бояд тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бо пешниҳоди мақомоти ваколатдори соҳа бо қарори суд анҷом дода шавад.

Барои азнавташкилдиҳии маҷбурии субъекти ҳукумфармоӣ дошта маҷмуи шартҳои зерин талаб карда мешаванд:

1) Мақсад аз тақсимоти маҷбурӣ рушди рақобат мебошад;

2) Тақсимоти маҷбурӣ дар асоси омилҳое анҷом дода мешавад, ки вобастагии молумулкии субъектҳои тақсимшуда мавҷуд намебошанд [155, с. 26].

3) Набудани вобастагии мутақобили технологӣ миёни воҳидҳои сохтории созмон, ба вижа дар сурате, ки ҳаҷми маҳсулот, кор ё хизматрасонии аз ҷониби ҳамин шахси ҳуқуқӣ истеъмолшаванда аз си фоизи ҳаҷми умумии маҳсулот, кор ё хизматрасонии тавлидшудаи воҳидҳои сохтории созмон зиёд набошад, то мустақилияти воҳидҳои навтаъсис таъмин гардад ва ба пешрафти рақобати одилона мусоидат кунад;

4) Мавҷудияти имкони фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори мушаххаси маҳсулот дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ, ки ба он имкон медиҳад бо дигар иштирокчиёни бозор ба таври баробар рақобат намояд ва ба рушди муҳити бозори шаффоф кӯмак расонад [13].

Ҳангоми қабули қарор дар мавриди азнавташкилдиҳии маҷбурии созмони тиҷоратӣ суд вазифадор аст, ки ҳар яке аз шартҳои зикршударо ба таври дақиқ баррасӣ ва арзёбӣ намояд, ва танҳо дар сурати мавҷуд будани тамоми шартҳои муайяншуда салоҳият дорад, ки дар бораи татбиқи азнавташкилдиҳии созмон қарор қабул кунад, то ин амал ба таъмини баробарии иштирокчиёни бозор, ҳифзи манфиатҳои муштариён ва пешгирӣ аз таъсири манфӣ ба рақобати солим мусоидат намояд.

Ҳамзамон, дар вақти азнавташкилдиҳии маҷбурӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектоне, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода мешаванд, бояд ба инобат гирифта шаванд.

Мақсади азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар шакли тақсим ва ҷудо кардани шахсони ҳуқуқӣ аз ҳайати шахсии ҳуқуқии дигар маҳдуд кардани мавқеи субъекти фаъолияти инҳисорӣ ва зиёд намудани субъектон дар бозар ва рушди рақобат мебошад.

Маҷбуран азнавташкилдиҳии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба он хотир анҷом дода мешавад, ки мавқеи ҳукмронии чунин субъект кам карда шавад, то ки дигар иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ, низ тавонанд дар бозор иштирок намоянд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки вобаста ба маҷбуран азнавтақсимкунии ташкилот, масъалаи бақайдгирии он ба миён меояд. Қонунгузории ҶТ ба таври умум уҳдадории сабти давлатии шахсони ҳуқуқиро муқаррар намудааст, то шаффофияти фаъолиятҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои бозори одилона барои иштирокчиёни бозор ва муштариён таъмин гардад. Мувофиқи қисми 2-и моддаи 15-и Қонуни ҶТ “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” шахсони ҳуқуқии ҷудошуда бояд расман ба қайди давлатӣ гузаронида шаванд, то фаъолияташон мутобиқи қонун идома ёбад. Ҳамчунин, қисми 2-и моддаи 17-и ҳамин қонун муайян мекунад, ки мақоми салоҳиятдор дар ин самт маълумотро дар бораи ба охир расидани фаъолияти шахси ҳуқуқие, ки ба ду ё зиёда шахсони ҳуқуқӣ тақсим шудааст, ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, сабти давлатии ду ё зиёда шахсони ҳуқуқии навтаъсисро, ки дар натиҷаи ин тақсимот ба вуҷуд омадаанд, анҷом медиҳад, то равандҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқии онҳо ба таври шаффоф ва мутобиқи қонун идома ёбанд [12].

Қонуни номбурда танзими махсуси муносибатҳои марбут ба сабти давлатиро ҳангоми азнавташкилдиҳии маҷбурӣ, ки аз ҷониби идоракунандаи беруна бо фармони суд татбиқ мегардад, дар бар

намегирад, ки ин норасоӣ метавонад ба мураккаб гардидани раванди сабт ва таъсири манфӣ ба иштирокчиёни бозор оварда расонад. Дар рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки мувофиқи қисми 1-и моддаи 11-и қонуни мазкур барои сабти давлатӣ заруранд, ягон ҳуҷҷати алоҳида аз мақомоти судӣ барои сабти азнавташкилдиҳии маҷбурӣ пешбинӣ нашудааст, дар ҳоле ки моддаи 58-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи ҳуҷҷатҳоро аз ҷониби суд барои сабти давлатии ширкатҳо ва иттиҳодияҳои навтаъсис ҳатмӣ мешуморад, ки ин тафовут дар қонунгузорӣ метавонад ба нофаҳмиҳо ва мушкилот дар амал оварда расонад [12].

Барои ҳалли масъалаи мазкур чунин пешниҳод менамоем, ки тартиби дурусти бақайдгирии давлатии субъектони ба таври маҷбурӣ таъсис додашуда дар м. 11-и Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" муайян карда шавад.

Аз ҷумла, барои истифодаи самараноки тақсимоти маҷбурӣ дар амал зарур мешуморем, ки дар қонунгузорӣ имконияти гузаронидани расмиёти омехтаи азнавташкилдиҳӣ иҷозат дода шавад. Ҳамчун илова бояд ҳуқуқи интихоби субъекти азнавташкилшаванда барои ҳамроҳкунии субъекти хоҷагидори тақсимшаванда ё ҷудошаванда бо иштирокчии амалкунандаи бозор пешбинӣ гардад [12].

## 3.2. Танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз

Дар робита ба мафҳум ва пайдоиши шахсони бонуфуз, М.З. Раҳимзода чунин таъкид мекунад: «Мафҳуми шахсони бонуфуз дар кишвари мо дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, дар шароити тавсеаи васеъ ва мураккаб гардидани муносибатҳои иқтисодӣ, ба вуҷуд омад, ки ин раванд ба таъмини шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ мусоидат намуд» [64, с. 204].

Мафҳуми “шахси бонуфуз” аз забони англисӣ, аз феъли “to affiliate” сарчашма гирифтааст, ки маънои “пайваст кардан, вобаста будан” ё “алоқаманд будан”-ро ифода мекунад ва ин истилоҳ ба муносибатҳои муайяни иқтисодӣ ва ҳуқуқии байни субъектҳо ишора дорад. Шарти эътироф шудани як субъект ҳамчун шахси бонуфуз дар он аст, ки байни он ва шахсе, ки субъекти мазкур нисбат ба он бонуфуз дониста мешавад робитаи хосе вуҷуд дорад, ки ин робита натиҷаҳои ҳуқуқиро ба бор меорад, ва ин ба танзими муносибатҳои бозорӣ, ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва таъмини рақобати одилона мусоидат мекунад.

Дар ИМА шахси бонуфуз шахсест, ки қодир аст ба фаъолияти корпоратсия таъсир расонад. Ба он директорон, шахсони мансабдор ва баъзе саҳмдорон дохил мешаванд. Вобаста аз мазмун шахсони бонуфуз метавонанд танҳо “шахсони бонуфуз” номида шаванд. Ҳамзамон, шахсони бонуфузро шахсони назораткунанда ё инсайдерҳо низ номидан мумкин аст.

Дар робита ба бақайдгирии коғазҳои қиматнок, Комиссияи коғазҳои қиматнок ва биржа мафҳуми шахсони бонуфузро хеле васеъ муайян намудааст, ки инҳоро дар бар мегирад:

1. шахсоне, ки 10% ё зиёда саҳмияҳои ширкату ҷамъиятро дар ягон самт дар даст доранд;

2. ҳар шахсе, ки таблиғгари ширкату ҷамъият аст ва бо ширкат дар ҳама гуна фаъолият алоқамандӣ дорад;

3. ҳар гуна нигоҳдорандаи асосии коғазҳои қиматноки ба қайд гирифташуда;

4. ҳар шахсе, ки хизматрасонии идоракунӣ ё машваратии ширкат ё ҷамъиятро пешниҳод мекунад;

5. ҳар як шарики яке аз шахсони дар боло зикршуда [141, с. 70-77].

Ҳангоми танзими амалиёт бо коғазҳои қиматнок фарқ кардани шахсони бонуфуз аз дигарон муҳим аст. Шахсони бонуфуз аксар вақт ба иттилооти инсайдерӣ дастрасӣ доранд ва аз ин рӯ, амалиёти онҳо

бодиққат танзим карда мешавад. Агар фаъолияти ташкилот ё молу мулки зиёд тибқи созишномаи амалиётӣ ё иҷораи қарздор амалӣ карда шавад, дар ин ҳолат онҳо шахсони бонуфуз ҳисобида мешаванд.

Дар мурофиаи муфлисшавӣ шахсони бонуфуз нафароне мебошанд, ки ягон қисми ширкат (ҷамъият)-ро соҳиб ё назорат мекунанд. Қарздор шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки барои муфлисшавӣ муроҷиат мекунад, аз ин рӯ, шахсони бонуфузи онҳо шахсоне хоҳанд буд, ки ширкати қарздор доранд ё онҳое, ки соҳиби қарз мебошанд.

Шахсони бонуфузе, ки 20% ҳиссаи ширкат (ҷамъият) ё бештар аз онро доранд ё ҳуқуқи овоздиҳӣ ба ин фоиз доранд, шахсони бонуфуз ҳисобида мешаванд. Ба ибораи дигар, шахсони бонуфуз ширкат (ҷамъият) ё шахсе мебошанд, ки 20% ҳиссаи ширкатро (ҷамъият) доранд. Аммо дар мавриди соҳибоне, ки коғазҳои қиматнокро ҳамчун идоракунандаи ваколатдор, назоратчии қарз ё агентӣ доранд, чунин қоидаҳо барои шахсони бонуфуз татбиқ карда намешаванд.

Дар доираи шартномаи кредит шахсони бонуфуз шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие мебошанд, ки қисми зиёди ташкилотеро, ки қарз мегирад ё қарз пешниҳод мекунад, назорат мекунанд ё доранд. Боз ҳам, ин шахсони бонуфуз метавонанд бевосита ё бавосита ташкилотро назорат кунанд. Аммо, ин қоидаҳо ба корхонаҳои фаръии ташкилот дахл надоранд.

Ба шахсони бонуфуз иштирок дар амалҳои муайян, аз қабили хариду фурӯши саҳмияҳо ё дигар дороиҳои як ширкат ё иттиҳодияи ба қайд гирифташуда, ё ягон ширкат ё иттиҳодияе, ки таҳти назорати чунин ширкати ба қайд гирифташуда қарор дорад, қатъиян манъ аст, зеро ин амалҳо метавонанд ба шаффофияти муносибатҳои бозорӣ, баробарии иштирокчиёни бозор ва манфиатҳои муштариён таъсири манфӣ расонанд. Ин манъият танҳо дар ҳолатҳои зерин истисно мешавад:

- саҳмияҳое, ки аз ҷониби харидор нашр шудаанд;

- саҳмияҳое, ки аз ҷониби фурӯшанда нашр гардида, қисми пешниҳоди оммавии онҳо ба дорандагони ин саҳмияҳо тааллуқ доранд;

- саҳмияҳое, ки аз амонатгузории сармоягузории қарзӣ ё барномаи пардохтҳои даврӣ иборатанд ва ин истисно барои таъмини муҳити бозории одилона ва пешгирӣ аз истифодаи нодуруст аз мавқеи бонуфуз муҳиманд [142, с. 5-13].

Муҳаққиқ И.С. Шиткина ба муносибатҳои вобастагии иқтисодӣ диққати асосӣ дода, чунин қайд мекунад, ки онҳо муносибатҳои «ду субъекти иқтисодӣ, ки дар онҳо мавҷудият ва фаъолияти як субъект қисман ё пурра аз иродаи дигар» [42, с. 649] тобеъ аст, фаҳмида мешаванд.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода: «Шахсони бонуфуз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки дар муносибатҳои ташкилӣ, шартномавӣ ва молумулкӣ бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор дошта, ба якдигар таъсир мерасонанд. Бо сабаби чунин алоқамандӣ, онҳо ҳамчун субъекти ягонаи бонуфузи хоҷагӣ ҳисобида мешаванд» [64, с. 204].

Аз рӯйи фаҳмишҳои овардашуда, алоқаи бонуфуз бо вобастагии иқтисодӣ ба таври возеҳ пайгирӣ карда мешавад, гарчанде ин мафҳумҳо ягона намебошанд.

Шахси бонуфуз дар фаъолияти худ кӯшиш мекунад, то ба қабули қарорҳои шахси ҳуқуқӣ оид ба иштироки онҳо дар муомилоти маданӣ тавассути манъи қабули қарорҳои шахси ҳуқуқӣ таъсир расонад [146, с. 124].

Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" мафҳуми шахсони бонуфуз чунин муайян шудааст: «Ҳамчун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ки метавонанд ба субъектҳои хоҷагидор ва инчунин ба бозори мол таъсир расонанд» [13]. Дар ҳамин ҳол, дар қ. 1-и м. 13-и Қонуни мазкур қайд карда мешавад: «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолате шахсони бонуфуз ҳисобида мешаванд, ки метавонанд ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидори дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) фаъолиятдошта таъсир расонанд» [13].

Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” мафҳуми шахси бонуфуз ба таври зерин ифода ёфтааст: “шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки тавоноии таъсир расонидан ба фаъолиятҳои субъектҳои бозори саҳмияҳоро дорад” (қисми 1, моддаи 1) ва ин таъриф ба танзими муносибатҳои бозорӣ, таъмини шаффофият ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва муштариён мусоидат мекунад [14].

Пешниҳод карда мешавад, ки таърифи шахсони бонуфуз, ки дар қ. 1-и м. 13-и Қонун муқаррар карда шудааст, аз рӯйи мазмуни худ аз ҳад зиёд васеъ буда, он ба мафҳуми шахсони бонуфуз дохил кардани шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда низ имкон медиҳад. Ин метавонад ба мушкилоти татбиқи ҳуқуқ вобаста ба тафсири амалии аломатҳои шахсони бонуфуз оварда расонад. Вобаста ба ин, муайян кардани шахсони бонуфуз, ки дар қ. 1-и м. 13-и Қонун пешбинӣ шудааст, бояд ба таърифи муқаррарнамудаи м. 2-и Қонуни мазкур ягона карда шавад. Яъне мафҳуми шахсони бонуфуз мақсаднок аст, ки танҳо дар моддаи 2-и Қонуни мазкур мустаҳкам гардад.

Ҳамзамон, мафҳуми расмии шахсони бонуфуз дар м. 3-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” аз 5 марти соли 2007, таҳти №237 ба таври зайл муқаррар шудааст: «Шахсони бонуфуз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки қодиранд ба субъектҳои хоҷагидори фаъолияти соҳибкорӣ таъсир расонанд. Шахсони бонуфузи ҷамъияти саҳомӣ шахсони мансабдори он (аъзои Шурои директорон (Шурои нозирон), аъзои мақоми коллегиявии иҷроия) ва саҳмдоре, ки дорои 20 фоиз ва аз ин бештари саҳмияҳои овоздиҳандаи онро дорад» [9].

Дар баъзан санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми ташкилотҳои бонуфуз муайян шудааст. Масалан, мувофиқи м. 1-и Конвенсияи 144 Конвенсия оид ба машваратҳои сеҷониба (меъёрҳои байналмилалӣ дар самти меҳнат), соли 1976 “дар Конвенсияи мазкур истилоҳи “ташкилотҳои бонуфуз” ба маънои ташкилотҳои бонуфузтарини

соҳибкорон ва меҳнаткашон омадааст, ки аз ҳуқуқ ва озодии иттиҳодияҳо истифода мебаранд” [6].

Якҷоя намудани мафҳуми шахси бонуфуз бо мафҳуми гурӯҳи шахсон мухолифатро дар муайян намудани мафҳумҳои зерин ба вуҷуд меорад. Масалан, агар нисбат ба гурӯҳҳои молиявии саноатӣ дар мафҳуми шахси бонуфуз танҳо шахсони роҳбарикунандаи ташкилот дохил карда шуда бошанд, он гоҳ дар мафҳуми гурӯҳи шахсон ҳамон ташкилотҳо низ дохил карда шудаанд.

Ба дидгоҳи Н. Шонасриддинов ва Ф.М. Нодиров, арзиши истилоҳи ҳуқуқии “шахси бонуфуз” дар он зоҳир мегардад, ки он имкон медиҳад афроди мушаххасеро, ки тавоноии таъсир расонидан ба фаъолиятҳои соҳибкориро доранд, ҷудо карда, бо онҳо якҷоя як субъекти воҳид ё гурӯҳи шахсонро ташкил намоянд ва ин барои муайян кардани манбаъҳои таъсир ба муносибатҳои бозорӣ ва пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ муҳим аст. Набудани назорат бар фаъолиятҳои шахсони бонуфуз метавонад ба густариши амалҳои инҳисорӣ дар бозор оварда расонад, ки ба шаффофияти бозор ва баробарии иштирокчиёни он зарар мерасонад. Аз ин рӯ, шахсони бонуфуз бояд таҳти назорати қатъии давлатӣ қарор гиранд, то рақобати одилона ва манфиатҳои муштариён ҳифз карда шаванд [90, с. 431].

Мувофиқи қисми 2-и моддаи 13-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат”, ба доираи шахсони бонуфуз шахсони зерин шомил мешаванд:

- аъзои шурои директорон (шурои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии муштарак, аъзои мақомоти иҷроияи дастаҷамъии созмон, инчунин шахсоне, ки салоҳияти мақоми ягонаи иҷроияи он созмонро амалӣ мегардонанд;

- афроде, ки ба гурӯҳи марбут ба шахси ҳуқуқӣ дохил шуда, бо он робитаи мустақими иқтисодӣ ва идоракунӣ доранд;

- шахсоне, ки зиёда аз бист фоизи овозҳоро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳои ташкилдиҳандаи сармояи оинномавии (шариконаи) ҳамин

шахси ҳуқуқӣ таaллуқ доранд, дар ихтиёр доранд. Агар шахси ҳуқуқӣ узви иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ бошад, ба доираи шахсони бонуфузи он аъзои шурои директорон (шурои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии муштараки он иттиҳодия, инчунин афроде, ки салоҳияти мақоми ягонаи иҷроияи иштирокчиёни гурӯҳи саноатию молиявиро иҷро мекунанд дохил мешаванд, ва ин муқаррарот ба таъмини шаффофияти муносибатҳои бозорӣ, пешгирӣ аз истифодаи нодуруст аз мавқеи бонуфуз ва ҳифзи рақобати солим мусоидат мекунад [13].

Ба ақидаи А.В. Габов, худ аз худ доштани беш аз 20%-и овозҳо наметавонад ба таври возеҳ нишон диҳад, ки шахс шахси ҳуқуқиро назорат мекунад [40, с. 656]. Л.Д. Эбралидзе хулоса мебарорад, ки ихтиёрдории 20 ва зиёда фоизи овозҳо аз шумораи умумии овозҳо дар маҷлис ба таври возеҳ нишон намедиҳад, ки соҳиби саҳмияҳо ё ҳиссаҳо ҳуқуқҳои иловагиро вобаста ба қабули қарорҳо дар сатҳи мақомоти олии идоракунии шахси ҳуқуқӣ доро аст [154, с. 162].

Дар қонунгузорӣ дар баробари мафҳуми “шахсони бонуфуз” мафҳуми “гурӯҳи шахсон” низ пешбинӣ шудааст.

Дар моддаи 13-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” шахсони бонуфуз ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидорӣ баррасӣ карда мешаванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ин ифода қобили қабул намебошад. Шахси бонуфуз субъекти алоҳидаи ҳуқуқӣ намебошад, лекин гурӯҳи шахсон бошанд, дорои қобилияти ҳуқуқӣ буда, на дар ҳама муносибатҳо, балки танҳо дар доираи қонунгузории зиддиинҳисорӣ муайян карда мешаванд. Дар қонунгузорӣ номгӯйи шахсони бонуфузи шахси ҳуқуқӣ шахсонеро дар бар мегирад, ки ба гурӯҳи шахсон бо шахси ҳуқуқии мушаххас дохил мешаванд.

Маврид ба зикр аст, ки мафҳуми “шахси бонуфуз” нисбат ба мафҳуми “гурӯҳи шахсон” васеътар мебошад. Мафҳумҳои “шахси бонуфуз” ва “гурӯҳи шахсон” дараҷаи гуногуни алоқаҳои ҳуқуқии байни субъектонро ифода менамоянд. Шахсони бонуфуз субъекти ягонаро

ташикл намедиҳанд, аммо алоқаҳои байни онҳо аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд.

Дар қонунгузорӣ ҳамсарон, падару модарон, фарзандон ва бародарону хоҳарон ба сифати доираи гурӯҳи шахсони воқеӣ ворид карда мешаванд.Ин субъектон бо ҳамдигар дар алоқаи хешутаборӣ қарор дошта, ба гурӯҳи шахсони бонуфуз ба воситаи эътироф намудани онҳо ҳамчун аъзои гурӯҳи шахсон дохил карда мешаванд. Ба андешаи мо, мақсаднок аст, агар онҳоро ҳамчун шахсони бонуфуз эътироф намуд, зеро муносибатҳои хешовандӣ барои шахсони бонуфуз хос буда, ба муносибтаҳои зиддиинҳисорӣ алоқаманд нестанд.

Бо далелҳои А.Н. Кайл розӣ шудан мувофиқ аст, ки мафҳуми “гурӯҳи шахсон” бештар категорияи қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи рақобат буда, мафҳуми “шахсони бонуфуз” категорияи қонунгузории корпоративӣ мебошад [157]. Аз ин рӯ, барои мубориза бо рақобати бевиҷдонона дар қонунгузорӣ маҳз категорияи “гурӯҳи шахсон” истифода мешавад.

Номгӯйи шахсони бонуфузи овардашуда нишон медиҳад, ки шахсони бонуфуз нисбат ба шахси ҳуқуқӣ на танҳо иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ, балки шахсоне мебошанд, ки бо асосҳои дигар метавонанд ба иштироки шахси ҳуқуқӣ дар муомилот таъсир расонанд. Ба сифати мисол шахсонеро нишон додан мумкин аст, ки ба мақомоти шахси ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

Барои бандубасти шахси бонуфуз танҳо таъсири як шахс ба шахси дигар, сарфи назар аз имконияти таъсири баръакс (мутақобила) дар доираи муносибатҳои онҳо аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад.

Бо назардошти он ки шахсони бонуфуз имконияти таъсиррасонӣ ба субъектони хоҷагидорро доранд, дар қонунгузорӣ баъзе уҳдадориҳои иловагӣ нисбат ба онҳо пешбинӣ шудаанд. Масалан, дар муқаррароти моддаи 9-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷаъиятҳои саҳомӣ” чунин омадааст: «Шахсони бонуфузи ҷамъияти саҳомӣ вазифадоранд дар шакли хаттӣ

ҷамъияти саҳомиро оид ба саҳмияҳои худ бо зикри миқдор ва намуди (навъи) онҳо дар давоми 10 рӯзи санаи ба даст овардани саҳмияҳо огоҳ намоянд. Агар дар натиҷаи бо гуноҳи шахси бонуфуз пешниҳод нагардидани иттилооти зикргардида ё сари вақт пешниҳод накардани он ба ҷамъияти саҳомӣ зарари молумулкӣ расонда шавад, шахси бонуфуз дар назди ҷамъияти саҳомӣ  ба андозаи зарари расондашуда масъул мебошад» [14].

Бо мақсади коҳиш додани сатҳи таъсиррасонии шахсони бонуфуз баъзе маҳдудиятҳо нисбат ба онҳо ҷорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти қисми 2-и м. 55-и Қонуни ҶТ "Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок" дар фаъолият ба инсайдерҳо, инчунин ба шахсони бонуфузи онҳо чунин амалиётҳо  манъ аст:

- гузарондани амалиёт бо коғазҳои қиматнок бо истифода аз иттилооти махфӣ ба манфиатҳои худ ё ба манфиати шахси сеюм;

- ба шахсони сеюм додан ё дастрас намудани иттилооти махфӣ ё иттилооти ба он асосёфта;

- додани тавсияҳо ба шахсони сеюм ҷиҳати гузарондани амалиёт бо коғазҳои қиматнок, ки ба иттилооти махфӣ асос ёфтаанд.

Ҳамин тавр, тибқи меъёрҳои Қонуни ҶТ "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" истилоҳи шахсони бонуфуз дарҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

«1) ҳангоми муайян кардани ҳавасмандии шахсон дар анҷом додани аҳдҳои ҷамъиятҳои хоҷагӣ;

2) ҳангоми муайян кардани директорҳои мустақил, ки ҳуқуқи қабул намудани қарор дар бораи аз тарафи ҷамъияти саҳомиеро доранд, ки зиёда аз 500 нафар мебошанд ва аҳдҳое, ки ба онҳо ҳавасмандӣ зоҳир мешавад;

3) ҳангоми муайян кардани шумораи шахсоне, ки дар бораи онҳо иштирокчиёни ҷамъияти хоҷагӣ ба ҳамин ҷамъият пешниҳод мешавад;

4) ҳангоми муайн кардани шахсони уҳдадоре, ки тибқи боби 12-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” бо тартиби муайянкарда зиёда аз бист фоизи саҳмияҳои ҷамъиятҳои кушодаи саҳомиро дар даст доранд [9].

5) ҳангоми муқаррар намудани номгӯйи шахсоне, ки иттилоот дар бораи онҳо дар ҷамъияти хоҷагӣ нигоҳ дошта мешавад (м. 84 ва 86-и ҚонуниҶТ “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, м. 56-и Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд”)» [5].

Таҳлили қонунгузории ҶТ нишон медиҳад, ки масъалаи танзими зиддиинҳисории фаъолияти шахсони бонуфуз ба таври пурра ба роҳ монда нашудааст. Вобаста ба ин масъала М.З. Раҳимзода дуруст қайд мекунад: «Танзими ҳуқуқии нуфузнокӣ аз тарафи қонунгузории рақобат анҷом дода мешавад. Он хислати боқимондагӣ (аъзои боқимондаро) дорад. Новобаста аз он ки мафҳуми “шахсони бонуфуз” дар Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи рақобат” дода шудааст, худи бонуфузӣ ва оқибати он моҳиятан ҳеҷ гоҳ предмети батанзимдарории қонунгузории зиддиинҳисорӣ набуд. Инчунин бояд қайд намоем, ки дар қонунгузорӣ оид ба ҳимояи рақобат муқаррарот оид ба хусусияти назорати зиддиинҳисорӣ барои фаъолияти шахсони бонуфуз, оид ба таъсири онҳо ҳангоми баҳо додан ба муҳити рақобатӣ ва дар бораи имкони таъсиррасонӣ ба шахсоне, ки бонуфуз мебошанд, мавҷуд намебошад. Аз ин ҷо мақомоти зиддиинҳисории ҶТ наметавонанд ҳеҷ гуна механизми таъсиррасониро нисбат ба шахсони бонуфуз татбиқ намоянд» [64]. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур бояд дар доираи қонунгузорӣ муайян карда шавад.

Дар натиҷаи пажуҳишҳои анҷомдодашуда дар доираи боби мазкур, мо ба хулосаҳои зерин расидем, ки барои таъмини муҳити бозори шаффоф, баробарии иштирокчиёни бозор ва ҳифзи манфиатҳои муштариён муҳиманд:

1. Яке аз нуқсонҳои қонунгузорӣ дар он аст, ки мафҳуми “азнавташкилдиҳии маҷбурии созмони тиҷоратӣ” ба таври меъёрии

дақиқ мустаҳкам карда нашудааст, дар ҳоле, ки ин муқаррарот барои муайян кардани речаҳои махсуси танзими ҳуқуқӣ барои нақзи қонун аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ зарур аст. Аз ин рӯ, дар низоми қонунгузорӣ пешниҳод мешавад, ки ибораи "азнавташкилдиҳии маҷбурии созмони тиҷоратӣ" бо таърифи зерин ворид карда шавад: "раванде, ки бо ҳадафи пешбурди рақобати солим тавассути қарори судӣ оид ба тақсим ё ҷудо кардани субъекти хоҷагидор – шахси ҳуқуқие, ки мавқеи бартар дошта, ба таври такрорӣ ба фаъолиятҳои инҳисорӣ машғул аст, анҷом дода мешавад", то шаффофияти бозор ва пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ таъмин гардад.

2. Тавсия дода мешавад, ки дар қонунгузорӣ меъёре ҷорӣ карда шавад, ки мувофиқи он мақомоти судие, ки дар бораи тақсимоти маҷбурӣ ё ҷудо кардани созмони тиҷоратӣ қарор қабул мекунад, бояд доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшавандаро, ки ба созмонҳои навтаъсис дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ интиқол дода мешаванд, ба таври дақиқ муайян намояд, то равандҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқии онҳо мутобиқи қонун идома ёбанд ва манфиатҳои иштирокчиёни бозор ҳифз гарданд.

3. Муқаррароти кунунии моддаи 27-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" ба талаботи воқеии мубориза бо нақзкунандагони қонунгузории рақобатӣ пурра ҷавобгӯ нест, ки ин монеаи муассир будани чораҳои пешгирӣ аз амалҳои зиддирақобатӣ мегардад. Дар ин робита, пешниҳод мешавад, ки тартиби азнавташкилдиҳии маҷбурӣ дар қисми алоҳидаи ин модда ба таври муфассал муқаррар карда шавад, то барои мақомоти судӣ ва иштирокчиёни бозор равшанӣ андозад ва ба пешрафти рақобати одилона мусоидат намояд.

4. Истилоҳи "шахсони бонуфуз", ки дар банди 1-и моддаи 13-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" зикр шудааст, аз ҷиҳати мазмун хеле фаррох буда, имкон медиҳад, ки шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда низ ба ин доира дохил карда шаванд ва ин метавонад

боиси мушкилоти татбиқи амалии қонун вобаста ба тафсири аломатҳои шахсони бонуфуз гардад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки таърифи шахсони бонуфузи дар банди 1-и моддаи 13 пешбинишуда ба бахши "мафҳумҳои асосӣ"-и қонуни мазкур мутобиқ карда шуда, ба таври дақиқ муайян гардад, то нофаҳмиҳо дар амалия пешгирӣ шуда, шаффофияти муносибатҳои бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои муштариён таъмин карда шаванд [13].

5. Дар моддаи 13 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат" шахсони бонуфуз ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидорӣ баррасӣ карда мешаванд. Ба андешаи мо, ин ибора қобили қабул намебошад. Бояд қайд намуд, ки шахсони бонуфуз ба доираи субъектони ҳуқуқ дохил намешаванд, ба он нигоҳ накарда, ки дар байни онҳо робита дида мешавад. Ин доираи шахсон субъекти ҳуқуқӣ мебошад, гарчанде фаъолияти онҳо на ба ҳама муносибатҳои соҳибкорӣ, балки танҳо ба он муносибатҳое, ки ба соҳаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ тааллуқ доранд, дахл дорад.

# ХУЛОСА

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшуда метавон хулосаҳои зеринро пешниҳод кард:

1. Таъкид кардан муҳим аст, ки инҳисор амалҳои субъектҳои иқтисодиро ифода мекунад, ки бо ишғоли мавқеи ҳукумфармоӣ дошта дар бозори мушаххаси мол (кор, хизматрасонӣ) монеаҳои ҷиддӣ барои дастрасии дигар иштирокчиён ба ин бозор эҷод намуда, имкониятҳои рақобати бовиҷдононаро маҳдуд мекунанд ва ба рушди гуногунии пешниҳодҳо (молу хизматрасонӣ) барои истеъмолкунандагон халал мерасонанд. Чунин амалияҳои инҳисорӣ метавонанд ба пайдоиши шароити рақобати бевиҷдонона, аз ҷумла муқаррар кардани нархҳои беасос баланд ё сунъӣ паст мусоидат намуда, ба истеъмолкунандагон зарар расонанд, онҳоро аз молҳои дастрас ва босифат маҳрум кунанд ва ба соҳибкорони дигаре, ки ба иштироки баробар дар равандҳои бозорӣ талош мекунанд, осеб расонанд, ки ин зарурати танзими қатъии ҳуқуқиро барои ҳифзи адолати иқтисодӣ ва некӯаҳволии ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Ин ба сифати молу хизматрасонии пешниҳодшаванда таъсири манфӣ мерасонад. Субъектҳое, ки ба фаъолияти инҳисорӣ машғуланд, нархҳои молҳои худро бидуни дарназардошти нархҳои рақибон муайян намуда, имкони муқаррар кардани нархҳои аз ҳад баландро ба даст меоранд. Дар натиҷа, тиҷорати озод маҳдуд шуда, муқаррар кардани нархҳои воқеии бозорӣ имконнопазир мегардад.

Дар ин ҳол, амалҳои инҳисорӣ метавонанд дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амалҳои мувофиқашуда, ки рақобати солимро коҳиш медиҳанд, зоҳир шаванд ва ин ба шаффофияти муносибатҳои бозорӣ, баробарии иштирокчиёни бозор ва манфиатҳои истеъмолкунандагон таъсири манфӣ мерасонад.

Амали мувофиқашуда созишномаест, ки ба созишномаҳои асосёфта ба мутақобилаи мустақим ё ғайримустақим байни корхонаҳо (аз ҷумла

пешниҳод ё мубодилаи иттилоот) мувофиқат намекунад. Ҳадаф ё натиҷаи чунин амалҳо таъсир ба рафтори дигар иштирокчиёни бозор буда, метавонанд имкониятҳои онҳоро маҳдуд карда, ба рушди рақобати бовиҷдонона монеъ шаванд ва ба рушди иқтисодӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон зарар расонад. Суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ дошта амалҳои яктарафаест, ки дар он субъекте, ки дар бозор бартарият дорад, аз қудрати худ барои саркӯб кардани рақобат истифода бурда, шароити нобаробар эҷод мекунад ва ба дигар иштирокчиёни бозор зарар мерасонад, ки ин зарурати назорати қатъии ҳуқуқиро барои ҳифзи озодии соҳибкорӣ ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъкид мекунад. Мавқеи ҳукмфармоӣ дошта дар бозор ҳамчун ҳолати субъекти хоҷагидор тавсиф мешавад, ки ба ӯ имкон медиҳад ҳаракати намуди муайяни мол ё хизматрасониро дар бозори мушаххас муайян кунад ва ҳамзамон монеаҳои назаррас барои иштирокчиёни наве, ки мехоҳанд ба ин муҳити бозорӣ ворид шаванд, эҷод намояд, ки ин гуногунии пешниҳодҳо ва навовариҳоро маҳдуд карда, танзими бодиққатро барои нигоҳдории тавозун талаб мекунад. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» таърифи дақиқи қонунгузории мавқеи ҳукмфармоӣ дошта, ки масалан, қобилияти хориҷ кардани дигар субъектҳои хоҷагидорро аз бозори мол дар бар мегирад, мавҷуд нест, ки ин номуайянӣ дар заминаи ҳуқуқӣ эҷод карда, муқобилаи самаранок бо амалияҳои инҳисориро мушкил месозад ва зарурати фаврии муосирсозии қонунгузориро барои таъмини муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии ҷомеа таъкид мекунад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки ин номуайянӣ бояд бо ворид кардани таърифи мавқеи ҳукмфармоӣ дошта бартараф карда шавад [1-М].

2. Асоснок карда мешавад, ки истилоҳҳои «субъекти хоҷагидор» ва «субъекти фаъолияти соҳибкорӣ» якхела буда, шахсони ҳуқуқиро, аз ҷумла хориҷӣ, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва

ғайритиҷоратӣ, инчунин шахсони воқеиро, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо мақсади дарёфти фоида анҷом медиҳанд, дар бар мегиранд. Ин таъриф ба муайян кардани доираи иштирокчиёни бозор ва таъмини муносибатҳои одилонаи бозорӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, тасдиқ карда мешавад, ки гурӯҳи шахсон метавонанд ҳамчун субъектҳои фаъолияти инҳисорӣ баромад кунанд, аммо дар қонунгузории амалкунанда таърифи ягонаи «гурӯҳи шахсон» мавҷуд нест, ки метавонад боиси мушкилоти татбиқи ҳуқуқ гардад. Ба ақидаи муаллиф, гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагидор буда, аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бар асоси қобилияти назорат ва таъсири мутақобила дар қонунгузорӣ ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор эътироф мешаванд, ки ин барои пешгирӣ аз амалҳои инҳисорӣ муҳим аст. Барои фаҳмиши дақиқи мафҳуми ҳуқуқии гурӯҳи шахсон ҳамчун падидаи зиддиинҳисорӣ шартҳои зерин заруранд:

Аввалан, гурӯҳи шахсон тавассути иттиҳоди доираи муайяни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо муносибатҳои расмӣ пайвастанд, ташаккул меёбад, ки рафтори баъзе иштирокчиёнро нисбат ба дигарон пешакӣ муайян мекунад ё замина барои чунин муайянсозӣ фароҳам меорад ва бо ин роҳ ба тартиб даровардани мутақобилоти бозорӣ мусоидат мекунад. Сониян, мавҷудияти ин робитаҳо заминаи ҳуқуқиро барои эътирофи ин иттиҳоди шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор фароҳам меорад, ки ин барои пешгирӣ аз таъсири манфӣ ба рақобати боинсоф ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аҳамияти калидӣ дорад.

Шомил кардани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба гурӯҳи шахсон бар асоси се хусусияти робитаҳои онҳо, ки чунин гурӯҳро ташаккул медиҳанд, сурат мегирад: а) робитаҳои молумулкӣ; б) муносибатҳои ташкилию сохторӣ; в) вобастагӣ ва ин хусусиятҳо барои муайян кардани нақши онҳо дар бозор ва пешгирӣ аз амалҳое, ки ба рақобат монеъ мешаванд, истифода мешаванд [3-М].

3. Бо дарназардошти ташаккул ва такмили заминаи меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудаанд, метавон ба якчанд марҳилаи калидӣ тақсим кард, ки ҳар кадоми онҳо дар ташаккули шароит барои рақобати бевиҷдонона ва шаффоф, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, инчунин тақвияти адолати иқтисодӣ нақши муҳим бозида, ба рушди устувори ҷомеа ва нигоҳдории имкониятҳои баробар барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ мусоидат намудааст.

а. Марҳилаи аввали ташаккул ва таҳаввули қонунгузорӣ, ки ба танзими рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ нигаронида шудааст, давраи аз соли 1991 то соли 1994-ро фаро мегирад. Дар ин давра, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз соли 1993 қабул шуда, заминаи ибтидоиро барои тартиб додани мутақобилоти бозорӣ эҷод кард.

б. Марҳилаи дуюм, ки бо тақвият ва рушди заминаи меъёрӣ дар соҳаи рақобат ва муқобила бо амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, давраи аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила, санадҳои асосии қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 9 ноябри соли 2000 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» аз 28 июли соли 2006 қабул ва татбиқ шуданд, ки заминаро барои ташаккули муҳити рақобати бовиҷдонона ва шаффоф фароҳам овარданд, ба пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ, ки имкониятҳои бозориро маҳдуд мекунанд, мусоидат намуда, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро таъмин карданд, ки ба онҳо имкон дод аз молу хизматрасонии босифат истифода баранд, инчунин соҳибкоронро дар талоши онҳо ба иштироки баробар дар равандҳои

иқтисодӣ дастгирӣ карда, дар маҷмуъ асосҳои бозори одилона ва рушди устувори иқтисодиро мустаҳкам намуданд.

в. Марҳилаи сеюм бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад [8-М].

